СУХАНИ ПЕШВО

# ТАЪРИХУ ФАРҲАНГИ МИЛЛАТИ ШАРАФМАНДИ ТОҶИК БО ЗАБОНИ МОДАРӢ ПАЙВАНДИ УЗВӢ ВА НОГУСАСТАНӢ ДОРАД

**Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ**

**05.10.2024, шаҳри Душанбе**

**Ҳамватанони азиз!**

Ҳамаи шумо ва ҳамватанони бурунмарзиамонро ба ифтихори Рӯзи забони давлатӣ, ки дар миёни ҷашнҳои давлативу миллии Тоҷикистони соҳибистиқлол мақому манзалати хосса дорад, самимона табрик мегӯям.

Масъалаи таваҷҷуҳу ғамхории пайваста нисбат ба забони давлатӣ, таҳкими мақоми он ва густариш бахшидан ба доираи истифодаи забони ширину шоиронаи тоҷикӣ дар сиёсати давлати мо аз оғози соҳибистиқлолӣ то имрӯз яке аз масъалаҳои афзалиятнок ва аввалиндараҷа мебошад.

Яъне, имрӯз забони давлатӣ, ки дар умқи таърих реша дорад, зери ҳимояи бевоситаи давлат қарор дошта, барои рушду пешрафт ва истифодаи он дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ҳамаи шароиту имкониятҳо муҳайё мебошанд.

Дар ин замина, бо ташаббуси Ҳукумати мамлакат давра ба давра ҳуҷҷатҳои дахлдор, аз ҷумла, «Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 – 2030» қабул ва амалӣ шуда истодаанд, ки ба татбиқи саривақтии муқаррароти Қонун «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» равона гардидаанд. Вале ин нуктаро низ ёдовар бояд шуд, ки забони давлатӣ ба ғамхориву пуштибонии доимӣ на танҳо аз ҷониби давлату Ҳукумат, балки аз ҷониби ҷомеаи шаҳрвандӣ ва кулли сокинони мамлакат ниёз дорад, зеро рушди пайваста ва ҳамаҷонибаи он рамзи устувориву пойдории давлат ва истиқлоли сиёсии мо дар замони пурошӯби имрӯза мебошад.

Миллати шарафманду бостонии тоҷик илму фарҳанг, таъриху адабиёт ва ҳаёти маънавии худ, яъне, расму оинҳо ва суннату анъанаҳои рангоранги хешро бо ҳамин забони пурғановат офарида, аз насл ба насл ба мерос гузоштааст.

Мо, хушбахтона, забони адабии ширину шевое дорем, ки аз рӯзгори Сомониён то ба имрӯз асолати худро нигоҳ доштааст. Ба ибораи дигар, осори дар замони давлатдории ин сулолаи миллӣ эҷодшударо хонандаи имрӯза баъди беш аз ҳазор сол ба осонӣ мефаҳмад.

Дар посдории забони миллӣ ва пойдориву бақои он адибони асрҳои миёна-фарзандони фарзонаи миллати тоҷик-саҳми бузурги таърихӣ гузоштаанд. Хусусан, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Адиб Собири Тирмизӣ, Низомӣ, Саноӣ, Аттор, Мавлонои Балхӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Камол, Ҷомӣ, Ҳилолӣ, Соиб, Сайидо, Бедил, Шоҳин ва садҳо нафари дигар барои ғановату мондагории забони ширини тоҷикӣ нақши барҷаста бозидаанд.

Мутафаккирону олимони сатҳи ҷаҳонӣ борҳо эътироф кардаанд, ки дар таъриху тамаддуни башарӣ тоҷикон ҳамчун мардумони ориёитабор яке аз миллатҳои қадимтарин ва забони модарияшон, яъне, забони тоҷикӣ аз ҷумлаи забонҳои бостонии сайёра ба ҳисоб рафта, саҳми онҳо дар рушди илму фарҳанг ва тамаддуни ҷаҳонӣ ниҳоят муҳим мебошад. Беҳуда нест, ки Гёте-шоири маъруфи олмонӣ Ҳофизи Шерозиро «малик-уш-шуарои ҳамаи дунё» хитоб кардааст.

Борҳо гуфтаам ва бори дигар хотирнишон менамоям, ки таъриху фарҳанги миллати шарафманди тоҷик бо забони модарӣ пайванди узвӣ ва ногусастанӣ дорад. Яъне, миллати куҳанбунёди тоҷик таъриху

фарҳанги камназири худро тавассути ҳамин забон иншо ва ба ҷаҳониён муаррифӣ кардааст.

Итминони комил дорам, ки забони модарии мо ин рисолати худро ҳазорсолаҳои дигар низ идома хоҳад дод.

Бояд гуфт, ки ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ барои рушду такомул ва инкишофу таҳаввули забони тоҷикӣ шароиту имкониятҳои бесобиқа фароҳам овард.

Ҳоло забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатии Тоҷикистони соҳибистиқлол аз минбарҳои баландтарини дунё, аз ҷумла, созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ садо медиҳад.

Имрӯз ҷаҳониён миллати моро бо номи тоҷик, яъне, ориёӣ, давлатамонро бо номи Тоҷикистон ва забонамонро бо номи забони тоҷикӣ мешиносанду эътироф ва эҳтиром менамоянд.

Бинобар ин, ҳар яки мо вазифадорем, ки забони модарии ширину шево ва шоиронаи худро ҳифз кунем, барои боз ҳам сайқал додану ғанӣ гардонидани он талош намоем ва саҳм гузорем.

Ҳадаф аз ташаббуси мо дар бобати ба нашр расонидан ва ба ҳар як хонаводаи мамлакат туҳфа кардани «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ, пеш аз ҳама, эҳёи ҳофизаи таърихӣ, густариши худшиносиву худогоҳии миллӣ ва эҳсоси ватандӯстиву ватанпарастии мардум, бахусус, наврасону ҷавонон мебошад. Аз ҷониби дигар мо мехоҳем, ки калимаву ибораҳои ноби тоҷикӣ ва дар маҷмуъ, асолати забони модарии худро дар марҳалаи муосир ҳифз намоем.

Забони тоҷикӣ, дар замони нави давлатдории миллии мо барои тақвияти муносибатҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷи мамлакат рисолати бештар ба зимма дорад.

Дар ин раванд, ба забони илм табдил додани забони тоҷикӣ ва истифодаи васеъ аз имконоти фаровони луғату истилоҳоти он аз ҷумлаи муҳимтарин масъалаҳои забон дар даврони муосир ба ҳисоб меравад.

Моро зарур аст, ки барои ҳамқадами замон гардонидани забони давлатӣ ва ба пояи забони илми муосир расонидани он дастҷамъона кӯшиш намоем.

Донишмандони моро зарур аст, ки асарҳои илмии худро бештар ба забони давлатӣ таълиф кунанд ва дар рушду пешрафти забони тоҷикӣ саҳми сазовор гузоранд.

Мо бояд забони адабии тоҷикиро хуб донем ва омӯзиши забонҳои хориҷиро дар заминаи забони модарӣ ба роҳ монем.

Мо бояд кӯшиш намоем, ки фарзандону небераҳоямон ҳанӯз аз муассисаи томактабӣ сар карда, забони тоҷикиро хуб аз худ намоянд, аз фарҳанги миллӣ ва осори маънавии ниёгон огоҳии комил дошта бошанд ва дар баробари азхудкунии техникаву технологияҳои муосир аз китобу китобхонӣ дур нашаванд.

Таъкид менамоям, ки забон аз ҷумлаи муқаддасоти миллии мо мебошад, зеро он рукни меҳварӣ ё шаҳсутуни давлатдорӣ ва ҳастии миллати тоҷик бо таърихи беш аз шашҳазорсола буд, ҳаст ва мемонад.

Қарзи фарзандӣ, рисолати инсонӣ ва вазифаи шаҳрвандии ҳар кадоми мост, ки забони шаҳдбори миллату давлатамонро сидқан ва мисли модари худ дӯст дорем, зеро он забони модарии мо мебошад, онро эҳтирому эҳтиёт кунем ва ҳамеша дар андешаи поку беолоиш нигоҳ доштани он бошем.

Бори дигар ҳамаи шуморо ба ифтихори Рӯзи забони давлатии Тоҷикистони соҳибистиқлол самимона табрик гуфта, барои ҳифзи ин сарвати бузурги миллӣ ва рушду таҳкими минбаъдаи он барору комёбиҳо орзу менамоям.

Ҳамеша тансиҳату хонаобод бошед, ҳамватанони азиз!

Рӯзи забони давлатӣ мубораку фархунда бод!

# ЗИ ОМӮЗГОРОН ҶАҲОН РАВШАН АСТ

## Паёми табрикии вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода ба ифтихори Рӯзи омӯзгорон



**Устодон ва шогирдони муҳтарам!**
**Ҳамватанони азиз!**

Дар ҷумҳурии соҳибистиқлоли мо ҳар сол дар рӯзи якшанбеи ҳафтаи нахустини моҳи октябр Рӯзи омӯзгорон бо шукӯҳу тантана таҷлил мешавад. Фарорасии навбатии ин фархундарӯзро барои тамоми алоқамандони соҳаи маориф ва аҳли кишвар самимона табрику таҳният мегӯям.

Рӯзи омӯзгорон далелу рамзи эҳтирому эътиқод ва арҷгузорӣ ба аҳли таълиму тарбия аст ва бояд гуфт, ки халқи тоҷик табиатан ба омӯзгорон иштиёқу таваҷҷуҳи хос дорад ва дар оғози ҳар амалеву дар гиреҳкушоии ҳар мушкилие рӯйи ниёз ба омӯзгорон меоварад.

Ниёгони хирадманду маърифатпарвари мо омӯзгорро раҳнамою пешбари ҷомеа донистa, мақоми ӯро ҳатто болотар аз падар таъйин кардаанд ва таъкид намудаанд, ки бидуни омӯзгор ҷаҳон тираю тор хоҳад буд. Бузургон муҳимтарин омили комёбии ҳар шахсро марбут ба омӯзгор ва каломи ҳикматбори ӯ донистаанд:

**Ҳар киро устод набвад, кор бар бунёд нест,**
**Дар раҳи маънӣ рафиқе бартар аз устод нест.**

Ба шарофати соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистони азиз мақому эҳтироми омӯзгор дар мамлакат боз ҳам боло рафт. Ба ин руҳдоди хушоянд, пеш аз ҳама, сиёсати хирадмандонаю дурандешона ва маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мусоидат кард. Сарвари кишвар аз оғози фаъолияти хеш ба соҳаи маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, ин соҳаро тақдирсоз хонданд ва иброз доштанд, ки «агар мо истиқлоламонро пойдор ва фардоямонро дурахшон дидан хоҳем, бояд соҳаи маорифро дар мадди назари аввал гузорем ва нисбат ба омӯзгорон эҳтирому ихлоси самимӣ дошта бошем».

Дар идомаи фаъолияташон Пешвои миллат маорифро соҳаи афзалиятнок эълон намуда, дастур доданд, ки дар ин соҳа ислоҳоти куллӣ баргузор карда шавад. Воқеан, дар заминаи роҳандозии чунин ислоҳот соҳаи маорифи мамлакат бомаром рушд ёфт ва марҳала ба марҳала мутобиқ ба меъёрҳои ҷаҳонӣ гашт. Дар ҷумҳурӣ таълимгоҳҳои зиёди замонавӣ бунёд ёфтанд, ба таври муосир таҷҳизонида шуданд ва заминаи созгор барои таълиму тарбияи босифат гузоштанд. Дар доираи ислоҳоти соҳа, ҳамчунин, нақшаю барномаҳои таълимӣ таҳриру бознигарӣ шуданд, дастурҳои таълимию китобҳои дарсии насли нав рӯйи кор омаданд ва таваҷҷуҳ ба истифодаи усулҳои тозаи таълим бештар гашт. Муҳим он аст, ки омӯзгорони шарафманди кишвар мунтазам фаъолияти худро таҳкиму тақвият мебахшанд ва дар таълиму тарбияи насли наврас пайваста ба комёбиҳо ноил мегарданд.

Дар ҷодаи татбиқи барномаҳои давлатӣ, таҳриру такмили асноди таълимию тарбиявӣ, тақвияти сатҳи саводнокии шогирдон, корбасти усулҳои самаровари омӯзиш, истифодаи воситаҳои техникии таълим ва дар иштирок ба корҳои ҷамъиятию маърифатгустарӣ омӯзгорони мо ҷидду ҷаҳди бомарому ҳамешагӣ доранд.

Пайомади фаъолияти ҳадафмандонаю босамари онҳост, ки сол то сол сафи хонандагон – иштирокдорони озмунҳои бонуфузи ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла, «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм-фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон-Ватани азизи ман» ва озмунҳои байналмилалӣ меафзояд. Ин ҳам боиси ифтихори мост, ки сол то сол теъдоди омӯзгорони фаъолу эҷодкору навовар, дорои дараҷаҳои илмӣ, ғолибони озмунҳои гуногун, дорандагони мукофотҳои давлатӣ ва ҷоизаҳои эътиборманд бештар мегардад ва ин муҷиби боз ҳам боло рафтани нуфузи устодони арҷманди

чумҳурӣ мегардад. Ин нукта ҳам шоиста ба зикр аст, ки омӯзгорони кишвар садоқатмандона аз сиёсати давлатдории Пешвои миллат ҷонибдорӣ мекунанд ва дар посдории пояҳои Истиқлол, ҳифзи сулҳу ваҳдат фаъолонду пайваста зидди хоинони миллат, ифротгароён ва тахрибкорон садо баланд мекунанд.

Ҳамчунин, бо мақсади баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, тарғиби арзишҳои демократӣ, мустаҳкам намудани ҳимояи ҳуқуқи инсон соли 2024 - «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидааст. Зеро мо хуб медонем, ки тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба қонун ва таъмин намудани волояти он, ба роҳ мондани усули ҳамкории самараноки давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон аз ҷумлаи ҳадафҳои аслии «Соли маърифати ҳуқуқӣ» мебошад.

Зимни суханронӣ ба муносибати оғози соли нави таҳсил ва Рӯзи дониш (01.09.2024) Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар нисбат ба омӯзгорон арзи эҳтиром карда, зимнан иброз доштанд: «Омӯзгор шахсест, ки бо нури саводу маърифат ва илму дониш ҳаёти ҷомеаро равшан месозад, хурофоту ҷаҳолатро аз ҳаёти ҷомеа берун мекунад ва созандагону ободгарони ояндаи Ватанро ба камол мерасонад». Сарвари кишвар, ҳамчунин, зикр карданд: «Агар мо хоҳем, ки дар оянда миллати босаводу пешрафта бошем, давлати аз лиҳози илмӣ ва техникиву технологӣ тараққикарда дошта бошем ва сатҳи зиндагии ҷомеаро бамаротиб баланд бардошта тавонем, бояд масъулият ва сатҳи касбияти омӯзгоронро баланд бардорем». Бо ин ҳадаф Пешвои миллат ба мақомоти дахлдор дастур доданд, ки дар муҳлати шаш моҳ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор»-ро таҳия ва барои баррасӣ ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд. Албатта, қабули чунин қонун марҳалаи навинеро дар ҳаёту фаъолияти омӯзгорони мамлакат ифтитоҳ хоҳад бахшид, марҳалае, ки ба бештар боло рафтани мақому мартабаи омӯзгорон ва эҳтирому арҷгузории онҳо мусоидат хоҳад кард. Ба ин гуна, омӯзгорони сарбаланду маърифатгустари моро фардои боз ҳам дурахшону фараҳбор ва пурнишот интизор аст.

Ҳамаи омӯзгорону устодони шарафманди Ватани азизамон, кулли алоқамандони соҳаи маориф ва тамоми мардуми шарифи кишварро ба ифтихори Рӯзи омӯзгорон муборакбод мегӯям. Таманнои онро дорам, ки ҳамеша сиҳатманд, хушбахту комёб ва сазовори ихлосу эҳтироми ҳамагон бошанд.

Рӯзи омӯзгорон муборак бод!

## «МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР»

**Ифтихори мо бувад «Маърифати омӯзгор»,**
**Файзи кори мо бувад «Маърифати омӯзгор».**

**Бо тавонаш сӯйи фардо бори маънӣ мекашад.**
**Баргу бори мо бувад «Маърифати омӯзгор».**

**Ташнагонро оби ҷонбахши маонӣ медиҳад,**
**Рӯдбори мо бувад «Маърифати омӯзгор».**

**То ки дарси мо бувад дар пояю сатҳи баланд,**
**Созу тори мо бувад «Маърифати омӯзгор».**

**Аз саропояш бирезад гавҳари гетӣ ба каф,**
**Эътибори мо бувад «Маърифати омӯзгор».**

**Дар замини орзую мазраи номусу ном,**
**Киштукори мо бувад «Маърифати омӯзгор».**

**Дар миёни саҳнаи ишқу умеди зиндагӣ,**
**Зиндадори мо бувад «Маърифати омӯзгор».**

**Содиқона мо варо бо нури ҷон мепарварем,**
**Посдори мо бувад «Маърифати омӯзгор».**

**Гармӣ мебахшад ба қалбу нур мебахшад ба чашм,**
**Нуру нори мо бувад «Маърифати омӯзгор».**

**Дар бисоти зиндагӣ аз мо намонад гар нишон,**
**Зиндадори мо бувад «Маърифати омӯзгор».**

**Исмоил ЗАРИФӢ,**
**шоир ва омӯзгор**

**БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ОМӮЗГОР**

**Раҳмонқул РАҲМОНҚУЛОВ,**
**сармуҳаррири рӯзномаи "Бадахшон",**
**шаҳри Хоруғ, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон**



# ДУ СИТОРАИ БОМДОДИИ МАОРИФИ БАДАХШОН

## Ёдномае аз нахустин омӯзгорзанони вилоят



Солҳои 20-ум ва 30-юми асри гузашта, барои занон ва духтарони ҷавон таҳсил дар мактабҳои навташкилшуда хеле душвор ва дар марҳилаҳои аввал имконнопазир буд, чунки ба андешаи руҳониёни ҷоҳталабу хурофотзадаи вақт, ки бар тафаккури мардони камсаводу хурофотпараст тасаллут доштанд, хондани занону бонувон бидъату гунох, нанг ва айбу шарм ба ҳисоб мерафт. Бо чунин тафаккури бебунёд доираҳои мазҳабӣ кӯшиш ба харҷ медоданд, ки ба саводомӯзии бонувон монеаҳо эҷод карда, сари роҳи таҳсилашонро бигиранд. Ин ҳолат дар тамоми гӯшаву канори мамлакат вуҷуд дошт, махсусан, дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон.

Дар ин хиттаи кӯҳистонии Тоҷикистон ба таҳсил фаро гирифтани занону бонувон дар баробари монеаҳои зеҳнӣ ва идеологӣ, ҳамчунин, мушкилоти хоси худро низ дошт. Яке аз мушкилоти асосие, ки он замон мавҷуд буд, ин ҳамчун омӯзгор кор кардани занон дар мактабу мадорис мебошад. Онҳоро барои ин амали некашон, муллоҳои чаласаводи онвақта ва ҳатто, бештари мардуми одӣ, баъзе занони хурофотпарасту бесавод низ сарзаниш мекарданд ва ба ҳар гуна шиорҳои таҳқиромез: “Ту кофир шудаӣ”, “Беҳайё”, “Худобехабар” ва ғайраҳо паст мезаданд ва ба ин васила, мехостанд шаъну шарафашонро поин фароранд. Ҳатто, дар кӯчаву хиёбонҳо тарафи онҳо санг меандохтанд ва иззату ҳайсияташонро поймол мекарданд. Ин ҳама ба он мерасонид, ки зан-модари тоҷик аз мактабу маориф, илму маърифат ва хатту савод дур монда бошад!

Хушбахтона, дар ҳама давру замон фарзандони асилу ҷонфидои миллат бо ҷасорату матонат ва шуҷоат рисолати маънавиро дар назди миллату ҷамъият бар дӯш гирифта, барои пешрафт ва шукуфоӣ заминаҳои муносибро фароҳам менамоянд. Аз ҷумла, Мараҳматнисо ва хоҳараш Оимсултон Маҳмадамироваҳо аз зумраи он чеҳраҳои асили маорифпарвар мебошанд, ки нахустомӯзгорзанони Бадахшон буда, бошуҷоат, ҷасурӣ, далерӣ, шердил ва салобати хос ба ҳамаи монеаҳо ва душвориҳо нигоҳ накарда, масъулияти саводомӯзии занону духтаронро бо рафтори қаҳрамононаи худ бар дӯш гирифта, номашонро дар саҳифаҳои таърихи маорифи кишвар абадан сабт мекунанд.

Ҳарчанд, дар солҳои аввали ташкили ҳокимияти Шуроӣ барои ташкили мактабҳои нав ва махсусан, саводомӯзии бонувон руҳониёни камсаводу хурофотпараст низ монеа эҷод мекарданд, аммо бо ҷаҳду талоши фарзандони баруманди диёр кушода шудани мактабҳои нав, савод омӯхтани фарзандони мардум тадриҷан ин таассубу хурофотро аз зеҳни мардум кам-кам дур меандохт. Соли 1926 дар Хоруғ нахустин мактаби духтарона таъсис ёфта буд, вале дар он ҳам муаллимон, асосан, мардони куҳансол буданд. Дар ин таълимгоҳ 37 нафар духтар ба омӯзиш фаро гирифта шуд. Аммо бо вуҷуди будани монеаҳои зиёд дар аввалин мактабҳои сохти нави вилоят, асосан, мардон, мисли Охон Сулаймон Қурбонмуҳаммадзода, Охон Шоҳфутур Муҳаббатшозода ва Охон Абдулалишо ба тадрис машғул буданд.

Нахустомӯзгорзани Бадахшони Тоҷикистон-Мараҳматнисо ва хоҳараш Оимсултон аз ҷумлаи ин пешоҳангон-духтарони мактабхон буданд. Барои

онҳо, ки дар пеши падарашон-Маҳмадамир савод омӯхта буданд, хондан дар мактаби духтарона ягон душворӣ надошт. Пас аз чанде саводнокии Мараҳматнисоро санҷида, ӯро дар ҳамин мактаб аввал омӯзгори қаторӣ ва баъдан мудири мактаб таъйин мекунанд. Ӯ он вақт ҳамагӣ 19 сол дошт, вале бо вуҷуди ин, барои ҷалби духтарон ба хондан саъю талоши бисёр карда, на аз мулло меҳаросиду на аз ашхоси ҷоҳил.

Бо тарғибу ҳидояти нахустин омӯзгорзан на танҳо духтарон, балки занон низ дар ин мактаб савод мебаровcovered. Бисёр шогирдони мактаби нахустини занонаи вилоят баъди хатми он ба ноҳияҳо рафта, чун омӯзгор дар маҳви бесаводии ҳамдиёронашон саҳми босазо мегузоштанд. Масалан, хоҳараш Оимсултон, ки аз апааш ҳамагӣ 4 сол хурдтар буд, баъди хатми мактаби духтарона ва Омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Хоруғ ба ҳамаи монеаҳои замонаш нигоҳ накарда, тамоми умрашро ба касби омӯзгорӣ бахшид.

Хидматҳои шоистаи Оимсултон Маҳмадамирова бо се медал, ду грамотаи Фахрии Президиуми Шурои Олии РСС Тоҷикистон ва унвони Муаллимаи шоистаи мактаби Ҷумҳурӣ қадрдонӣ шудааст. Писаронаш Мансуровхо-шодравон Амонулло, номзади илмҳои тиб, духтури ҷарроҳ, Аҳмад рассом ва Мансур бошад, аз паси касби модар рафт.

Мараҳматнисо аз соли 1931 баъди хатми мактаби партиявии КМ Ҳизби коммунистии Тоҷикистон ба корҳои ҳизбӣ-давлатӣ гузашт. Қобилияту лаёқату кордониашро ба назар гирифта, ӯро мудири сектори занони кумитаи ҳизбии вилоят таъйин мекунанд. Ӯ дар ин вазифа ҳам бо ҷасорат ва сарбаландона кор мекунад. Ниҳоят, соли пурдаҳшати 1937 фаро расид. Бар асари ҳодисаҳои маълуми он сол амакаш Сайфулло Абдуллоев-аввалин раиси вилоят, падараш Маҳмадамир ва шавҳараш Маҳрамбек Хушқадамов чун “душманони халқ” ба ҳабс гирифта мешаванд. Бисёре аз хешовандонаш, аз ҷумла, хоҳараш Оимсултонро низ чун наздикони “душманони халқ” ба шаҳри Оши Ҷумҳурии Қирғизистон бадарға мекунанд. Мараҳматнисоро дар ин гирдбоди ваҳими таърихӣ аз вазифа барканору аз сафи ҳизб хориҷ мекунанд, аммо Мараҳматнисо руҳафтода нашуда, барои таълиму тарбияи фарзандони мардум талошу кӯшиши зиёде менамояд. Ӯ аз соли 1937 дар Хонаи кӯдакони шаҳри Хоруғ дар вазифаи мудири қисми таълимӣ ва мураббӣ фаъолият дошта, соли 1957 аз ҳамин ҷо ба нафақа мебарояд.

Мараҳматнисо Мамадамирова барои хизматҳои шоёнаш дар таълиму тарбияи насли наврас дар ҳамон солҳои вазнини аввали ҳукумати Шуравӣ бо медалҳои “Барои меҳнати шоён” ва “Барои меҳнати шуҷоатнок” қадрдонӣ шудааст. Ӯ дар баробари ба корҳои ҳукумативу ҷамъиятӣ банд будан, ҳамзамон, ба тарбияи фарзандон низ ҷиддӣ муносибат мекард. Яъне, барои сохтаниояндаи неки фарзандон, муаллима ба таълиму тарбия аҳаммияти ҷиддӣ медод. Чунин сахтгириҳову фазои мусоид фароҳам сохтан ба фарзандон буд, ки духтаронаш Аслинисо ва Савринисо касби модарашонро интихоб карда, ҳоло онро бо сари баланд идома бахшида истодаанд. Аслинисо пас аз маълумоти олӣ гирифтан, дар мактабҳои шаҳри Хоруғ чун омӯзгор фаъолият кардааст. Ӯ ба унвонҳои Аълочии маорифи РСС Тоҷикистон ва Аълочии маорифи СССР сарфароз мегардад.

Савринисо бошад, баъди хатми бомуваффақияти Институти педагогии шаҳри Душанбе (ҳоло ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ) чанд муддат дар мактабҳои шаҳри Хоруғ ва баъдан дар ноҳияи Мурғоб ва шаҳри Ваҳдат дарс гуфта, ба унвони Муаллими хизматнишондодаи РСС Тоҷикистон шарафёб мешавад.

Хулоса, ин ду ходими намоёни маорифи Тоҷикистон дар лаҳзаҳои душвортарини таърихи кишвар барои пешрафти маориф ва рушди маънавиёт дар миёни занону бонувони вилоят хидмати арзишманду ҷовидонӣ намуда, чун пойдеворони маорифи Бадахшон шинохта мешаванд. Чароғи барафрӯхтаи Мараҳматнисо ва Оимсултон нури маърифат буд, ки мехостанд, чашми ҷомеаро боз кунанд ва роҳнамо бошанд. Касе дари дабистонро мекушояд, роҳи зиндагиро рӯшноӣ мебахшад. Онҳо хуб медонистанд, ки дар тарбияи насли худогоҳу худшинос ва ватандӯст муаллим нақши муҳим дорад ва калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ, истиқлоли фикрӣ ва хазинаи маънавию илмии ӯ ба шумор меравад. Ин нафарон бо таълими бонувон, ки ҳар яке модар ва тарбиятгари инсон мебошанд, заминаи бузурги илму дониш дар тиннати ҷомеа гузоштанд ва нури маърифатро дар қалби ҷавонони Бадахшон афрӯхтанд.

Ҳарчанд аз ин воқеаҳо як аср сипарӣ мешавад, аммо меҳнату заҳмат ва қадру манзалати ин чеҳраҳои маърифатпарвар дар сафҳаи таърихи маорифи кишвар ҷовидонӣ хоҳад монд ва рӯзгори онҳо барои насли нави маорифи кишвар улгу ва мактаби пайравиро боз хоҳад кард.

**Д. Аваз,**
**"Маърифати омӯзгор",**
**узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон**

# ДУРАХШИ ОФТОБИ ИСТИҚЛОЛ

Истиқлол арзишмандтарин вожа, зеботарин мафҳум ва қимматтарин неъматест, ки ба мо - тоҷикон насиб гардидааст. Пӯшида нест, ки мо ба унвони миллати соҳибтамаддун, бешак, тӯли асрҳо соҳибдавлату соҳибистиқлол будему ба ҷаҳониён дарси хештаншиносию давлатдорӣ меомӯзондем. Муддате фалак бар коми мо нагашту давлатҳои ободу зебои худро бо таъсири манфии аҷнабиён аз даст додем. Пас аз чанде, тоҷикони тоҷбарсару фаррухфол бо инояти тақдир боз соҳибдавлату соҳибихтиёр гаштанду фарзанди фарзонаи хешро ба сарварӣ интихоб намуданд. Аммо боз ҳам боди манҳуси парешонӣ вазиду бар мамлакати тозаистиқлоли мо хатари нобудшавӣ таҳдид кард.

Бо иродату матонату кордонии ҷигарбанди сарбаланди Ватан - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, оташи ҷанги таҳмилии миллатсӯз хомӯш гардиду тахти корбарии устодонаашон созандагиро мардуми кишвар пешаи худ сохтанд. Бо гузашти замони андаке мулки офатрасида ба сарзамини сабзу хурраме табдил ёфту чаманистон гашт ва мо бо шукргузорӣ аз фазои руҳбахши диёр соҳибистиқлолии давлати худро бо шукӯҳу ҷалоли хосса ҳамасола истиқбол мекунем.

Ин ҷашни ҳумоюнӣ дар гӯшаву канори мамлакат рангорангу хотирмон ва басо диданӣ таҷлил мегардад, ки таассуроти ширин аз ин базмҳои ҷамшедӣ дар ёди тамошобинону иштирокдорон то дер гоҳ боқӣ мемонад.

Муддате буд, мехостам, ки шукӯҳи ин фархундаҷашнро дар Бадахшони нозанин аз наздик бинаму дар таҷлили он иштирок кунам. Хушбахтона, соли равон имкон даст дод, ки дурахши офтоби истиқлолро дар шаҳри Хоруғи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дида, аз файзи арҷгузорӣ ба ин санаи фархунда баҳравар гардам.

Дар саҳни Театри вилоятии мусиқӣ-мазҳакавии ба номи Меҳрубон Назаров, ки макони баргузории ҳамоиши муҳташами сатҳи вилоятӣ ба шумор мерафт, мардум гурӯҳ-гурӯҳ ҷамъ омада, саршавии ҷашнро интизорӣ мекашанд. Сокинону меҳмонон бо либосҳои ороставу руҳияи идона ба ҷашнгоҳ мешитобанд. Табъи ҳамагон болида асту шукуфтарӯву хандонанд ва сархуш аз фазои орому осудаи Ватан, шукргузор аз ободию сарсабзии кишвар. Бо намояндагони касбу кори мухталиф, аз ҷумла, собиқадорону роҳбарон ва кормандони маорифи вилоят вохӯрдаву бо ҷашни муқаддаси миллӣ ҳамдигарро таҳният гуфтем ва бо пеш омадани шароити мусоид бо ҳам суҳбатҳои гарм ороста, аз комёбиву дастовардҳои соҳа дар ҳудуди ВМКБ огаҳӣ пайдо кардем...

Бо ишораи масъулони маҳфил ҳамагон вориди толор гардидем. Пас аз садо додани Суруди миллӣ раиси вилоят Алишер Мирзонабот паёми табрикии хешро ба ҳозирин ироа намуда, доир ба таърихи истиқлоли Ватанамон сухан гуфт. Мавсуф қайд кард, ки Истиқлоли давлатӣ ба мо-мардуми тоҷик шароит фароҳам овард, ки тахти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо заҳмати аҳлонаву бунёдкорона бисёр монеаҳои сахту сангинро паси сар намоем ва давлатамонро ба марҳилаи рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ расонем. Маҳз роҳбарии ҷасурона, роҳнамоии оқилона, миллатдӯстӣ, ватанпарастӣ, ҷонфидоӣ, хиради воло, дурандешӣ ва дигар сифатҳои ба Пешвои миллат хос имкон ба вуҷуд оварданд, ки халқи тоҷик сулҳу суботро дар Ватани худ таъмин ва Истиқлоли давлатии худро ҳифз намояд. Ба шарофати Истиқлоли давлатӣ миллати шарафманди тоҷик имкон пайдо кард, ки дар радифи бунёди давлатдории миллии навини худ, ҳамчунин, ғановатмандии таърихӣ, фарҳангӣ, илмӣ ва ҳунарии худро дар арсаи байналмилалӣ мустаҳкам намояд. Бояд гуфт, ки Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи Ҳукумати ҷумҳурӣ, алалхусус, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, айни замон марҳилаи нави рушди бесобиқаи вилоят, ки аз

ҷониби Сарвари бунёдкори миллат эълон гардидааст, вусъати тоза касб намуда истодааст.

Насрулло Маҳмудзода, котиби Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз дошт, ки роҳи 33-солаи созанда, пурифтихор ва муваффақонаи кишвар, ки аз сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарчашма мегирад, барои ҳар як фарди ватандӯсту заҳматпешаи Тоҷикистон азизу арзишманд боқӣ мемонад.

Қадрдонӣ аз заҳматҳои мардум беҳтарин амал аст. Аз ин рӯ, пас аз фарҷоми суханрониҳо барои саҳми арзанда дар рушди илму маориф ва фарҳанги мамлакат, ҳифзи саломатии аҳолӣ, фаъолияти самаранок дар хидмати давлатӣ ва дастовардҳои назаррас бархе аз кормандону собиқадорони соҳаҳои гуногун, аз ҷумла, кормандони соҳаи маорифи вилоят, бо Медали "Хизмати шоиста", Ифтихорномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ифтихорномаи раиси вилоят ва туҳфаҳои хотиравӣ қадршиносӣ шуданд.

Сипас, барномаи фарҳангии аҳли ҳунари вилоят ба муносибати 33-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешкаш гардид, ки воқеан рангину диданӣ буд. Гулдухтарони хушхироми Бадахшон зери навои дилнавози рубоби бадахшонӣ дар саҳна ба парвоз омаданду бо ҷилваҳои мавзуну рақсҳои гуногунашон ба дилҳои ҳозирин фараҳ бахшиданд. Сарояндагони мумтозу хушсадои маҳфил, ки аз тамоми шаҳру навоҳии вилоят дар саҳнаи ҳунар ҷамъ омада буданд, ба сони булбулони шӯрида, бо оҳангу сурудҳои марғубашон табъи болидаи аҳли нишастро болидатар гардониданд. Санъаткорон Сано Саидиков, Муяссар Мубораков, Муҳайё Давлаталиева, Сафархон Мирбозхонов, Аҳмади Ёрбек, Наврӯз Баҳодуров, Асаншоҳ Саидиков, бонуи ҳунар-овозхони шинохта Майсара Дилдорова ва дигар ҳунармандони хушсалиқа дар ин базми ҷамшедӣ аз худ маҳорату лаёқати бесобиқа нишон доданд ва бо ҳузурашон онро гармтару ободтар бинмуда, аҳли толорро ба шӯр оварданд. Ҳозирин шоду масрур аз навою оҳангҳои марғуб дар ҳавои идонаи Ватан мерақсиданду шодмонӣ мекарданд. Хулосаи калом, дар ҳамбастагӣ бо тамоми минтақаҳои кишвар сокинони Бадахшон низ ҷашни истиқлолро ба таври шоиста, дар сатҳи хеле баланд таҷлил намуданд, ки барои ман ин лаҳзаҳои фараҳбахш чун нақш бар сангесту то ҳастам дар хотирам мемонаду пеши рӯям ҷилвагар хоҳад шуд...

Ҳамзамон, тавре огаҳ ҳастем, тантанаҳои ҷашни 33-юмин солгарди Истиқлоли давлатӣ дар шаҳри Хоруғи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (13-уми октябри соли равон) бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо шукӯҳу шаҳомати хосса баргузор шуду ба он Сарвари кишвар баҳои баланд доданд. Зимни мулоқот бо роҳбарон ва фаъолони вилоят зимни таҳлили вазъи соҳаҳои гуногуни ҷумҳурӣ, хусусан, соҳаи маориф Роҳбари давлат қайд карданд, ки дар давоми 20 соли охир аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба соҳаи маорифи вилоят зиёда аз 2 миллиард сомонӣ равона гардида, дар натиҷа заминаи моддиву техникии муассисаҳои таълимии вилоят хеле мустаҳкам шуда, шумораи онҳо ба таври назаррас беҳтар гардидааст. Дар соли 2024 барои рушди соҳаи маорифи вилоят беш аз 300 миллион сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки нисбат ба соли гузашта 28 фоиз зиёд мебошад. Дар даври соҳибистиқлолии мамлакат дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 215 муассисаи таҳсилоти умумӣ ва синфхонаҳои иловагӣ барои 43 ҳазор ҷои нишаст ба маблағи беш аз 450 миллион сомонӣ сохта, ба истифода дода шудаанд. Ҳоло ба маблағи 144 миллион сомонӣ сохтмони боз 26 муассисаи таълимӣ барои 9 ҳазор хонанда идома дорад. Имрӯз дар вилоят 26 муассисаи таълимии томактабӣ, 157 маркази инкишофи кӯдак ва 313 муассисаи таълимӣ фаъолият дорад...

Бо итминон метавон гуфт, ки сарчашмаи тамоми ин дастоварду пешрафтҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла, дар соҳаи маориф танҳо аз баракати Истиқлол, оромию осудагии ҳукмрон дар Ватан мебошад. Танҳо аз баракати Истиқлоли давлатию фазои осоиштаи кишвар дар тамоми гӯшаю канори мамлакат, аз ҷумла, Бадахшони нозанин бунёдкориҳою созандагиҳо бомаром идома дошта, мардум бо шукргузорӣ аз истиқлолу озодии кишвар, зери роҳбарии Сарвари раъиятпарвари миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯзгори хушу хурраме доранду ин неъмати бузургу гаронарзишро гиромӣ медоранд ва ҳамасола бо шукӯҳи беқиёс фаро расидани онро таҷлил менамоянд.

**Райҳона СУЛАМАЕВА,
омӯзгори мактаби №30-и
ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе**

# ЭҲТИРОМ БА ҚОНУН ЯКЕ АЗ ТАЛАБОТИ АСОСИИ ҶОМЕАИ ҲУҚУҚӢ МЕБОШАД



Вақте ки аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади эҳтиром ва арҷгузорӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз қабули он 30 сол сипарӣ мешавад, соли 2024 "Соли маърифати ҳуқуқӣ" эълон карда шуд мо-омӯзгорони фанни ҳуқуқ ва таърих аз ин иқдом хеле хушҳол гаштем, чунки маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, махсусан, наврасону ҷавонон дар ташаккули ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва масъулиятшинос нақши ҳалкунанда мебозад. Тақвият ёфтани донишҳои мардум, алалхусус, наврасону ҷавонон роҷеъ ба меъёрҳои қонунгузорӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шаҳрвандон ба таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ, риояи самараноки ҳуқуқу озодиҳои инсон мусоидат мекунад.

Аҳаммияти тарбияи ҳуқуқии наврасону ҷавонон дар замони муосир ва шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳони пуртазод дар авлавияти кори давлат ва ҷамъият қарор гирифтааст. Барои ҳамин мо, омӯзгорони фанни ҳуқуқро зарур аст, ки ба омӯзонидани нозукиҳои ҳуқуқ дар мактабҳо бештар таваҷҷуҳ намоем ва бо роҳу усулҳои гуногуни ҷалбкунандаи муосир дарсгузарониро ба роҳ монем, то ки ба ин васила, дониши хонандагонро аз ин фан зиёд намоем. Ба донишомӯзон мафҳуми дурусти қонун ва донистани ҳуқуқи худро бештар талқин намоем, чунки донистани ҳуқуқҳои худ барои он заруранд, ки моҳияти инсонии ҳар як одам ҳимоя ва риоя карда шавад. Илова бар ин, вақте инсон ҳуқуқҳои худро медонад, ба ҳуқуқҳои дигарон арҷ мегузорад.

Яке аз унсурҳои дигари маърифати ҳуқуқӣ, риояи қонун ва сармашқи фаъолияти ҳаррӯзаи худ қарор додани меъёрҳои қонунгузории кишвар мебошад, ки ин низом боис мегардад, маданияти ҳуқуқии аҳолӣ ба натиҷаи дилхоҳ расад. Эҳтиром ба қонун яке аз талаботи асосии ҷомеаи ҳуқуқӣ, фаъолияти самарабахши низоми сиёсӣ ва ҳуқуқӣ мебошад.

Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз вазифаҳои муҳимтарин ва аввалиндараҷаи кишварҳое мебошад, ки роҳи бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёдро интихоб намудаанд. Барои хубтар ва фаҳмо баён кардани мафҳуми маърифати ҳуқуқӣ ба хонандагон ва хуб дарк кардани маънии он, метавон аз мафҳуми маърифати оиладорӣ, маърифати муносибатҳои иҷтимоӣ ва монанди инҳо истифода бурд. Эҳтироми волидон, тарбияи дурусти фарзанд, риояи тартибу низом, дур будан аз кирдори бад, аз сухани зишту рафтори қабеҳ дар маърифати оиладории миллати тоҷик аз азал бо роҳи ирсӣ омада, муайян ва қабул шудааст. Илова бар ин, арҷ гузоштан ба ҳуқуқу манфиатҳои дигарон, риоя намудани тартиботи ҷамъиятӣ, поймол накардани низоми мушаххасшудаи идораву муассисаҳо, аз ҷумла, риояи талаботи таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёна, махсус ва олии кишвар аз масъалаҳои асосӣ маҳсуб мешаванд. Ин падидаҳо бештар дар осори ниёкони мо баён гардида, наврасону

ҷавононро дар руҳияи эҳтиром гузоштан ба арзишҳои миллӣ ҳидоят мекунанд.

Яқин аст, ки тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон, махсусан, барои наврасону ҷавонон кори саҳлу осон набуда, шахси аз ҷиҳати ҳуқуқӣ бомаърифатро наметавон дар як рӯз ё як солу панҷ сол тайёр намуд. Барои ин солҳои тӯлонӣ зарур аст ва ин раванд дар робита бо оила, мактабу маориф ва иштироки фаъолонаи аҳли ҷомеа метавонад самари нек ба бор оварад. Бояд гуфт, ки сатҳи баланди маърифати ҳуқуқии шаҳрванд аз тарзу сифати омӯзиши ҳуқуқ ва риояи меъёрҳои он вобастагии зиёд дорад. Яъне, мо, омӯзгорон ва волидон бояд ба фарзандон ва шогирдони худ, аз хурдӣ ва давраи наврасӣ чӣ будани маърифати ҳуқуқӣ ва эҳтиром гузоштан ба қонун ва ҳуқуқи шахси дигарро дар онҳо омӯзонем. Воқеан, бо дарназардошти вазъи иҷтимоии ҷомеа баланд бардоштани донишҳои ҳуқуқӣ, ки дар натиҷа фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандони моро баланд мебардорад, бисёр саривақтӣ буда, ҷомеа имрӯз ниёз ба азхудкунии фарогири донишҳои ҳуқуқӣ дорад.

Ин иқдоми Сарвари давлатро агар аз лиҳози илми мантиқ ё мантиқи ҳуқуқшиносӣ таҳлил намоем, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, пеш аз ҳама, барои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии шаҳрвандони ҷумҳурӣ ва бемушкилӣ зиндагӣ намудани мардум пешбинӣ гардидааст. Ба ҳар як хонанда дар рафти дарсҳои ҳуқуқ бештар талқин кардан лозим аст, ки аз рӯйи нишондодҳои таърихӣ шахсони дорои донишҳои хуби ҳуқуқӣ ҳангоми иҷрои кору масъулияти худ кам ба мушкилӣ рӯ ба рӯ мегарданд. Дигар ҳолатҳои надониста вайрон намудани қонун, ки ҷавобгариро истисно намекунад, аз ҷониби чунин шахсон кам мегардад.

Ҳамчунин, риояи қонунгузорӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ барои ҳамгироии бомуваффақияти касбии шаҳрвандон муҳим буда, ба самаранокии фаъолият мусоидат менамояд. Дар ҳақиқат, тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ба ташаккули фарҳанги қонуният, ҳифзи ҳуқуқ, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таъмини субот дар ҷомеа таъсири назаррас мерасонад. Барои ҳамин аҳаммияти таълими ҳуқуқиро ҳам дар миқёси инфиродӣ ва ҳам дар ҷомеа дастгирӣ ва инкишоф додан зарур аст, чунки имрӯзу ояндаи ҷомеа аз наврасону ҷавонон вобастагии зиёд дорад. Танҳо насли босавод ва соҳибҳуқуқ метавонад, миллату давлати худро аз ҷаҳолат наҷот бидиҳад. Дар ҳақиқат, бе баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва таълиму тарбияи дурусти ҳуқуқии шаҳрвандон, хусусан, наврасону ҷавонон ҳал намудани мушкилоти гуногуни ҷомеа ғайриимкон аст.

Мо, омӯзгоронро зарур аст, ки дар рафти машғулиятҳо (соатҳои тарбиявӣ) ва гузаронидани дарсҳо аз фанни ҳуқуқ аз китобҳои дарсии фаннӣ ва дигар китобҳои соҳаи ҳуқуқ ба шогирдони худ бо тамоми нозукӣ дарс гузарем, истилоҳотро шарҳ диҳем ва талқин кунем, ки инсон худро дар ҳамон маврид озод ҳис карда метавонад, ки соҳиби ҳуқуқ ва озодиҳои кафолатнок бошад. Зарурати чунин ҳуқуқҳо, ба монанди ҳуқуқ ба меҳнат, истироҳат, ҳифзи саломатӣ, таъмини иҷтимоӣ дар вақти пиронсолӣ ва чунин озодиҳо, ба монанди озодии ҳуқуқи моликият, виҷдон, сухан, матбуот ва ғайра ба ҳама маълум аст. Бе амалӣ гардондани ин ҳуқуқҳои асосии инсон ҳеч гуна озодӣ, инсондӯстӣ, адолат ва беҳбудии ҳолати инсон шуда наметавонад.

Бинобар ин, ҳар як инсоне, ки ба дунё меояд, дорои ҳуқуқ ва озодиҳои фитрӣ буда, ҳамаи онҳо дар назди қонун баробаранд. Ҳамаи шаҳрвандон новобаста аз нажод, ранги пӯст, миллат, ҷинс, забон, баромади иҷтимоӣ, ҷамъиятӣ, молумулкӣ, мансаб, ақида, муносибат ба дин, иштирок кардан ё накардан дар иттиҳоди ҷамъиятӣ, ҷои истиқомат ва ҳолатҳои дигар дорои ҳуқуқ ва озодиҳои баробар мебошанд. Дорои ҳуқуқ ва озодиҳои гуногун будани шаҳрвандон маънои онро надорад, ки ҳар як шахс чӣ тавре ки хоҳад, ҳамон тавр рафтор намояд. Баръакс, баамалбарории ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии ҳар як шахс набояд ҳуқуқ ва озодиҳои дигаронро вайрон намояд, ба ҷамъият ва атрофиён зарар расонад. Ҳар як шаҳрванд уҳдадор аст, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои амалкунандаи кишвар ва дигар санадҳои меъёриро риоя намояд.

**Дилрабо АСАДОВА,**
**омӯзгори Коллеҷи тиббии**
**шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд**

# МАЪНИИ ЗИНДАГӢ ЧИСТ?



Солҳои зиёдест, ки ба донишомӯзон дар муассисаҳои таҳсилот аз фанни ҷомеашиносӣ-сотсиология дарс мегӯям. Дар марҳилаи таҷрибавии худ равандҳои гуногуни иҷтимоиро шоҳид шудаам, ки ҳар кадоме ба худ вежагӣ ва паёмадҳое дорад.

Дар ҷомеа чи равандҳо сурат мегиранд, муҳите, ки моро фаро мегирад оё дархури ормонҳои мо аст, оё хонандагони дирӯза ва ё донишҷӯёни имрӯза ба ин равандҳо баҳо дода, ҷойгоҳи худро дар ин ҷаҳони пуртазод муайян карда метавонанд? Хосса дар замони бархӯрди тамаддунҳо ва фарҳангҳо.

Ба ин саволҳо суханронии хеле дилсӯзона ва дурбинонаи Пешвои муаззами миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар мулоқот бо фаъолони ҷомеа ва ходимони дини мамлакат, ки 9 марти соли равон баргузор шуд, бори дигар бо таваҷҷуҳ мутолиа карда, барои худ ҷавоб пайдо кардам.

Дар ин мулоқот Роҳбари давлат аз бархурди фарҳангу тамаддунҳо, тафриқаву низоъҳои диниву мазҳабӣ, густариши бесобиқаи терроризму экстремизми динӣ, «сиёсати дугона» нисбат ба гурӯҳҳои ифротгарои динӣ ва монанди инҳо, ки василаи истифодаи қувваҳои гуногуни манфиатхоҳ гардидаанд, инчунин, таъсири онҳо ба ҷомеа ва давлати мо ибрози андеша намуданд.

Имрӯз ба иттиллоот тавассути интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ ҳама, аз ҷумла, наврасону ҷавонон низ дастрасӣ доранд. Яъне, онҳо чун собиқа танҳо ба гуфтаи омӯзгор ё падару модар иктифо намекунанд. Истифода аз иттиллоот бошад ба омодагии маънавӣ, сатҳи донишу фаҳмиши истифодабарандагон марбут аст.

Дар раванди дарс борҳо аз шогирдон суол кардаам, ки дирӯз ё имрӯз аз шабакаҳои

иҷтимоии фейсбук, инстаграм ва ё телеграм чиро хондед, бардоштатон чӣ аст, дар ин шабакаҳо бо кӣ дӯстӣ ва ё робита доред? Ҷавобҳо гуногун ҳастанд ва аксаран бардоштащон ба сатҳи саводу донишашон, ки дар мактаби миён ба он замина мегузоранд, вобаста аст. Баъзан, зимни ин саволу ҷавобҳо шогирдонро ба баҳс ҳам мекашам ва ниҳоят талош мекунем, ки ба хулосаи ниҳоии дуруст ҳам биёем.

Масалан, дар як машғулият ба таври интерактивӣ, ки иштироки ҳама донишҷӯёнро талаб мекунад, фикри донишҷӯёнро дар бораи дастовардҳои Ватанамон дар солҳои истиқлол фаҳмидан хостам. Яке аз анҷоми ҷанги шаҳрвандӣ, дигаре аз бунёди нақбу роҳу пулҳо, саввумӣ аз рушди маориф, вусъати иқтисоди кишвар ва нақши Пешвои миллат сухан карданд. Ман маънии истиқлолро ба онҳо васеътар фаҳмонида, байти аллома Иқболи Лоҳуриро шарҳ додам.

**Худо он миллатеро сарварӣ дод,**
**Ки тақдираш ба дасти хеш бинвишт.**

Гумонам шогирдон аз ин баҳс ба саволи истиқлоли давлат чист? Барои худ ҷавоб пайдо намуданд.

Масъалаи дигаре, ки зимни суханронии Президенти кишвар зикр шуд, ин пешгирии хурофотӣ шудани ҷавонон аст, ки оқибат мевонад, ба ифротгароӣ бубарад. Як нафар донишҷӯдухтари мо аъло таҳсил дошт, дар озмунҳо низ ғолиб меомад, вале ҳамеша дар сар сатр дошт ва бе он худро шояд тасаввур намекард, гӯшанишин буду ба шӯхиҳои ҳамдарсон шарик намешуд. Ба назар мерасид, ки гӯё дар ҷисми ҷавони ӯ андешаҳои хурофотии бонуи калонсоле ҷой шудааст.

Пеш аз он, ки бо ӯ дар ин маврид суҳбати хосса дошта бошам, бо шароити оилавии ӯ шинос шудам. Волидонаш таҳсилнадида, одамони одӣ, вале тақводори ҷиддӣ, намехостанд духтарашон таҳсилашро идома диҳад, азбаски аъло мехонд, бо талқини роҳбари синфаш ба коллеҷ дохил шудааст. Онҳо хандаю шӯхӣ, ба бар кардани либоси замонавӣ, иштирок дар нишастҳои ҷавононро барояш манъ кардаанд, хатми коллеҷро интизор нашуда, ба шавҳар доданӣ будаанд. Муллои "хушсаводе" маҳз ҳаминро ба онҳо талқин кардааст.

Бо раҳнамоии омӯзгоре, ки ӯро ба таҳсил талқин карда буд, бо волидонаш суҳбат кардем, фаҳмонидем, ки духтарашон саводи хуб дорад, вале ба насиҳати шумо қалби духтар ба пиразане табдил шудааст. Бигзор ҷавон бимонад, аз хушиҳои он лаззат барад, либоси дилхоҳашро ба бар намояд, андешаи ба шавҳар доданашро то анҷоми таҳсил мавкуф гузоранд. Дар оғоз даъво карданд, ки духтар моли онҳост, чи хоҳанд ҳамон мекунанд, мо кордор набошем. Мо гуфтем, ки ӯ мол нест, инсони ҷавон аст, орзую ҳавас дорад, сатр бастану либоси якранги дароз ба бар кардан, ҳанӯз маънои боиффатию боодоб буданро надорад.

Баъди чанде ӯ рӯмоли тоҷикӣ мебастагӣ шуд, баъдан дар арафаи иде куртаи атлас ба бар кард, дар ҷамъомаду баҳсҳо оҳиста-оҳиста фаъол ва гули сари сабади шарикдарсон гашт. Ӯ коллеҷро бомуваффақият хатм карда, дар маркази тиббӣ кор мекунад. Моҳе қабл ба тӯи арӯсиаш даъват кард.

Ин мисолҳо ба хотири он аст, ки мо, омӯзгорон бояд ба тақдири шогирдони худ бетараф набошем, талош намоем ба олами маънавии онҳо ворид шавем, онҳоро ба роҳи рост ва амалҳои солеҳ талқин намоем. Ин баробари донишандӯзӣ рисолати дигари муҳимми пешаи муқаддасӣ мо, омӯзгорӣ низ ҳаст ва ниҳоят месазад, дар ҳар синфхона ва таълимгоҳ ин насиҳати падаронаи Пешвои миллат, ки дар он мулоқот баён доштанд, пешорӯи толибилмон сабт шавад. "Худованд бандаро ҳаст кардааст, ақл додааст, чашм додааст, обу хоку заминро дар ихтиёраш гузоштааст, ки зиндагӣ кун, аз ин дунё баҳра бар, ақлатро кор фармо, ба замона мутобиқ шав, пойбанди хурофот нашав, илм омӯз, касбу ҳунар омӯз ва зиндагиатро пеш бар". Маънии зиндагӣ дар ин гуфтаҳо ба таври комил таҷассум ёфтаанд, ки бояд сармашқи ҳар як хонандаву донишомӯз бошад.

**Наталя ЧУРАКОВА,**
**мураббии кӯдакистони №80-и**
**ноҳияи Синои шаҳри Душанбе**

# ДИЛХУШИИ КӮДАКОН - РАСМКАШӢ БО АНГУШТОН
## (Машғулият дар гурӯҳи дуюми хурдсолон)

Машғул нигоҳ доштани кӯдакони хурдсол дар кӯдакистон кори пурмашаққат мебошад, аз ин рӯ, ҳамеша доштани идеяҳои омода барои машғулиятҳои шавқовар, ки онро якҷоя иҷро карда тавонед, муфид аст.

Яке аз чунин машғулиятҳо расмкашӣ мебошад. Расмкашӣ яке аз машғулиятҳои муҳим барои дарки лаёқат ва ҳисси зебоишиносии кӯдакон буда, кӯдакро ба дунёи зебоӣ раҳнамоӣ мекунад. Ҳамзамон, расмкашӣ кӯдаконро ба ҳисси созандагӣ ва тавоноӣ боварманд намуда, ӯро ба анҷоми кори мустақилона водор месозад. Қабл аз он ки кӯдак дар иҷрои коре аз истифодаи абзор ва ё олоти корӣ истифода намояд, муҳимтарин васила барои ӯ дастон ва ангуштони худаш мебошад.

Дар ин мақола низ усули расмкашӣ бо ангуштон барои кӯдакони хурдсол инъикос ёфтааст, ки барои машғулиятгузаронӣ дар кӯдакистонҳо муҳим мебошад.

Расмкашӣ бо ангуштон усули дастрастарини мусаввирӣ барои кӯдакон мебошад, чунки кашидани расмҳо бо ангуштон ва кафҳои даст ба бачаҳо хеле писанд аст. Ин ҳолат барои онҳо хеле аҷиб менамояд. Ин намуди расмкаширо метавонем марҳилаи тайёрии гузариш ба кашидани расм бо қалам ва мӯқалам шуморем. Бачаҳо сарҳади варақро омӯхта, фикрронии тасаввуриро инкишоф медиҳанд.

Ҳангоми расмкашӣ бо кафи даст маҳси рефлекторӣ ба амал меояд, ки он аҳволи умумии организми инсонро беҳтар мекунад.

Расмкашӣ бо ангуштон ба инкишофи қобилияти барвақтии эҷодӣ мусоидат намуда, дар кӯдак зоҳир намудани ҳиссиёти худ ва тасаввурот ба воситаи эҷодиётро меомӯзонад. Инчунин, на танҳо ибтидои эҷодӣ дар кӯдак оғоз меёбад, балки моторикаи хурди ӯ ва нутқаш низ инкишоф меёбад.



Расмкашӣ бо ангуштон ва кафҳои даст аслан барои кӯдакони гурӯҳи якум ва дуюми хурдсол зарур мебошад. Зеро онҳо дуруст доштани қалам ва бо он кашидани расмро наметавонанд. Ангуштон ва кафҳо барои расмкашӣ хеле қулай мебошанд. Фақат барои ин ба ҷойи қалам рангҳои обӣ (акварелӣ) ва варақаи муқаррарӣ лозим аст. Барои ин ба кӯдакон чи тавр расмкаширо бо ангуштон ва кафҳо дуруст омӯзонидан лозим аст.

**Инак, шуруъ мекунем:**

- бо мушти нимкушода-расми рангинкамон, теппаҳо, банан ва ғайра кашида мешавад;

- бо кафи даст-расмҳои шапалак, моҳиҳо ва дигар ҷонварон тасвир карда мешаванд;

- бо нармиҳои ангуштон нуқтаҳо мегузорем-бо ин усул расми нахӯдҳо, гулҳо, қанд - шириниҳо ва меваҳои ҷангалиро мекашем;

- бо нармиҳои ангуштон хатҳо кашидан мумкин аст – бо ин усул шохчаҳои дарахт, баргҳо, барфрезаҳо, шаклҳои геометрӣ ва чизҳои бисёреро метавон тасвир кард;

- бо муштчаҳо аз тарафи ангушти калон - ғунчаи гул, гулҳои садбарг ва гӯшмоҳию ғайраро кашидан мумкин аст.

Бо ангуштон кашидани нуқтаҳо хеле осон аст. Дар мадди аввал кӯдакон бо нуқтаҳо тарҳи

расмҳои пешниҳодшударо барқарор мекунанд.

Барои расмкашӣ бо ангуштон аз кадом рангҳо истифода бояд бурд?

Барои ин намуди расмкашӣ аз ранги маъмул истифода кардан мумкин нест, зеро барои ин синнусоли кӯдакон рангҳои махсуси ангуштӣ мавҷуд аст. Ин рангҳо комилан безарар буда, барои он ки кӯдакон онро ба даҳон нагузоранд ва ё беихтиёр онро нахӯранд, мазаи талх доранд. Агар ин гуна рангҳо набошанд, аз гуаши одӣ истифода намудан мумкин аст.

Метавонем худамон барои расмкашӣ бо ангуштон ранг тайёр бикунем. Роҳи осонтаринаш-ранги гуашро бо миқдори ками об омехта карда, ба он чанд чакра моеи зарфшӯӣ ё крахмал мерезем.

**Расмро дар чӣ бояд кашид?**

Албатта, дар варақ. Ба кӯдак беҳтараш вараќи калонро барои расмкашӣ бо ангуштон бояд ҷудо кард, то ӯ озодона эҷодкорӣ намояд. Ба ин мақсад, агар зардеворҳои нолозимро ба



кӯдак диҳед, хеле хурсанд мешавад, ана майдони васеи расмкшӣ!

Падарону модарони гиромӣ ва ҳамкасбони азиз! Расмкашӣ дар ҳаёти кӯдакон мақоми хоси худро пайдо мекунад, ба шарте ки барои кӯдакон шароити хос муҳайё бошад. Фаромӯш набояд кунем, ки аз ҳамин гуна шуғлҳои барои иддае "назарногир" оянда шахсони эҷодкори асил ба воя мерасанд. Пас, биёед фарзандони худро аз дунёи расму зебоӣ дур насозем!

Инчунин, бояд ҳар як падару модар ва мураббиҳо бояд хуб донанд, ки бозиҳои ангуштӣ, яъне, иҷрои амалҳои бозикунӣ бо ҳаракатҳои ангуштон (панҷаҳо, лелакҳо), даст ва истифодаи матнҳои адабӣ, калимаю ибораҳои ҳамқофияву ҳамоҳанг дар ҳаёти кӯдакон нақши муҳим дорад. Дар таҷрибаи амалӣ онҳо ҳамчун воситаи муҳимми инкишоф додани нутқ, такмилдиҳии кори панҷаҳо ва кори узвҳои ҳискунӣ (ламскунӣ, биноӣ) ва ғайраҳо истифода мегарданд.

Бозиҳои ангуштиро фарҳангу маданияти маънавии халқ ҳисобидан мумкин аст, чунки онҳо дар баробари худ таҷассум кардани таҷриба ҳаракату такмилдиҳии кори муҳаррикҳои панҷаву дастон калимаю ибораҳои ҳамқофия, рангу тобишҳои ҳаловатбахши лафзи модарӣ, оҳанги меҳрубонию навозишомезро ҳамроҳӣ мекунанд, ки барои кӯдак ҳаловатбахшу гуворо ва таъсирбахш мебошанд.

Бояд қайд кард, ки кӯдакон оғози бозиҳои ангуштиро аз мо, калонсолон, ҳангоми суҳбату муошират ангуштхобонии мо мушоҳида намуда, ба иҷрои ин амал таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд.

Мақсади асосии ташкили бозиҳои ангуштӣ ҷалб намудани диққати кӯдакон ба ҳамоҳангсозии муҳаррики хурди панҷаҳо ба мазмуну оҳанги матн аст, ки ба инкишофи нутқ, диққат, бахотиргирӣ, идора карда тавонистани ҳаракатҳо равона карда мешавад.

Ҳангоми бозиҳои ангуштӣ дастрасонӣ ба даст, шикам ва дигар қисмҳои бадан ба руҳия ва ҳолати психикии кӯдак таъсири мусбат мерасонад. Дар натиҷа, кӯдак худро бардаму димоғчоқ ҳис мекунад.

Мутахассисони соҳа, барои кӯдакони синни томактабӣ дар ҳар як давраи ҳаёт, яъне, аз яксолагӣ то ба мактаб рафтан, бозиҳои ангуштиро тавсия мекунад, ки онҳо ба инкишофи муҳаррики хурди дастҳо ва таъмин намудани рушди ақлию зеҳнӣ, равонию ҷисмонӣ равона карда мешаванд. Омӯхтан ва таҳлили тадқиқотҳои илмӣ (Л. Павлова, В. С. Кукушкин ва дигарон), таҷрибаи кормандони муассисаҳои томактабӣ, амалияи таҷрибавии мардум нишон медиҳанд, ки кӯдакони то яксола дар раванди бозиҳои ангуштӣ фаъол буда, онҳоро бо тезӣ қабул мекунанд. Аз нигоҳи илми психологияи бачагона фаъолияти пешбарандаи кӯдакони то яксола муошрати эмотсионалӣ (Л. С. Виготский, Д. Б. Элконин, Т. Авдулова ва дигарон) бо калонсолон мебошад. Маҳз бозиҳои ангуштӣ, ки бо истифодаи қофиябозию оҳанги махсуси эмотсионалӣ ташкил карда мешавад, ба кӯдак ҳаловат мебахшад ва дар инкишофи психикии ӯ таъсири мусбат мерасонад.

**Асадулло ШАРИФЗОДА,**
**барандаи Ҷоизаи давлатии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони**
**фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ,**
**Алишер РАҲИМЗОДА,**
**директори Институти математикаи**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои физика ва математика**

# МЕТОДИ ПЕШНИҲОДИ КУРСИ МАТЕМАТИКА БАРОИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ




**Китобҳои дарсии математика ва алоқаи онҳо бо ҳаёти воқеӣ**

Солҳои охир кор дар самти китобҳои дарсии математика барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ) дар авҷ аст: чандин китобҳои насли нав, маводи таълимӣ ва дастурҳои методии нав ба нав пайдо шудаанд, ғояҳо ва фарзияҳои нав пешниҳод мегарданд, нақши маълумоти математикӣ дар кори тарбияи инсони бомаърифат аз нав кушода мешавад. Ин ҳама талабот якчанд сабаб доранд. Мо мақсад дорем, ки дар мақолаи мазкур чанд сабабро ошкор созем ва нозукиҳои ҳалли ин масъалаи муҳимро то қадри имкон нишон диҳем.

Ин мақола аз ду қисм иборат аст. Дар қисми якум нуқтаи назар доир ба китобҳои дарсии амалкунанда, аҳаммияти таълими математика дар тарбияи ахлоқии инсонро ёдрас намуда, тартиби ба китобҳои дарсии мактабӣ ворид кардани ин ё он мафҳум ё истилоҳро баён мекунем. Умуман, омӯзгорони арҷмандро бо сохтори фанни математика, аз ҷумла, алгебра ошно месозем.

Дар қисми дуюми мақола мақсад дорем, фарқияти китобҳои дарсии навро аз китобҳои дарсии пештара баррасӣ намоем. Бигзор, омӯзгорони пуртаҷриба фикру ақидаи хешро доир ба мазмуну мундариҷаи китобҳои насли нави математика (барои синфҳои 5-6 ва ғайра) холисона баён намоянд. Ин усул имкон медиҳад, то китобҳои минбаъдаи мо ҷолибу хонданибоб навишта шаванд.

**Аввал.** Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ҳар як китоби дарсӣ «умр»-и худро дорад. Дар мамолики пешрафтаи олам дар ҳар 10-15 сол масъалаи пурра ба китобҳои дарсии нав иваз кардани китобҳои пештара ба миён меояд. Китобҳои дарсии амалкунанда чӣ гунае набошанд, пас аз 10-15 соли истифодаи бефосила дар баробари фарсуда шудан, нисбат ба истифодаи онҳо аз ҷониби омӯзгорон "хастагии маънавӣ" ҳис карда мешавад. Кас мехоҳад, ки дар ин ҷода ягон чизи нав дошта бошад, зеро дар ин давра талабот ба маълумоти математикӣ дақиқ карда мешавад, методҳои нав бозёфт шуда, дар барномаҳои таълимӣ

дигаргуниҳо ворид мегарданд, дар илмҳои педагогика ва психология низ музаффариятҳои нав кашф мешаванд. Ҳамаи ин, дар баробари нишон додани арзишҳо ва музаффариятҳои миллат, бояд дар китоби дарсии такмилёфта инъикоси худро ёбад.

**Дуюм. Аксари китобҳои дарсии математика, ки то ҳол дар мактаб истифода бурда мешаванд, дар замони гузашта, дар сохти давлатдории дигар, зери таъсири қонунҳои ҷамъиятии дигар навишта шудаанд.** Агар пештар дар мактабҳо ба хонанда додани ҳаҷми муайяни иттилоот муҳим ҳисобида мешуд, ҳоло талаб карда мешавад, ки хонандаро тарзе омода сохтан лозим аст, то худаш маълумотро дастрас ва истифода барад.

**Сеюм.** Тағйироти ҷамъятӣ дар мамлакати мо боиси боло рафтани таваҷҷуҳ ба математика ва донишҳои математикӣ гардидаанд. Баъди аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардани ҳадафи чоруми стратегӣ-саноатикунонии мамлакат нуктаи назари таълими босалоҳият ё инкишофдиҳандаи ба таълим сафарбар кардани хонандагон ҷараён гирифтааст. Баъди аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ” эълон гардидани солҳои 2020-2040 мо-омӯзгорон дарк кардем, ки бояд диққати асосиро на ба бевосита маълумот гирифтан, балки ба инкишоф додани донишу малакаи худи хонанда, бо салоҳиятҳо таъмин намудани ӯ равона созем. Доир ба ҳамин масъала, ҳанӯз дуюним аср муқаддам, философи немис Иммануил Кант навишта буд: “Бояд мо на танҳо фикру ақидаҳои гузаштагонро азёд кунем, балки тарзи фикр кардану андеша ронданро омӯзонем”. Мутаассифона, дар дарсҳои математикаи мактабӣ омӯзгорон дар аксар маврид ба ҳифзи формулаҳо - “афкор”-и пешакӣ омодашуда такя мекунанд, аммо ба татбиқи онҳо он қадар эътибор намедиҳанд.

**Чорум.** Миёни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарикони рушд шартнома доир ба “Татбиқи стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” имзо шудаву амал мекунад, ки ҳадафи он баланд бардоштани сифати таълим тавассути дастгирии барномаи таълим, такмили ихтисоси омӯзгорон ваислоҳоти арзёбӣ амалӣ гардида истодааст. Дар ин замина стандарт ва барномаҳои нави таълими математика омода карда мешаванд. Табиист, ки гузариш ба онҳо гузаштан ба китобҳои дарсии насли навро тақозо менамояд.

Имрӯзҳо баъзе аз мактабиён фанни математикаро ҳамчун дарси “мушкил” ва “формулаҳои нофаҳмо” шинохтанд. Зумрае онро азбар карда метавонанд, ки дорои иродаи қавӣ, кунҷкову зирак ва мушкилнописанд ҳастанд. Математика маҷозан асперо мемонад, ки ҳамеша дар давутоз аст. Онро шахсе идора карда метавонад, ки вайро дӯст дорад, ноҳаросида ба худ ром ва идора карда тавонад.

Аҳли зиё бояд дар хотир дошта бошанд, ки математикаи мактабӣ илм набуда, балки яке аз фанҳои таълимӣ дар мактаби миёна мебошад.

Математикае, ки онро мо **"элементарӣ"** номидаем, қисмҳои таркибии математика (синфҳои 1-6), алгебра (синфҳои 7-10), алгебра ва ибтидои анализ (синфи 11), инчунин, геометрия (синфҳои 7-11)-ро фаро мегирад. Ин илми бостонӣ аз ҳаёти имрӯза зиёда аз 200 сол пеш рафтааст. Масъалаи таълими математика дар мактаби миёна аз он иборат аст, ки мо кадом маводро ва дар кадом ҳаҷм, чӣ гуна ба хонандаи мактабӣ пешниҳод гардонем. Муаллифони китобҳои дарсӣ ҳар кадоме ба таври хос ба ин масъала аҳаммият медиҳанд ва онро ҳал мекунанд. Тарзи пешниҳоди маводи таълим, баёни он аз истеъдоди фитрии устод вобаста аст.

Қаблан дар таълими математикаи мактабӣ ба ҷиҳати илмии он бештар аҳаммият дода мешуд. Яъне, омӯзгор ба ҳифзи формулаҳо, теоремаҳо ва мафҳумҳои дигари он диққати аввалиндараҷа медод. Баъдан ҷамъияти педагогҳо дарк кард, ки математикаи **элементӣ** на илм, балки яке аз фанҳои таълимии мактабӣ аст, бояд хусусияти худро дошта бошад ва ба “оқилтарошии бемаънӣ” роҳ надиҳад. Дар фанни таълимӣ шарт нест, ки ҳамаи қонунҳои математика ҳамчун илм риоя карда шаванд.

## КИТОБҲОИ ДАРСӢ

Масалан, дар ибтидои китоби дарсӣ овардани аксиомаҳо, бе таърифи дақиқи мафҳуми асосӣ баён кардани назария, дар раванди дарс исбот кардани ҳар як ҷумла (тасдиқот) ва ғайра, раванди омӯзишро мушкил менамояд. Дар ин маврид бартарии бештар ба қонунҳои педагогӣ, махсусан, психологӣ, постулатҳо ё қоидаҳое дода мешавад, ки ҳамчун ҳақиқат қабул мешаванд ва назарияи таълимии ташаккулдиҳанда доранд.

Агар ба мазмуни китобҳои дарсии фанни математика таваҷҷуҳ кунем, пай мебарем, ки талаботи дар боло овардашуда аслан ҷой доранд ва риоя шудаанд. Пайдарҳамии маводҳо, алоқамандии онҳо, зина ба зина аз сода ба мураккаб гузаштани мавзуъҳо боиси ба як курси пурра табдил ёфтани қисмҳои заруртарини фанни математикаи элементарӣ мегардад.

Китоби дарсии математика барои синфи 6 давоми мантиқии китоби дарсии математика барои синфи 5 аст. Агар дар китоби дарсии математикаи синфи 5 дар атрофи мавзуъҳои “Ададҳои натуралӣ”, “Касрҳои одӣ”, “Касрҳои даҳӣ” ва иҷрои амалҳо бо онҳо сухан рафта бошад, дар синфи 6 дар баробари таълим додани мавзуъҳои “Тақсимшавии ададҳои натуралӣ”, “Касрҳои одӣ” (бо махраҷҳои гуногун), инчунин, мавзуъҳои “Нисбат ва таносуб”, “Ададҳои мусбат ва манфӣ ва амалҳо бо онҳо”) омӯзонида мешаванд. Дар ин ҷо, дар баробари табдилдиҳии содаи ифодаҳо (кушодани қавсҳо ва ислоҳ кардани ҷамъшавандаҳои монанд), хонандагон аз уҳдаи ҳал кардани муодилаҳои хаттии якномаълума мебароянд. Дар боби охири китоби дарсии “Математика барои синфи 6” хонанда бо “Системаи координатаҳои росткунҷаи декартӣ” ошно шуда, дар он нуқтаҳо, порчаҳо, диаграммаҳо ва ғайраро тасвир карда метавонад. Ворид сохтани ин мавзуи ниҳоят муҳим барои ворид шудан ба олами зебои тасвирҳо - геометрия роҳ мекушояд. Ин қисми математика, ки онро хонандагон дар синфҳои 1-6 меомӯзанд, солҳои гузашта бо номи илми риёзӣ ё ҳисоб маъмул буд.

Дар таълими математика таърифҳо нақши муҳим мебозанд. Саволи табиие ба вуҷуд меояд, ки мувофиқи он омӯзгор бояд чӣ тавр ва дар кадом маврид ин ё он таъриф, теорема ё мафҳуми мураккаби математикиро ворид созад ва онро чӣ гуна ба хонанда пешниҳод намояд. Ҷавоби ин саволи мураккаб ва печ дар печ таҳлили амиқ мехоҳад.

I. Агар вазифаи асосии омӯзгор омӯзонидан бошад, ӯ метавонад, таърифи расмии (рӯякии) ҳар гуна мафҳумро дар кадом марҳилае, ки раво медонад, ворид созад.

II. Агар вазифаи асосии омӯзгор инкишоф додан бошад, ӯро зарур аст, ки дар бораи мавқеъ ва вақти истифодаи ин ё он мафҳум (стратегия), зинаҳои пайдарҳами аз одӣ ба мураккаб ба таври расмӣ овардани мафҳум (тактика) андеша намояд. Чунин пайдарҳамиҳо барои фанни математика сетоанд: 1) аёнӣ - ҳиссиётӣ, вақте ки мафҳуми нав дар такя бо тасвир ё тасаввуроти аёнии хонанда ворид карда мешавад; 2) корӣ-тасвирӣ, ҳангоме аз хонанда талаб карда мешавад, ки ӯ ба ҷойи ҷавоб ба саволи “Ин чист?” ба саволи “Ту инро чӣ тавр мефаҳмӣ” ё “Инро чӣ тавр тасаввур мекунӣ?” ҷавоб дода тавонад. 3) Формалӣ (шаклпарастӣ).

Стратегияи ворид сохтани мафҳуми мураккаби математикӣ дар китобҳои дарсии мавҷуда ба тартиби аз сода ба мураккаб оварда мешаванд. Дар зинаи ибтидоӣ хонанда бори аввал бо мафҳум вомехӯрад ва шояд он дар шакли “аз ин гӯш ба он гӯш” бошад. Ҳангоми дуюмбора шунидани ин истилоҳ фикр мекунад ва барои дарки он андеша меронад, маротибаи сеюм, ки дучор ояд, ҳатман дар хотираш нигоҳ медорад.

Ба сифати мисол чӣ тавр ташаккул ёфтани мафҳуми “муодилаи баробарқувва”-ро дар китоби “Алгебра” барои синфи 7 пешниҳод мекунем. Дар ин зина доир ба мафҳумҳои “муодилаҳои баробарқувва” (эквивалент), “табдилдиҳиҳои баробарқувва” қариб, ки сухан намеравад, гарчанде дар ин китоб муодилаҳои хаттӣ ва системаи муодилаҳои хаттӣ омӯзонида мешаванд. Сабаб дар он аст, ки дар ин қисм муодилаҳои ғайриэквивалент дучор намеоянд. Бинобар ин, зарурати ворид сохтани ин мафҳумҳо аз байн меравад. Вале дар аввали синфи 8, ҳангоми баёни мавзуи касрҳои алгебравӣ, доир ба муодилаҳои ратсионалӣ

маълумоти нахустин дода мешавад ва дар ин ҷо хонанда огоҳӣ меёбад, ки дар натиҷаи ҳалли чунин муодилаҳо метавонанд решаҳои бегона пайдо шаванд ва ҳатман решаҳои ёфташударо тафтиш бояд кард. Вале барои ворид сохтани мафҳуми "эквивалент" ҳоло ҳам таҷрибаи кофӣ ҷамъ нашудааст. Дар нимсолаи дуюми синфи 8 муодилаҳои ратсионалӣ ва муодилаҳои одии ирратсионалӣ ҳал карда мешаванд. Дар ин ҷо хонандагон дарк мекунанд, ки решаҳои бегонаи муодилаҳоро на фақат дар натиҷаи аз ифодаи ирратсионалӣ озод кардани махраҷ, балки дар натиҷаи ба квадрат бардоштани ҳарду қисми муодила низ пайдо кардан мумкин аст. Акнун хонандагон таҷрибаи кофӣ ҳосил кардаанд ва маҳз дар ҳамин зина барои ворид сохтани мафҳумҳо, аз қабили муодилаҳои баробарқувва, инчунин, табдилдиҳии баробарқувваги ва нобаробарқуввагии онҳо, решаҳои бегона ва санҷиши решаҳои ёфтшуда шароит муҳайё мегардад. Ҳамин усул дар китоби дарсии синфи 9 низ истифода мешавад. Хонанда дар аввал ҳал кардани системаи муодилаҳоро ёд мегирад. Сипас, диққати хонанда ба он ҷалб карда мешавад, ки усулҳои дар синфи 7-8 омӯхтаи ӯ, аз қабили: а) гузориш, б) ҷамъи алгебравӣ ва в) ворид сохтани тағйирёбандаи нав аз нуқтаи назари баробарқувваги дар ҳақиқат ҷой доранд ва қабуланд. Яъне, дар натиҷаи татбиқи хосияти баробарқувваги мо системаи додашударо ба системаи бо он баробар иваз карда, системаи содатарро меомӯзем ва чизеро бой намедиҳем. Акнун, мо ба истилоҳоти "инкишоф" ва "таълими ташаккулдиҳанда" бармегардем.

Барои омӯхтани математика бо ин ё он тарз се назар вуҷуд дорад: **1) Омӯзиш ба воситаи масъала. 2) Омӯзиш бо ташкили ҳолати проблемавӣ. 3) Омӯзиш бо воситаи таълими проблемавии ташаккулдиҳанда.**

Усули омӯзиш тавассути масъала дар он аст, ки омӯзгор дар ибтидои дарс масъалаеро барои ҳал пешниҳод мекунад, ки хонандагон аз иҷрои ҳалли он намебароянд. Ӯ масъаларо шарҳ медиҳад, унсурҳои назарияро меорад ва сипас, ба масъала баргашта, худаш ҳал мекунад. Моҳиятан ин рафтори омӯзгор боиси дастгирист, аммо камбудӣ дар он аст, ки масъала ба хонандаи алоҳида равона нашудааст. Масъалае, ки дар ин дарс ҳал мешавад, на барои хонанда, балки барои омӯзгор аст. Омӯзгор ин масъаларо барои хонандагон пешкаш мекунад, чунки вай раванди бефосилаи мавзуи дарси навро таъмин менамояд.

Тақрибан ҳамин аҳвол низ ҳангоми тарзи омӯзиш бо воситаи ташкил кардани ҳолати проблемавӣ ҷой дорад. Маҷозан, омӯзгор хонандагонро барои ҳалли масъала "ба кунҷе тела медиҳад" ва худаш дар ҳамин дарс онҳоро аз ин кунҷ берун меорад. Ҳамин тавр, ҳангоми истифодаи ин ду метод хонанда дар ҳолати беҷуръатӣ (танбалӣ) қарор мегирад. Ҳангоми омӯзиши дуруст ё таълим тавассути проблема кор дигар аст. Аввал, бояд бо проблема бевосита худи хонанда рӯ ба рӯ ояд. Дар раванди ҳалли масъала ё фикр кардан ӯ бояд дарк кунад, ки масъаларо ҳал карда наметавонад, чунки ягон чизеро намедонад. Дар ин маврид гузариш ба ҳалли модели математикӣ ба амал меояд. Дуюм, ҳалли проблема бояд андаке ба таъхир гузошта шавад, то он "пухта расад". Танҳо баъд аз ин шартҳо, то ҳалли масъала расида, хонанда бояд дар инкишофи донишаш пешравиро дарк кунад ва кайфияти мусбатро ҳис намояд. Аз ин хонанда руҳу илҳом гирифта, кӯшиш мекунад, масъаларо то охир ҳал кунад ё тарзи ҳалли онро пайдо намояд. Дар ин маврид омӯзгор медиҳаду хонандагонро ба ҳалли проблемаи гузошташуда сафарбар мекунад.

Аз синфи 7 мисол меорем. Дар китоби "Алгебра барои синфи 7", ҳангоми омӯзиши мавзуи "Ба ҳамзарбҳо ҷудо кардани бисёраъзо", мо бисёрузваи додашударо ҳамчун ҳосили зарби ду ва зиёда зарбшаванда (ҳамзарбҳо ё қавсҳо) менависем. Дар синфи 8 бо ёрии ҳамин усул, ҳангоми омӯхтани ҳалли муодилаи квадратӣ, хонандагон муодилаи квадратиро бо усули ба ҳамзарбҳо ҷудо кардани сеузваи квадратӣ ҳал мекунанд. Танҳо мушкилӣ дар он аст, ки на ҳар як сеузваи квадратиро бо усули гурӯҳбандӣ ба ҳосили зарб табдил додан мумкин аст. Ин амалро на ҳар хонанда иҷро карда метавонад. Вале, дар нимсолаи дуюми синфи 8 хонанда пас аз омӯхтани мавзуи "Муодилаи квадратӣ" бо формулаҳои мушаххаси решаҳои муодилаи квадратӣ (формулаҳои Виет ва чаппаи онҳо) ошно мешавад. Акнун барои онҳо ҳал

кардани дилхоҳ муодилаи квадратӣ мушкилӣ намекунад. Ҳамин тавр мо хонандаро аз синфи 7 омода сохтем, то дар синфи 8 аз уҳдаи ҳалли муодилаи квадратӣ бароянд.

Ногуфта намонад, ки математика ягона фаннест, ки дар ҳамаи мактабҳои миёнаи ҷаҳон аз зинаи аввал то охир омӯзонида мешавад. Дигар ягон фанни таълимӣ чунин имтиёз надорад. Математика забон ва тарзи баёни худро дорад: бо кӯтоҳ ифода ёфтани ҷумлаҳояш аз илмҳои дигар фарқ мекунад. Ин хосият вайро аз фанни муқаррарӣ ба “шоҳи фанҳо” табдил додааст. Ҳоло ягон соҳаи фаъолияти инсониро бе донистани асосҳои математика тасаввур кардан мумкин нест. Онро физик, химик, муҳандис, муҳосиб, мутахассисони соҳаҳои гуногуни илму техника, ҳатто, фанҳои гуманитарӣ низ дар фаъолияти ҳаррӯзаи хеш истифода мебаранд. Муҳимтараш он аст, ки математика дар мактаб низ дар баробари фанҳои таъриху адабиёт, ҷомеашиносӣ, биология ва ғайра, фанни гуманитарӣ ҳисоб меёбад. Он дар баробари фанҳои мактабӣ дар тарбияи инсон иштирок менамояд. Бо мазмуни хеш дар тарбияи ахлоқӣ ва меҳнатдӯстии инсонҳо нақши муҳим мебозад. Он инсонро дар руҳияи ростқорӣ, дурустандешӣ, хештаншиносӣ, дар роҳи оқилона расидан ба мақсади гузошташуда, таҳаммулпазирӣ, андешаи солиму созанда доштан, дар асоси мантиқ муҳокима рондан ва ғайра, тарбия медиҳаду ӯро дар ҳаёт пайгирӣ мекунад. Дар маҷмуъ, математика-роҳнамои зиндагӣ аст.

Агар ба стандарти математика ва барномаи таълими он дар мактаб бодиққат назар андозем, пай мебарем, ки мавзуи асосӣ барои фанни алгебраи синфи 7 “Функсияи хаттӣ” ба ҳисоб меравад. Хонандагон дар ибтидои фанни алгебра бо мафҳумҳои “ифодаҳо”, “муодилаҳои хаттӣ”, “функсияи хаттӣ” дучор меоянд, графики функсияҳои хаттиро тасвир менамоянд. Мавзуи “Дараҷаи адади натуралӣ”-ро аз худ карда, ба олами якузв ва бисёрузвҳо ворид мегарданд ва бо табдил додани онҳо машғул мешаванд. Пас аз ин формулаҳои зарби мухтасарро аз ёд карда, ба мафҳуми система ва ҳалли системаи муодилаҳои хаттии дорои ду тағйирёбанда мегузаранд. Дар ҳамаи ҳамин марҳилаҳо ва солҳои минбаъда хонанда бо моделҳои математикӣ дучор меояд ва ба ҳалли онҳо машғул мешавад. Аз нуқтаи назари ба модел овардану идора кардани равандҳои воқеӣ алгебра дар синфи 7 ба омӯзиши **равандҳои мунтазам** мувофиқ карда шудааст. Мавзуи асосӣ дар алгебраи синфи 8 функсияи квадратӣ буда, аксари маводи таълимӣ ба ҳамин мавзуъ бахшида шудаанд. Яъне, дар синфи 8 хонанда бо моделсозии **равандҳои баробаршитоб** (афзоянда ва коҳишёбанда) шинос мешаванд. Ҳамин тавр, мавзуи марказии алгебраи синфи 9-10-ро “Функсияҳои тригонометрӣ”, “Муодилаҳо ва нобаробариҳои тригонометрӣ”, инчунин, тасвири графикии онҳо ташкил додаанд, ки онҳо **равандҳои даврии такрорёбанда**ро ифода менамоянд. Дарсҳои алгебра дар синфи 10 бо истифода аз мафҳуми “ҳосилаи функсия” афзоиш ва камшавии равандҳоро дарбар мегиранд ва хонандаро барои азбар кардани асосҳои математикаи олӣ, аз ҷумла, “Интеграли номуайян”, “Интеграли муайян”, “Қаторҳои ададӣ” ва ғайра омода месозанд.

Шиносоӣ бо муодилаҳои дифференсиалии одӣ хатмкунандаи макотиби таҳсилоти миёнаи умумиро бо равандҳои таҷзияи радиоактивӣ, паҳн шудани эпидемияҳо, афзоиши шумораи аҳолӣ ва амсоли онҳо дучор меорад. Дар синфи 11 ҳамчун мавзуи марказӣ “Функсияҳои нишондиҳандагӣ ва логарифмӣ” нақши асосиро иҷро мекунанд. Онҳо **равандҳои афзуншавандаи маҳдуд**ро фаро мегиранд. Ҳамин тавр, дар асоси далелҳои овардашуда бо боварии том навишта метавонем, ки математикаи мактабӣ моделҳои математикиро меомӯзад ва ҳал мекунад. Чор намуд модели математикие, ки равандҳои воқеии табиӣ ва ҷамъиятиро ифода менамоянд, дар дарсҳои алгебра, физика, химия, биология, география ва ғайра, дар мактаб омӯзонида мешаванд.

Дар ин нигошта, талош шуд, ки масъалаи омӯзиши моделҳои математикиро шарҳ диҳем ва дар нигоштаи баъдӣ низ ин масоилро пайгирӣ хоҳем кард.

**Давом дорад...**

**(Идомааш дар шумораи оянда)**

**Баҳром ШАРАФЗОДА,**
**муовини раиси шаҳри Роғун**



# НАҚШИ ТАРБИЯИ ЭКОЛОГИЮ ЗЕБОИПАРАСТӢ ДАР ТАШАККУЛИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛИИ НАВРАСОНУ ҶАВОНОН

Тавре таҳлилҳои муҳаққиқони соҳаи илмҳои педагогӣ собит кардааст, дар ташаккули тарбияи ватандӯстии хонандагон ва наврасону ҷавонон нақши тарбияи ахлоқию экологӣ ва махсусан, тарбияи зебоипарастӣ ҷойгоҳи намоёнро ишғол менамояд. Дар ҷомеаи муосир, ки бархурдҳои мафкуравию ахлоқӣ бештар рӯ ба рӯйи насли ҷавон меистад, таҳким бахшидани тарбияи экологию зебоипарастӣ ва бо ҳамин васила, дар вуҷуди хонандагони муассисаҳои таълимӣ бо дарназардошти унсурҳои педагогӣ ҷой намудани арзишҳои баланди худшиносӣ саривақтӣ мебошад. Дар робита ба ин, аҳаммияти усулҳои тарбиявию таҷрибавӣ дар маърифати баланди инсонию омӯзгорӣ ҷойгоҳи хоса дорад ва ин масъала мафкураи солими донишомӯзони муассисаҳои таълимӣ ва насли наврасу ҷавони кишварро ташаккул медиҳад.

Басо рамзист, ки дар ташаккули тарбия ва шаклҳои маърифати ҷомеа, хусусан, дар миёни хонандагони муассисаҳои таълимӣ, инчунин, дар миёни наврасону ҷавонон нақши шуури ҷамъиятӣ созгор мебошад. Аз ин ҷост, ки равандҳои педагогии таълим ва усулҳои таъсиррасонии тарбия нақши хусусиятҳои тарбияи зебоипарастӣ, ахлоқӣ ва тарбияи экологӣ ё ҳифзи муҳити табиатро дар инкишофи ақлии кӯдакон таъсиррасон арзёбӣ менамояд. Тавре аз хусусиятҳои ин масъала мебинем, муҳити атроф ва табиат барои инсон объекти донисташаванда ва бахусус, воситаи ҳаловатбахши эстетикӣ мебошад.

Воқеан, он ҳодисаи комилан эстетикӣ буда, ба инсони аз ҷиҳати зебоишиносӣ рушдёфта ҳаловати амиқи руҳӣ мебахшад. Албатта, донистани асрорҳои ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ шарт аст. Бо ин зарурати тарбияи умумӣ, ҳатмии ибтидоӣ-экологӣ, ки дар он асоси маданияти экологии инсон гузошта мешавад, хело муҳим мебошад.

Агар ба асосҳои дарки тарбияи экологӣ назар намоем, фаҳмиши экологӣ ҳамчун қисмати таркибии муҳити ҷаҳонбинии илмии хонандагон дар раванди тарбияи экологӣ ташаккул меёбад. Он фаъолияти мақсаднок, системаноки педагогӣ, ки ба инкишофи маълумотнокии экологӣ ва тарбияи кӯдакон нигаронида шуда, ҷамъ шудани донишҳои экологӣ, ташаккули маҳорат ва малакаҳои фаъолият дар табиат, бедор кардани ҳисси баланди ахлоқию эстетикӣ, ҳосил намудани сифати ахлоқии баланди шахсият ва иродаи мустаҳкам дар адои корҳои ҳифзи табиатро ифода мекунад [1]. Яъне, аз ин бар меояд, ки ташаккули тарбияи экологӣ дар шуури кӯдакон, хусусан, хонандагони муассисаҳои таълимӣ аз равандҳои педагогӣ, аз ҷумла, расонидани фаҳмишҳои дурусти табиатдӯстдорию зебоипарастӣ дар кӯдакону наврасон тавассути дарсҳо ва экскурсияҳо, дарсҳои тарбиявӣ, озмунҳои рассомӣ, инчунин, чорабиниҳо дар фазои табиат ба мақсад мувофиқ мебошад.

Аҳаммияти тарбияи экологии хонандагон ё худ самтҳои муосири ин раванд барои он муҳим аст, ки самти экологӣ маърифати сарчашмаҳо, дарки ҳис ва беҳдошти муҳити зист, истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ, ҳа-

моҳангии корҳои экологию маърифатӣ, нақши клубҳои экологӣ, марказҳои экологӣ, лагерҳои мавсимӣ, маълумоту донишҳо оид ба парваришгоҳҳо, боғҳои миллӣ ва дигар марказҳои истироҳатиро фаро мегирад [2]. Тавре мебинем дар ташаккули тарбияи экологию ватанпарварии хонандагон ва таҳким бахшидани ин раванд нақши омӯзгор аввалиндараҷа аст. Дар робита ба ин, хулоса кардан мумкин аст, ки муҳаббат ба Ватан вазифаи ҳар як ҷавонмард буда, барои ободу зебо гардонидани он бояд ҳар як фарди солимфикр талош намояд.

Гуфтан мумкин аст, ки меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ низ дар фазои зебои табиати Ватани азизамон-Тоҷикистон, метавонад толибилмонро ба дӯстдории табиат ва муҳофизати он ҷалб намояд. Ин албатта, дар ҳамбастагию алоқамандӣ бо унсурҳои хоси тарбияи экологӣ, ки аз ҷониби омӯзгорон дар асоси унсурҳои хоси тарбияи экологӣ, ки дар боло зикри он ифода ёфт, амалӣ гардонида мешавад.

Омили дигари ташаккул додани тарбияи ватанпарварию худшиносӣ дар замири хонандагону толибилмон ва наврасону ҷавонон ин тарбияи эстетикӣ аст. Тарбияи эстетикӣ маънои васеъ дорад, он тамоми паҳлуҳои ҳаёти инсонро фаро мегирад, фақат онро дарк карда тавонистан лозим аст. Моҳияти тарбияи эстетикӣ дар талабагон ташаккул додани қобилияти дарккунии зебоии арзанда ва дуруст фаҳмидани он дар санъат, ҳаёт, омӯзиши мафҳум, рағбат ва идеалҳои эстетикӣ баҳри инкишофи аломатҳои эҷодӣ ва истеъдод нисбат ба соҳаҳо мебошад. Дар ин замина гуфтан ба маврид аст, ки тарзи инкишофи санъати тасвирӣ, санъати мусиқӣ, кино ва театр, ахлоқи ҳамида ва зебогии атроф ба тарбияи зебоипарастии хонандагон дар зинаҳои гунонун таъсири муфид мегузорад.

Тавре муаллифони маводи “Нақши санъати тасвирӣ дар тарбияи ахлоқӣ-зебоипарастии наврасону ҷавонон” баён доштаанд: “Таҳким бахшидани маҳорату малакаи санъати тасвирӣ дар замири кӯдакону наврасон ва умуман сокинон василаест, ки ба рушди донишу ҷаҳонбинӣ ва дарки муҳити атроф ба дигарон мусоидат мекунад” [3]. Аз ин рӯ, санъат ва фарҳанг ба тарбияи зебоипарастии на танҳо кӯдакон, балки наврасону ҷавонон низ таъсиррасон буда, бо дарки воқеии унсурҳои фарҳангӣ, ба монанди санъати мусиқӣ, тасвири ҳунармандӣ ба шуури фардию ҷамъиятии шаҳрвандон низ мусоидати фаъол менамояд.

Тарбияи эстетикӣ ва экологии наврасону ҷавонон дар ташаккули худшиносӣ ва шуури ҷамъиятӣ дар илми фалсафа низ муҳим арзёбӣ мегардад. Яъне, худшиносӣ ин тамоюлест, ки дар заминаи он "ман"-и инсон вобастагиашро ба дониш ҳис менамояд ва назди худ саволеро мегузорад, ки "оё он ҳама маърифати дар таҷрибаи ман буда метавонад мустақил бо-



шад?" Барои расидан ба зинаҳои худшиносӣ ё худогоҳӣ донишҳо дар бораи табиати иҳотакунандаи инсон ва барои худи ӯ лозим мебошад, ки ин раванд ба наврасону ҷавонон низ хос мебошад. Дар ин асно нақши шуури инсонӣ хеле бориз аст, яъне, вазифаи шуур дар ҳолати муқаррарӣ иборат аз муайян намудани муносибати инсон ба табиат аст.

Худшиносӣ дар раванди инкишофи фардияти инсон, ба ғайр аз омилҳои иҷтимоӣ, барқарорнамоии робита бо ҷамъи одамон, таҳкими маънавиёти инсон ва ҳарчи бештар вориди ҷомеа будан, боиси ташаккули зинаҳои худшиносӣ мегардад. Масъалаҳои зерин заминаҳое ҳастанд, ки барои расидан ба дараҷаи худшиносии миллӣ асос ҳисобида мешаванд: тарбияи оилавӣ, бедор намудани шавқу ҳаваси наврасону ҷавонон ба донишомӯзӣ, инчунин, тарбияи ақлӣ, ҷисмонӣ, меҳнативу ахлоқӣ, эстетикию экологӣ ва худбаҳодиҳӣ.

Имрӯзҳо дар тамоми дунё ба ҳифзи муҳити зист, махсусан, баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мегардад, чунки аз он некуаҳволӣ ва саломатии одамон вобаста аст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои вобаста ба ҳифзи муҳити зистро дар меҳвари сиёсати давлатӣ қарор дода, барои беҳбудии он ғамхории доимӣ зоҳир менамояд. Барои баланд бардоштани савияи донишу маърифати экологии наврасону ҷавонон, рушди устувор дар системаи маърифати экологии ҷаҳонӣ аз таҷриба, усул ва шаклҳои гуногун истифода мекунанд, ки дар ин самт ба фаъолияти амалӣ ва тадқиқотӣ такя намудан ба манфиати умум хоҳад буд.

**Шакл ва усулҳои маърифат инҳоянд:**

Мактаби экологӣ, театри экологӣ, бозию ҷашнҳои экологӣ, лагери экологӣ, туризми экологӣ, коргоҳи эҷодӣ, ҷамъияти илмии мутахассисин, маҳфилҳои экологӣ, мубоҳисаҳо, истифодаи технологияи муосири иттилоотӣ, осорхонаи экологӣ, иқдому намоишҳо ва ғайраҳо [4].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар Паёмашон (28.12.2023) бо мақсади беҳтар кардани вазъи экологии кишвар ва муҳайё намудани шароити ҳарчи беҳтар ва мусоиди зист барои аҳолӣ ба сохторҳои марбутаи Ҳукумати мамлакат супориш доданд, ки “Барномаи мушаххаси давлатӣ оид ба кабудизоркунии кишварро барои давраи то соли 2040 қабул ва амалӣ намоянд. Яъне, мо бояд барои наслҳои оянда ниҳол шинонем, боғ бунёд намоем, Ватанамонро пешрафта гардонем ва ба фарзандону набераҳоямон як мулки обод мерос гузорем”[5].

Ин гуфтаҳои Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъулини соҳа ва кулли шаҳрвандони кишварро водор менамояд, ки барои ҳифзи табиат, вусъати корҳои ободонию кабудизоркунӣ, инчунин, ба кишвари сабз табдил додани ватани азизу маҳбубамон-Тоҷикистон ва бо ҳамин васила, таҳким бахшидани тарбияи зебоипарастию ватанпарастии наврасону ҷавонон нақши муҳим гузоранд.

Хулоса, нақши тарбияи экологию зебоипарастӣ дар ташаккули худшиносии миллии наврасону ҷавонон дар шароити имрӯзаи ҷомеаи шаҳрвандиамон, бо мақсади ҳифзи асолати миллию ватандорӣ, ҷойгоҳи хосса дошта, он бо асосҳои муосири равандҳои педагогӣ дар вуҷуди кӯдакону наврасон ва ҷавонон таҳким дода мешавад.

**Адабиёт:**

1. Раҳимов Х., Нуров А., Педагогика. -Душанбе, «Маориф ва фарҳанг», 2007. 194-195с.
2. Туронов С. Ш. Самтҳои муосири тарбияи экологӣ ва ватанпарварии хонандагон (мақолаи илмӣ). https://cuberleninka.ru.
3. Назиров А. И.,Турахонов С. А., Сайдамиров С. Д., Изатуллоева Х. И. Нақши санъати тасвирӣ дар тарбияи ахлоқӣ-зебоипарастии наврасону ҷавонон (мақолаи илмӣ). https://cuberleninka.ru.
4. Миралиев М. Тарбия ва маърифати экологии ҷавонон. Web.ttu.tj.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 28.12.2023. Душанбе: «Шарқи озод», 2023.

**Аслиддин НАСРУДИНЗОДА,**
**унвонҷӯи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**



# ВОСИТАҲОИ АЁНӢ ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР РАВАНДИ ДАРСУ МАШҒУЛИЯТҲОИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ




Нақши воситаҳои аёнӣ дар раванди машғулиятҳои забони англисӣ бениҳоят калон арзёбӣ мегардад. Муҳаққиқ А.Ф. Сендажи дар ин бора чунин қайд мекунад: «Дар раванди таълим аёният бояд ҳамчун воситаи маърифатӣ истифода шуда, бояд ба ташаккули салоҳиятнокии хонандагон боис гардад. Чунин аёният манбаи иттилооте ба шумор меравад, ки барои осонтар азхуд кардани забони хориҷии хонандагон мусоидат мекунад» .

Ба воситаҳои аёнӣ дохил мешаванд: расмҳо, мусавваraҳо, тасвирҳо ва аксҳо. Дар навиштаи зерин барои пурра ва мукаммал фаҳмидани моҳияти истифодаи воситаҳои аёнӣ дар рафти омӯзиши забони англисӣ таҳлилу мушоҳидаҳои хешро барои хонандагони маҷаллаи **“Маърифати омӯзгор”** пешниҳод менамоем.

**Расмҳо, мусаввараҳо, тасвирҳо ва аксҳо**

Яке аз воситаҳои муассири таълимӣ ва баланд бардоштани тафаккури таҳлилии хонандагони синфҳои болоӣ метавонад, истифодаи расмҳо, мусаввараҳо, тасвирҳо ва аксҳо дар ҷараёни дарсу машғулиятҳои забони англисӣ бошанд. Расмҳо, мусаввараҳо, тасвирҳо ва аксҳоро қариб ҳамаи омӯзгорон дар дарсҳои забони англисӣ истифода мебаранд.

Педагогон А.А. Юнусов, Д. Раҳимбек, А.А. Юнусова ва Н.Ж. Айтбаева дар ин бора чунин андеша доранд: «Маҳз таълим додани хонандагон ба воситаи ашёи аёнӣ ба омӯзгор имкон медиҳад, ки усулҳои фаъоли таълиму тарбияро дар раванди машғулиятҳо роҳандозӣ намояд. Ашёи аёнӣ ба таъмини принсипҳои илмӣ ва маърифатии хонандагон мусоидат намуда, ҷиҳати беҳтару хубтар аз худ кардани маводи таълимӣ, самаранокзоии ҷараёни машғулиятҳо, ҳамаҷониба ва пурра ташаккул ёфтани маънавиёту тафаккур, бедор кардани шавқу рағбати дарсомӯзӣ, дарки ҷанбаҳои эстетикӣ ва инкишофи муносибатҳои эҷодкоронаи онҳо шароит фароҳам меоранд» .

Барои муассир ташкил кардани раванди дарси забони англисӣ омӯзгор дар асоси фаҳмиши худ, ба эътибор гирифтани синну соли хонандагон, вазъи саломатӣ ва тафаккури интиқодии онҳо, расмҳо, мусаввараҳо ва аксҳои гуногунро мавриди истифода қарор медиҳад. Расмҳо, мусаввараҳо, тасвирҳо ва аксҳо хотира, тафаккур ва тасаввуроти хонандагонро фаъол намуда, ба ташаккули маърифат, ҷаҳонбинӣ ва баланд гардидани санъати суханварии онҳо мусоидат мекунанд.

Расму мусаввараҳо дар машғулиятҳои англисӣ чунин ҷанбаҳои маърифатии хонандагони синфҳои болоиро инкишоф медиҳанд:

- хотира, тафаккур ва тасаввуроти хонандагонро фаъол мегардонанд;
- имкон медиҳанд, ки хонандагон дар раванди машғулиятҳо бештар ба забони англисӣ ҳарф зананд;

- нутқро бо тамоми ҷиҳатҳои забонӣ рушд мебахшанд;

- хонандагон дар асоси муқоиса воқеаҳои ҳаётиро дарк карда, бештар ба умқи онҳо сарфаҳм мераванд.

Ҳангоми истифодаи расмҳо, мусаввараҳо, тасвирҳо ва аксҳо дар машғулиятҳои забони англисӣ омӯзгорро мебояд, доираи мақсади дарс, хусусиятҳои синнусолӣ ва равонии хонандагонро ба назар гирад. Масалан, омӯзгор расму мусаввараҳои мавзуиро метавонад, ҳангоми ташкили шиносоии хонандагон бо калимаҳои нав, тарзи талаффузу шаклҳои муошират ва ҳам барои ташкили кори мустақилонаи хонандагон дар шаклҳои гуногун истифода барад. Дар ин раванд омӯзгор бояд равандҳои маърифатӣ, сатҳи ҷаҳонбинӣ ва ақлонию зеҳнии хонандагони синфҳои болоиро ба эътибор гирад. Дар ҳолати ба назар нагирифтани сифатҳои дар боло зикр гардида, мақсади дарс барои хонандагон нофаҳмо гардида, раванди самаранокии таълим коста мешавад. Ҳар як омӯзгор бояд нақши муҳимму возеҳи сенсории хонандагонро, махсусан, ҳангоми таълими забони дуюм ба назар гирад.

Ба андешаи педагог Э.М. Кравченя: «Одам тақрибан 90 фоизи тамоми иттилоотро дар бораи олами атроф тавассути анализатори чашм мегирад. Чашм ба мо имкон медиҳад, ки шакл, ранг, равшанӣ ва ҳаракати ашёро дарк кунем. Имконияти дарки сенсорӣ бо хусусиятҳои қувватнокӣ, фазоӣ, вақтӣ ва иттилооти қабулшуда муайян карда мешавад. Маҷмуи ин хусусиятҳо ва арзишҳои ададии онҳо тавассути дидани объект ба чашм муайян карда мешавад» .

Мақсади асосии истифодаи расмҳо, мусавваҳо, тасвирҳо ва аксҳои мавзуӣ дар машғулиятҳои англисӣ ин инкишоф ва рушд бахшидани тафаккури хонандагони синфҳои болоӣ, таассурот, эҳсосот ва тахайюли онҳо мебошад.

Ҳангоми интихоби воситаҳои аёнӣ, алалхусус, расмҳо, мусавварахо, тасвирҳо ва аксҳо педагог бояд нуктаҳои зеринро ба эътибор гирад:

- расмҳо, мусавварахо, тасвирҳо ва аксҳо барои хонандагон ҳисси кунҷкобӣ ва шавқу ҳавасро бедор месозанд;

- ба рушди эҷодиёти хонандагон мусоидат мекунанд;

- хусусиятҳои фарҳанги миллиро пайгир мебошанд;

- мақсади дарсро ба пуррагӣ ифшо месозанд.

Мушоҳидаҳои педагогӣ нишон медиҳанд, ки дар тӯли солҳо расмҳо, мусавварахо, тасвирҳо ва аксҳо самаранокии раванди таълимро афзоиш дода, ба хонандагон барои беҳтару хубтар омӯхтани фанҳои мухталифи таълимӣ кумак кардаанд. Маводҳои компютерӣ, ки дар амалияи муосири педагогӣ васеъ истифода мешаванд, нақш ва истифодаи расмҳо, мусавварахо, тасвирҳо ва аксҳоро дар машғулиятҳои забони англисӣ иваз накардаанд, зеро моҳияти онҳо дар раванди машғулиятҳо фаъолияти равонии хонандагонро дучанд карда, шавқу ҳавасро ба дарсҳои забономӯзӣ бедор мекунанд. Инчунин, ҳаҷми маводи азхудкардаи хонандагонро васеъ, хастагиро коҳиш, таассуротро ғанӣ, эҷодро сайқал ва иродаро ташаккул медиҳанд.

Хулоса, кор бо маводи аёнӣ дар раванди омӯзиши забони англисӣ ба хонандагони синфҳои болоӣ имконият медиҳад, ки раванди таълим таъсирнок гардад, шавқ ба эҷодиёти бадеӣ пайдо шавад, сатҳи мушоҳида, таваҷҷуҳ, диққат ва тахайюл, ки асоси тарбияи ҷаҳонбинӣ ва фарҳанги муошират ба шумор мераванд, шакли дигар гиранд. Дар ҳолати кор бо маводи аёнӣ тасаввуроти фазоӣ, хотира, малакаҳои дарки ашё, тафаккури эҷодӣ, ҳаракатҳои сенсории чашм ва ҳисси кунҷкобонаи хонандагон инкишоф меёбад. Инчунин, истифодаи ашёи аёнӣ дар раванди дарсҳои англисӣ ба баррасии масъалаҳо ва вазифаҳои ҳалталаби воқеӣ ва тавлиди ғояҳои муносиби ҳалли мушкилоти мавҷуда ёрии амалӣ мерасонад. Бояд қайд кард, ки зери мафҳуми ашёи аёнӣ расм, тасвир, ашёи табиӣ, китобҳо, намоиши порчаҳои филмӣ ва ғайра, фаҳмида мешаванд.

**Адабиёт:**

1. Кравченя, Э.М. Технические средства обучения и методика их применения: методическое пособие / Э.М. Кравченя. – Минск: БНТУ, 2011. – 55 с. –С.7

2. Сендажы А.Ф. Использование художественной наглядности в обучении устной речи на уроках английского языка в школе / Столыпинский вестник. -№11. –М., 2023. -658с. –С.35.

3. Юнусов А.А., Рахымбек Д., Юнусова А.А., Айтбаева Н.Ж. Наглядность в активизации познавательной деятельности учащихся. // Advances in current natural sciences. -№10, -М.: 2013. –С.240-243.

**А. ШАРИФЗОДА,**
**"Маърифати омӯзгор",**
**омӯзгори Литсейи табиию риёзии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**



# ДАВРАИ ЭЙЛЕР - ДУРДОНАИ ЗЕБОИ ГЕОМЕТРИЯ

Геометрия яке аз зеботарин фанҳои мактабӣ ҳисоб меёбад. Агар аҳаммият диҳем пай мебарем, ки ҳама таровату зебогии табиат дар геометрия зоҳир шудааст. Диққати моро олот, иншоот ё ёдгории меъмории ҷолибе ба худ мекашад. Тарҳи рӯй, чашму абру ва андоми олами зинда, аз ҷумла, инсон низ ҳамоҳанг омадани табиат ва геометрияро таҷассум менамояд. Дар ин мақола мо ҳалли яке аз зеботарин дурдонаҳои геометрия бо номи “Масъалаи Эйлер”- ро баррасӣ мекунем. Масъала талаб мекунад, то исбот кунем, ки дар секунҷаи дилхоҳ асрорҳои нодире нуҳуфтаанд, ки назирашон кам дучор меоянд. Онҳо ҷунинанд:

1. Нуқтаҳое, ки бо нуқтаи буриши баландиҳо (H) (ё давоми онҳо) нисбат ба тарафҳои секунҷа ва миёнаҷойи онҳо симметрӣ ҷойгиранд, дар давраи берункашида мехобанд.
2. Миёнаҷои тарафҳо, асосҳои баландиҳо ва миёнаҷои порчаҳои нуқтаи H-ро бо қуллаҳо пайвасткунанда дар як давра ҷойгиранд, ки маркази он миёнаҷои порчаи нуқтаи H-ро бо маркази давраи берункашида пайваст карда, радиусаш аз радиуси давраи берункашида 2 маротиба кӯтоҳтар аст. Ин давра Давраи Эйлер унвон дошта, ба шарафи кошифи он - олими олмонӣ Леонард Эйлер (1707-1783) номгузорӣ шудааст.
3. Нуқтаи буриши медианаҳо дар порчае ҷойгир аст, ки он нуқтаи H-ро бо маркази давраи берункашида пайваст намуда, ин порчаро, аз маркази давра сар карда, ба нисбати 1:2 ҷудо мекунад. Хатти росте, ки аз 4 нуқта (H, нуқтаи буриши медианаҳо, маркази давраи берункашида ва маркази давраи Эйлер) мегузарад, “Хатти рости Эйлер” номида мешавад.




Расми 1




Расми 2

Дар нуқтаҳои Ha, Hb, Hc баландиҳои AHa, BHb, CHc-ро фароварда, нуқтаи буриши онҳо (H)-ро қайд мекунем (расми 2). Яъне, AHa BC, BHb AC, CHc AB миёнаҷои порчаҳои нуқтаи H ва қуллаҳои секунҷаро пайвасткунандаро, мувофиқан, бо ҳарфҳои Ea, Eb ва Ec ишора мекунем

(расми 3). Дар расм AEa = HEa, BEb = HEb, CEc = HEc мебошад.




Расми 3




Расми 4

Дар натиҷаи ин 9 нуқтаи қайдкардаамон тарҳи як давраро ҳосил мекунад (расми 4).

Давраи мазкур аз нуқтаҳои Ma, Mb , Mc; Ha, Hb, Hc ва Ea, Eb , Ec мегузарад (расми 5). Яъне, нуқтаҳои номбаршуда дар як давра ҷойгиранд. Инро дар аввал маънидод менамоему баъдтар исбот мекунем.




Расми 5




Расми 6

Чоркунҷаи McMa MbHb трапетсияи баробарпаҳлу мебошад, чунки McMa хатти миёнаи секунҷаи ABC буда, ба асоси AC-и он параллел аст. Порчаи Ma Mb низ хатти миёнаи дигари секунҷаи ABC буда, бо асоси AB-и он параллел аст. Азбаски Mc Ma=Mb Hb аст, бинобар ҳамин, дар атрофи трапетсия давра кашидан мумкин аст (расми 6). Азбаски Ma Mb -хатти миёнаи секунҷаи ABC ва порчаи Mc Hb медианаи секунҷаи AMc Mb (Ma Mb=Mc Hb) аст, сохтани чунин давра имкон дорад (расмҳои 7 ва 8).




Расми 7




Расми 8

Бо Y ва Z-нуқтаҳои буриши давраро бо баландиҳои Hb ва Hc ишора мекунем. Нишон медиҳем, ки чоркунчаи YZMbMc росткунча мебошад (расми 9). Инро аз баробарии секунчаҳои OMcMb ва OYZ дарк кардан мумкин аст (расми 10).




Расми 9




Расми 10



Бигзор секунҷаи додашуда ABC бошад (расми 11). Ишораҳои зеринро ворид месозем: G-бурриши медианаҳо, O-маркази давраи берункашида, R-радиуси он, $A_1$, $B_1$ ва $C_1$, мувофиқан, миёнҷои тарафҳои BC, CA, AB, $A_2$, $B_2$ ва $C_2$ асосҳои баландиҳои ба ин тарафҳо фуровардашуда, $A_3$, $B_3$ ва $C_3$-миёнаҳои порчаҳои AH, BH ва CH, $A_4$, $B_4$ ва $C_4$ нуқтаҳои ба нуқтаи H нисбат ба тарафҳои секунҷа симметрӣ, $A_5$ , $B_5$ ва $C_5$-нуқтаҳои ба нуқтаи H нисбат ба миёнаҷои ин тарафҳо симметрӣ, $A_6$, $B_6$ ва $C_6$ – нуқтаҳои бо O нисбат ба хатҳои рости $B_1C_1$, $C_1$ $A_1$ ва $A_1B_1$ симметрӣ (онҳо дар расми 11 ишора карда нашудаанд).

1) Агар яке аз кунҷҳои секунҷаи ABC, масалан кунҷи A рост бошад, он гоҳ нуқтаҳои H, $B_4$ ва $C_4$ бо нуқтаи A, нуқтаи $B_5$-бо нуқтаи C ва нуқтаи $C_5$ бо нуқтаи B ҳамҷоя меафтанд. Азбаски $\angle BA_4C = \angle BA_5C = \angle A = 90°$ аст, пас нуқтаҳои A, $A_4$ ва $A_5$ дар давраи диаметраш BC ҷойгиранд. Ҳамин тавр, нуқтаҳои $A_4$, $A_5$, $B_4$, $B_5$, $C_4$, $C_5$ дар доираи берункашидаи секунҷаи ABC ҷойгиранд.

Фарз мекунем, ки ABC секунҷаи росткунҷа нест. Азбаски $\angle AB_2H=\angle AC_2H=90°$аст, нуқтаҳои $B_2$ ва $C_2$ дар доираи диаметраш AH ҷойгиранд. Аз ин рӯ, кунҷҳои $B_2AC_2$ ва $B_2HC_2$, ки ба давра дарункашидаанд ва аз ин рӯ, кунҷҳои BAC ва BHC ё баробаранд ё суммаашон 180°-ро ташкил медиҳад. Дар ҳарду ҳолат,

$$\angle BHC = \sin \angle BAC \text{ аст.}$$

Бигзор $R_1$ - радиуси доираи берункашидаи секунҷаи HBC бошад. Он гоҳ $BC=2R_1 \sin\angle BHC =2R \sin \angle BAC$ аст. Вале $\sin \angle BHC=\sin \angle BAC$ мебошад. Ин маънои онро дорад, ки $R_1=R$ аст. Аз ин бармеояд, ки доираҳои дар атрофи секунҷаҳои ABC ва HBC тасвиршуда нисбат ба хатти рости BC ва нисбат ба миёнаҷои порчаи BC симметрӣ мебошанд. Нуқтаи H дар давраe ҷойгир аст, ки дар атрофи секунҷаи HBC кашида шудааст. Аз ин рӯ, нуқтаҳои бо он симметрии $A_4$ ва $A_5$ дар давраe ҷойгиранд, ки дар атрофи секунҷаи ABC кашида шудааст. Айнан ҳамин тавр исбот кардан мумкин аст, ки нуқтаҳои $B_4$, $B_5$, $C_4$ ва $C_5$ низ дар ин давра ҷойгиранд.

2) Симметрияи монандии (марказии) маркази H ва коэффитсиенти k-ро баррасӣ мекунем. Мувофиқи ин монандӣ давраи берункашида давраи радиусаш r ва марказаш нуқтаи $O_9$ буда, миёнаҷои порчаи OH аст (ниг. ба расми 11). Бо вуҷуди ин нуқтаҳои $A_5$, $B_5$, $C_5$; $A_4$, $B_4$, $C_4$; A, B, C-и давраи берункашида, мувофиқан ба нуқтаҳои $A_1$, $B_1$, $C_1$ (нуқтаҳои мобайнии тарафҳо), $A_2$, $B_2$ ва $C_2$ (асоси баландиҳо), $A_3$, $B_3$ ва $C_3$ (нуқтаҳои миёнаҷойи порчаҳои AH, BH, CH) болои ҳам меафтанд. Бинобар ин, нуқтаҳои $A_1$, $B_1$, $C_1$, $A_2$, $B_2$, $C_2$, $A_3$, $B_3$, $C_3$ дар доираи марказаш нуқтаи O ва радиусаш R ҷойгиранд.

Тасдиқ исбот шуд.

3) Акнун монандии марказиро бо маркази G ва коэффисиенти монандии k дида мебароем. Медианаҳои секунҷаи ABC дар нуқтаи G ба нисбати 1:2 тақсим мешаванд, бинобар ин, бо монандии марказии баррасишаванда қуллаҳои A, B ва C-и секунҷа ба миёнаҳои муқобилхобидаи онҳо $A_1$, $B_1$ ва $C_1$ мегузаранд. Дар натиҷа хатҳое, ки баландиҳои секунҷаро дарбар мегиранд, ба хатҳои перпендикуляр ба паҳлуҳои он ва аз нуқтаҳои миёнаи онҳо гузаранда, яъне, ба биссектрисаҳои перпендикуляр ба тарафҳо табдил меёбанд. Аз ин рӯ, нуқтаи H ба маркази O-и давраи берункашида ҳамҷоя мешавад. Ин маънои онро дорад, ки нуқтаи G дар порчаи OH ҷойгир аст ва онро, аз нуқтаи O сар карда, ба нисбати 1:2 тақсим мекунад.

4) Тавре ки пештар қайд карда шуд, ҳангоми монандии марказии марказаш G ва коэффитсиенти монандиаш k қуллаҳои A, B ва C-и секунҷа ба миёнаҷои $A_1$, $B_1$ ва $C_1$-и тарафҳои муқобил ва нуқтаи H ба нуқтаи O мегузаранд. Аз ин бармеояд, ки: а) давраи берункашидаи секунҷаи ABC ба давраи Эйлер табдил меёбад; б) нуқтаҳои $A_4$, $B_4$ ва $C_4$-и давраи берункашида, ки нисбат ба хатҳои рости BC, CA ва AB ба нуқтаи H симметрӣ ҷойгиранд, ба нуқтаҳои $A_6$, $B_6$ ва $C_6$-и давраи Эйлер, ба нуқтаи O-и нисбат ба хатҳои рости $B_1C_1$, $C_1A_1$ ва $A_1$,$B_1$ симметрӣ мегузаранд. Ҳамин тавр нуқтаҳои $A_6$, $B_6$ ва $C_6$ дар давраи Эйлер ҷойгиранд. Бо ҳамин масъала пурра ҳал карда шуд.

**Умедҷон САЙДАЛИЕВ,**
**ассистенти кафедраи тарбияи ҷисмонӣ**
**ва мудофиаи шаҳрвандии Донишгоҳи давлатии**
**омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

# СЕ НИҲОДИ ТАЪСИРГУЗОР ДАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ХОНАНДАГОН



Таълиму тарбияи насли наврас ва ҳаллу фасли мушкилоти он яке аз масъалаҳои асосӣ буда, он ҳамкории пайвастаи мактаб, оила ва ҷомеаро тақозо мекунад. Бо дарназардошти он ки имрӯзҳо дар равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа тағйироти сифатӣ ба вуҷуд омадааст, шаклу услуби таълим ва тарбия низ ба нигоҳи нав ниёз дорад.

Бесабаб нест, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар як баромаду вохӯриҳояшон бо аҳли зиё, намояндагони мақомоти давлатию ҷамъиятӣ пайваста ба таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавонон таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда, дар сурати ҳалли ин масоил ояндаи дурахшон ва пешрафти Тоҷикистони навинро таъкид менамоянд: Тарбияи кӯдак аз оила оғоз гардида, дар натиҷаи ҳамкории мактаб ва оила густариш меёбад.

Имрӯзҳо маҳз ҳамин сегонаи муштарак: оила, ҷомеа ва мактаб ва сифати робитаи онҳо дар ташаккули ҷаҳонбинӣ, арзишҳои ахлоқӣ ва оламు маънавии насли наврас таъсири ногусастание хоҳад гузошт.

Дар «Тавсиянома дар бораи мақоми омӯзгор дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми июли соли 2011 тасдиқ гардидааст, чунин омадааст: «Омӯзгор ҳангоми таълиму тарбияи шогирдон ба падару модарон, парасторон ё шахсони онҳоро ивазкунанда ҳамкорӣ мекунад, онҳоро бо раванди тарбияи таълимгирандагон ҷалб менамоянд. Омӯзгор сари вақт падару модарон ва ё парасторони онҳоро аз ҳолати таълиму тарбияи фарзандон огоҳ менамояд. Омӯзгор ҳақ надорад, иттилоотеро, ки таълимгиранда, падару модар ё ҳамкорон ба ӯ бовар кардаанд, ба истиснои ҳолатҳои пешбинишудаи қонунгузорӣ, ба шахсони дигар ошкор намоянд. Омӯзгор ба падару модарон ва ё парасторони онҳо оид ба мушкилоти фарзандонашон маслиҳатҳо медиҳад, дар бартараф кардани ихтилофоти байни падару модар ва кӯдакони онҳо ёрӣ мерасонад. Муносибатҳои мутақобилаи байни омӯзгор ва падару модар, инчунин, парасторони онҳо тибқи принсипҳои эҳтирому боварии ҳамдигарӣ, некхоҳӣ, боодобӣ ва беғаразӣ ба роҳ монда мешавад».

Омӯзгор дар таълиму тарбияи насли наврас аз ҳамаи самтҳои “Консепсияи миллии тарбия” самаранок истифода бурда, махсусан, ба тарбияи ахлоқӣ, ватандӯстӣ, ҳуқуқӣ, оилавӣ, меҳнатии шогирдонаш бояд диққати махсус диҳад. Қайд кардан зарур аст, ки соҳаи маориф, таълим ва тарбия аз соҳаҳои дигари фаъолият бо он фарқ мекунад, ки таълим ва тарбия кори якрӯза, моҳона ва ё солона набуда, он амали ҳаррӯзаи устодон, мактаб, оила ва

ҷомеаро тақозо мекунад. Як лаҳза дер мондан аз зуҳуроти нави ҷомеа метавонад, ба раванди таълиму тарбия таъсири манфӣ расонида, дар фаҳмиши зуҳурот, таркиби ҷаҳонбинӣ, афкору ғояҳо мушкилоти нав эҷод менамоянд. Аз ин хотир, зарур аст, ки омӯзгор ва тарбиятгар, оила ва мактаб бо бахшҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ҳамкорӣ намуда, дар ниҳоди хонандагон пайваста ғояҳои худшиносӣ, меҳанпарастиро ҷо намоянд. Ин ҳамкориҳо, пеш аз ҳама, дар бобати пешгирӣ кардани ҷинояткорӣ дар байни наврасону ҷавонон тақвият дода шавад, зеро масъалаи мазкур имрӯзҳо яке аз маъалаҳои ҳалталаби замон гардидааст.

Дар байни наврасону ҷавонон мушоҳида кардани ҳуқуқвайронкунӣ, даст задан ба ҷиноят, шомил шудан ба гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки кори таълиму тарбияро боз ҳам ҷиддитар ба роҳ монем.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониҳои худ ҳамеша таъкид менамоянд, ки тарбияи насли наврас, махсусан, ҷавонон, яке аз масъалаҳои мубрами ҳаёти мардуми тоҷик ва ҷаҳони муосир ба шумор рафта, аз ҳалли дурусти он пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии давлатҳо вобастагии калон дорад. Тарбияи наврасону ҷавононон аз муҳит ва шароити ҷамъият вобастагии калон дорад. Ҳамзамон, Роҳбари давлат ҳамеша ба наврасону ҷавонон мурожиат карда, таъкид мекунанд, ки ба қадри вақт ва давраи зудгузари наврасию ҷавонӣ расед, доим дар талоши илму донишомӯзӣ ва аз худ кардани касбу ҳунар бошед, бештар китоб хонед, донишманд шавед, забони покиза ва одоби муоширати баланд дошта бошед, оияндаи давлатро соҳибӣ кунед, истиқлолу озодии Ватани маҳбубамон – Тоҷикистонро ҳифз намоед, онро таҳким бахшед ва обрӯю манзалати давлати тоҷиконро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд бардоред.

Ба тасвиб расидани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз апрели соли 1997 «Дар бораи тарбияи ҳуқуқӣ ва сиёсати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Консепсияи миллии тарбия» аз моҳи марти соли 2006 аҳаммияти хос дорад. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 2-юми августи соли 2011 дар мустаҳкам кардани ҳамкории мактабу оила иқдоми шоиста гардид.

Бояд зикр намуд, ки пешрафти ҷомеа тақозо менамояд, ки ҳадафҳои дар ин санадҳо баёнгашта, дар амалияи соҳаи маориф ва ҳаёти ҷомеа инъикоси воқеии худро ёфта, дар пешгирии ҳуқуқвайронкунии наврасону ҷавонон мусоидат мекунад.

Айни замон, бо баҳонаҳои динию мазҳабӣ ба созмонҳои террористӣ пайвастани ҷавонон яке аз проблемаҳои ташвишовари рӯз гардида, аз ҷаҳонбинии танги як идда ҷавонон ва надоштани худогоҳии миллӣ гурӯҳҳои аҳриманӣ онҳоро ба амалиётҳои зиддиинсонии худ ҷалб кардан мехоҳанд.

Олими сиёсатшинос С. Ятимов дар мақолаи хеш таҳти унвони “Илм ва амният” чунин дарҷ кардааст: Бадбахтӣ он аст, ки дар ин масир, хадамоти махсуси кишварҳои мавриди назар аз имконоти худи мусулмонон истифода мекунанд. Барои ҳар кишвар аз дохили мардуми он кишвар. Аз ҳамин лиҳоз, гоҳо бояд ба инобат гирифт, ки «Рафтори ғулом на ҳама вақт рафтори худи ғулом аст» (Г. Лихтенберг). Маҷаллаи «Шпигел»-и Олмон дар як таҳлили воқеъбинона вобаста ба ҷавонони мусулмон менависад: «Аҷаб қавмеанд монанд ба соат. Онҳоро пур мекунанд. Рафтан мегиранд. Ва намедонанд: барои чӣ?».

Аз ин хотир, моро зарур аст, ки насли наврасро дар руҳияи хештаншиносӣ, садоқат ба падару модар, ба оила, ба марзу бум ва Ватани азизамон ҳидоят намоем ва нагузорем, ки фарзандони мо фирефтаи бегонагон шуда, ба аҳли хонавода ва Ватани аҷдодии худ хиёнатро раво бинанд.

Дар шароити кунунӣ, бо дарназардошти ҳифзи манфиатҳо ва арзишҳои миллӣ, бояд тамоми чораҳои зарурӣ андешида шавад, зеро ашхоси аз бунияи худ кандашуда, одатан, аз хотираи таърихи гузаштаи пурифтихор ва мероси фарҳанги худ бенасиб монда, гирифтори тафаккури ғуломона мегардад.

Барои пешгирӣ аз ҷинояткории наврасону ҷавонон, бояд меҳвари ягонаи тарбия бо иштироки тамоми қисми ҷомеа, мактаб ва оила ба вуҷуд оварда шавад, ки он бояд ба тарбияи ҳаматарафа мусоидат намояд. Бояд гуфт, ки ин қувваи бузурги таъсиррасон ба ташаккули ҷаҳонбинии насли наврас ҳар яке дорои хусу-

сиятҳои ба худ хос буда, дар ҳамбастагӣ меваи пурбор хоҳад овард.

Оила маконест, ки дар он кӯдак ба дунё омада, лафзи модарӣ, меҳри падарӣ ва кумаки якдигарро ҳис мекунад. Ӯ алифбои тарбияро маҳз аз оила мегирад. Чӣ тавре ки педагогҳои барҷаста, ба монанди А. П.Макаренко, В.А Сухомлинский ва дигарон таъкид кардаанд, маҳз дар оила инкишофи равонӣ, ҷисмонӣ ва маънавии кӯдакон шакл гирифта, хиштҳои нахустини бинои меҳру муҳаббат, ҳамдилӣ, ташаккули ҷаҳонбинии кӯдакон гузошта мешавад.

Мактаб маконест, ки кӯдак маҳз дар он ҷо бо вежагии гуногуну мутақобила рӯ ба рӯ гашта, нахустин пешрафту камбудиҳоро ҳис намуда, «ман»-и худро дар шароити ҳаёти коллективӣ амалӣ мекунад ва бо муносибатҳои гуногунҷабҳаи тарбия аз наздик ошно мегардад.

Ҷомеа муҳитест, ки кӯдак бо ҷаҳони маънавӣ, ахлоқӣ ва равонии калонсолон ошно гардида, бо тазодди номаълуми муносибатҳои байниҳамдигарии одамон аз наздик ошно гашта, дар ниҳоди ӯ ҷиҳатҳои хулосабарорӣ ва муқоисакунии зуҳурот ташаккул меёбад.

Робитаи самараноки ин се шохаи муштарак ба ташаккули ҷаҳонбинӣ, ҳисси манфиатҳо ва масъулиятшиносии кӯдакон таъсири муҳим мерасонад. Ин ниҳодҳо ба ҷаҳони равонӣ ва маънавии кӯдак таъсири амиқ дошта, тасаввуроти ӯро дар бораи некиву бадӣ, адолату беадолатӣ, меҳру кина, масъулият, садоқат, хиёнат ва дигар сифатҳои инсонӣ шакл медиҳад. Нодида гирифтани ин сифатҳо ба кори тарбия зуҳуроти халаловарро ворид мекунад. Кори ин се ниҳод ҳамон вақт мусбат ба анҷом мерасад, ки ҳар сеи онҳо вазифаи худро ба пуррагӣ, содиқона анҷом диҳанд. Вобаста ба ин мехоҳам, чанд таклифу дархост ва хулосаи худро иброз намоям:

- кори тарбия ҷабҳаи фаъолияти доманадор буда, он хусусияти доимӣ ва бефосила дорад. Равоншиносон ва роҳбарони синфҳоро лозим аст, ки корҳои тарбиявиро бо дарназардошти ҳолати равонии хонандагони душвортарбия, мустаҳкам кардани алоқаи мактаб ва оила ба роҳ монанд;

-маъмурияти муассисаҳои таълимиро лозим аст, ки фаъолияти ниҳоди кумитаи падару модаронро самаранок намуда, ба машғулиятҳо кормандони ҳифзи ҳуқуқ ва намояндагони оилаҳои намунавиро ҷалб намоянд;

- ба тарбияи ҳуқуқию сиёсии хонандагон диққати махсус дода, корҳои фаҳмондадиҳӣ дар бораи моҳият ва мазмуни фаъолияти ҳаракату созмонҳои динию экстремистӣ бо ҷалби мутахассисони соҳа роҳандозӣ карда шавад;

- дар ҷамъомадҳо вобаста ба масъалаҳои пешгирӣ кардани ҷиноятҳо дар байни наврасону ҷавонон баҳсу музокираҳо таҳия карда шуда, дар муассисаҳои таълимӣ як рӯзи ҳафта ба рӯзи донишҳои ҳуқуқӣ ва таърихӣ бахшида шавад;

- бо хонандагони душвортарбия ва сарварони оилаҳои носолим корҳои иловагии фардӣ гузаронида шуда, натиҷаҳои он бо мақомоти дахлдори давлатӣ мавриди таҳлил қарор дода шавад;

- ба комиссияҳои кор бо ноболиғони шуъбаи корҳои дохилӣ ва маҳалли зист пайваста кор бурда, вазъи оилаҳои носолим ва фарзандҳои душвортарбияи онҳо мавриди таҳлил ва хулосабарорӣ қарор дода шуда, нисбат ба онҳо чораҳои зарурӣ андешида шаванд;

- дар маҷлисҳои падару модарон, волидоне, ки дар кори тарбия ба саҳлангорӣ роҳ додаанд, муҳокима ва оид ба онҳо чораҳои зарурӣ андешида шаванд;

- таҷрибаи фаромӯшшудаи гӯшаи «Падару модарони намунавӣ»-ро бо акси волидони пешқадаму масъулиятшинос эҳё карда, таҷрибаи онҳо дар байни мардум тариқи ахбори омма паҳн карда шавад.

Хулоса, ҳамкории бевоситаи мактаб, муассисаи таълимӣ, оила ва аҳли ҷамоатчигӣ дар амалӣ гаштани ҳадафҳои "Консепсияи миллии тарбия" ва самтҳои мухталифи он мусоидат намуда, дар ташаккули ҷаҳонбинӣ, шуур ва маданияти ҳуқуқии насли наврас, пешгирӣ кардани ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон нақши муҳимро касб менамояд. Мақсад ва мароми ҳар як чорабинӣ оид ба пешгирии ҷиноят дар байни наврасону ҷавонон ҳадафнок мебошад ва ҳангоми амалӣ намудани он хусусиятҳои синнусолӣ, равонӣ ва сатҳи иҷтимоии онҳо ба инобат гирифта мешавад. Дар сурати иҷрои чунин талабот тарбия натиҷаҳои дилхоҳ дода, барои ба камол расидани шахсони масъулиятшинос ва комёбу муваффақи ҷомеа мусоидат менамояд.

**Дилфуза АМОНОВА,**
**Муқаддас МИСПОХОВА,**
**омӯзгорони Коллеҷи тиббии шаҳри Панҷакент**

# АЗ ГУЛИ ХАЙРӢ ЧӢ ГУНА МАВОДИ ДОРУӢ ОМОДА МЕКУНАНД?



Гули хайрӣ (Алтей лекарственный) Althaea officinalis гиёҳи бисёрсола буда, ба оилаи тугмачагулҳо-Malvaceae мансуб мебошад. Танарешаи бисёрсараи амудӣ ва решаи шохзада дорад. Баландии пояҳояш то 1,5-2 метр аст. Баргҳои он бутун, пайи ҳам буда, пашмакҳои махмалин дорад. Баргҳои поёнӣ дилмонанди эллипсшакли сепаррадор, баргҳои болоӣ секунчаи эллипсшакл мебошанд. Гулҳояш дар бағали баргҳои боло ҷойгиранд. Гулаш сафед, сурх ва бунафши сиёҳтоб ҳам дорад. Тухмаш дар ғилофест, ки даруни он тухмҳои сиёҳи паҳни мудаввар дар доира ҷойгиранд. Меваяш кулчамонанд буда, аз якчанд тухмдони бо гулбанд пайваст иборат аст ва аз он ҳангоми пухтан тухмҳо канда шуда, пош мехӯранд.

Гули хайрӣ дар минтақаҳои даштӣ, боғ, канори ҷӯй, марғзори намнок мерӯяд. Дар мавзеъҳои Зарафшон ва ҷануби Тоҷикистон низ месабзад.

Гули хайрӣ растании доруӣ буда, бо мақсади табобатӣ реша, гул ва барги он истифода мешавад. Решаи онро моҳҳои март-июн, инчунин, тирамоҳ ҷамъоварӣ мекунанд. Решаҳои кофташударо аз хок ҷудо менамоянд, зуд мешӯянд, то ин ки ба луобшавӣ роҳ дода нашавад. Решаҳои тозаро бо дарозии 10-20 см бурида, пӯсташро ҷудо мекунанд. Решаҳои ғафси гулро барои зудтар хушк шудан бо дарозиашон мебуранд.

Гули хайрӣ давои дӯстдоштаи тибби халқист ва аз қадим ба беморон бо шаклҳои гуногун тавсия мешавад. Абуалӣ ибни Сино ҷӯшобаи решаи гули хайриро барои табобати сӯзиши масона, рӯда ва омоси мақъад тавсия додааст. Ба ақидаи ӯ барги ин гул низ чунин хосият дорад: онро ҳангоми исҳоли шадид истифода мебаранд. Гули хайрӣ дар тибби халқӣ ҳангоми бемориҳои меъдаю рӯда ҳамчун давои таскинбахш истифода мешавад. Хокаи решаашро ҳангоми муолиҷаи илтиҳоби узвҳои нафаскашӣ ва дарунравӣ рӯзе ду маротиба баъди хӯрок (1-2г) ба кӯдакон медиҳанд. Бо ҷӯшобаи реша ва баргу пояи он гулӯро обгардон мекунанд. Ҷӯшобаи тухми он хунро тоза мекунад. Афшураи гули тару тозаи онро ҳамчун давои исҳоловар якҷоя бо қаймоқ ба кӯдакон медиҳанд. Марҳами аз гули хайрӣ ва орди гандум таҳиякардаро дар ҳолати гармӣ ба захму омосҳо мемоланд. Тухми хушкашро кӯфта, бо оби ширгарм бинӯшанд, санги гурдаро мерезонад.

Миқдори як бор хӯрдан аз барг, реша, гул ва тухми он дар як рӯз 4,5 грамм аст, вале агар дар об ҷӯшонда, обро нӯшиданӣ бошанд, бояд дар як рӯз аз он об 100 грамм бинӯшанд. Бояд гуфт, ки истеъмоли гули хайрӣ барои меъда як андоза зарарнок низ ҳаст. Барои ислоҳи ин зиёнаш оби зирк, асал ва арпабодиён хӯрдан даркор аст. Ба шуш низ зарар дорад, дар ин ҳолат низ бояд асал бихӯранд.

Дар таркиби маводи доруворӣи “Мукалтин” экстракти растании гули хайрӣ дида мешавад. Мукалтин (Mucaltinum) аз 50,0 грамм экстракти растании гули хайрӣ, инчунин, моддаҳои ёрирасон, ба монанди кислотаи виннигӣ-43,25 мг фосфати калсий, 2-179,75 мг оҳар ва ғайраҳо, таркиб ёфтааст.

**Саёҳат ҲАЛИМОВА,**
**омӯзгори физикаи**
**мактаби №65-и ноҳияи Рӯдакӣ**

# МЕТОДИ ТАЪЛИМИ МАВЗУИ "ВЕКТОРҲО"

Дарси физика яке аз дарсҳои муҳим дар ташаккули афкор ва зеҳнияти техникии насли наврасу ҷавон маҳсуб шуда, хонандагонро бо мурури омӯзиш ба дунёи зебову аҷиби нанотехнологияи муосир раҳнамун мекунад. Дар ин нигошта мавзуи "Векторҳо" баррасӣ шудааст, ки барои омӯзгорони ҷавон ҳамчун маводи методии ёрирасон хидмат мекунад.

Бояд гуфт, ки мавзуи "Векторҳо"-ро дар мактаб хонандагони синфи 10 мехонанд. Тибқи муқаррароти умумӣ «Вектор-ин порчаи самтнок мебошад». «Порчаҳои самтнок» ба кӣ лозиманд? Векторҳо чистанд ва барои чӣ зарур мебошанд?

Як мисол меорам. Ҳангоми пешгӯии обу ҳаво мегӯянд: «Шамол ба самти шимолу ғарб бо суръати 18 метр дар як сония мевазад». Розӣ шавед, ҳам самти шамол, ки аз куҷо мевазад ва ҳам модул (яъне, бузургии мутлақ)-и суръати он аҳаммият доранд.

Бузургиҳоеро, ки самт надоранд, бузургиҳои скалярӣ номидаанд. Масса, кор, заряди электрӣ ба ягон самт равона карда нашуданд. Онҳо танҳо бо миқдор – «чанд килограмм» ё «чанд ҷоул» тавсиф карда мешаванд. **Пас, бузургиҳои физикие, ки на фақат қиммати мутлақ, инчунин, самт доранд, бузургиҳои векторӣ номида мешаванд.**

Суръат, қувва, шитоб (ускорение) -векторҳо мебошанд. Барои онҳо «чӣ қадар» ва «ба куҷо» муҳим ҳастанд. Масалан, шитоби афтиши озод $\vec{g}$ ба рӯйи замин равона карда шуда, бузургии он ба 9,8 м/с² баробар аст. Импулс, шиддатнокӣ, майдони электрикӣ, индуксияи майдони магнитӣ ҳам бузургиҳои векторӣ мебошанд.

Шумо дар ёд доред, ки бузургиҳои физикиро бо ҳарфҳои лотинӣ ё юнонӣ ифода мекунанд. Аломати тирча дар болои ҳарф нишон медиҳад, ки он бузургӣ векторӣ ба шумор меравад: $\vec{a}$ .

Як мисоли дигар: Мошин аз нуқтаи A ба нуқтаи B ҳаракат мекунад. Натиҷаи ниҳоӣ-кӯчиши он аз нуқтаи A то нуқтаи B, яъне, кӯчиш ба вектори ... мебошад.




Акнун фаҳмост, ки барои чӣ вектор порчаи самтнок будааст. Таваҷҷуҳ намоед, ки охири вектор дар он ҷоест, ки тирча ҷой дода шудааст. Дарозии ин порчаро дарозии вектор номиданд. Он бо ё ифода карда мешавад.

То кунун мо бо бузургиҳои скалярӣ, бо қоидаҳои арифметика ва алгебраи ибтидоӣ (элементарӣ) сари кор доштем. Векторҳо мафҳуми нав мебошанд. Онҳо дараҷаи дигари мавзуи математика буда, қоидаҳои худро доранд.

Замоне мо дар бораи ададҳо ҳеҷ чизро намедонистем. Шиносоии мо бо онҳо дар синфҳои ибтидоӣ оғоз шуда буд. Маълумамон шуд, ки ададҳоро бо ҳам муқоиса намудан, ҷамъу тарҳ кардан ва зиёду тақсим кардан мумкин аст. Мо аз мавҷудияти адади як ва адади сифр воқиф гардидем.

Алҳол мо бо векторҳо шинос мешавем. Барои векторҳо мафҳумҳои «калонтар» ва «хурдтар» вуҷуд надорад, зеро самтҳои он метавонанд гуногун бошанд. Танҳо дарозии

ФИЗИКА

векторҳоро қиёс кардан мумкин аст. Аммо мафҳуми баробарӣ дар векторҳо вуҷуд дорад.

Векторҳое баробар номида мешаванд, ки дарозиҳо ва самтҳои якхеларо дороянд. Ба ин маънӣ, ки векторро ба мувозии (параллели) худаш ба нуқтаи дилхоҳи сатҳ кӯчонидан мумкин аст. Вектори сифрӣ векторе мебошад, ки дарозиаш ба сифр баробар аст, яъне, аввали он ба охираш мувофиқ меояд.

Бо векторҳо кор кардан дар системаи координатии росткунҷа, ки дар он графики функсияҳоро мекашем, қулай мебошад. Ба ҳар як нуқтаи системаи координат ду адад-координатҳои он аз тири x (абсиссаҳо) ва y (ординатаҳо) мувофиқат менамоянд.

Вектор бо ду координат дода мешавад: $\vec{a}\,(x_a, y_a)$

Ин ҷо дар қавсҳо координатҳои вектори $\vec{a}$ аз рӯйи x ва аз рӯйи y навишта шудаанд. Онҳо одӣ ҷойгиранд: координати охири вектор тарҳи координати аввали он мебошад.




$\overrightarrow{AB}\,(x_B - x_A\,,\, y_B -$

Агар координатҳои вектор дода шуда бошанд, дарозии он аз рӯйи формулаи




$|\vec{a}| = \sqrt{x_a^2 + y_a^2}$

дода мешавад.

Барои ҷамъ кардани векторҳо ду роҳ вуҷуд дорад.

**1. Қоидаи параллелограмм**. Барои ҷамъ кардани векторҳои $\vec{a}$ ва $\vec{b}$ аввали ҳардуяшро дар як нуқта ҷой дода, параллелограмм месозем ва аз ҳамон нуқта диагонали параллелограммро мегузаронем. Ин ҷамъи векторҳои $\vec{a}$ ва $\vec{b}$ мешавад.




Масалро дар бораи қу, харчанг ва моҳии шӯртан дар ёд доред. Онҳо харчанд ҷидду ҷаҳд намуданд, аробаро аз ҷояш ҷунбонида натавонистанд, чунки ҷамъи қувваи вектории ба ароба равонашуда, ба сифр баробар буд.

2. Роҳи дуюми ҷамъ кардани векторҳо-ин қоидаи секунҷа мебошад. Ҳамон векторҳои $\vec{a}$ ва $\vec{b}$ -ро мегирем. Ба охири вектори якум аввали дуюмро рост мекунем. Акнун аввали вектори якумро ба охири вектори дуюм мепайвандем. Ин ҷамъи векторҳои $\vec{a}$ ва $\vec{b}$ мебошад.




Аз рӯйи ҳамон қоида, инчунин, якчанд векторҳоро ҷамъ кардан мумкин аст. Онҳоро пайи ҳам ба ҳамдигар рост карда, баъд аввали вектори якумро ба охири вектори охирин мепайвандем.




$\overrightarrow{AF} = \overrightarrow{AB} + \overrightarrow{BC} + \overrightarrow{CD} + \overrightarrow{DE} + \overrightarrow{EF}$

## ФИЗИКА

Тасаввур намоед, ки шумо аз нуқтаи A ба нуқтаи B, аз B ба C, аз C ба D, баъд аз E ба F меравед. Натиҷаи ниҳоии ин амалҳо-кӯчиш аз A ба F мебошад.

Ҳангоми ҷамъ кардани векторҳои $\vec{a}\,(x_a, y_a)$ ва $\vec{b}\,(x_b, y_b)$ вектори $\vec{c}$ -ро ҳосил мекунем:

$$\vec{c} = \vec{a} + \vec{b} = \vec{c}\,(x_a + x_b\,, y_a + y_b).$$

**Тарҳи векторҳо**

Вектори $-\vec{c}$ ба самти муқобили вектори $\vec{c}$ равона карда шудааст. Дарозиҳои векторҳо $\vec{c}$ ва $-\vec{c}$ баробар мебошанд.




Акнун фаҳмост, ки тарҳ кардани векторҳо чист? Фарқи векторҳои $\vec{a}$ ва $\vec{c}$ -ин ҷамъи вектори $\vec{a}$ бо вектори $-\vec{c}$ мебошад.

$$\vec{a} - \vec{c} = \vec{a} + (-\vec{c})$$




**Зарби вектор бо адад**

Ҳангоми зарб кардани вектори $\vec{a}$ ба адади k векторе ҳосил мешавад, ки дарозии он k маротиба аз дарозии $\vec{a}$ фарқ мекунад. Он ба вектори $\vec{a}$ равона карда шудааст, агар k аз сифр калон бошад ва ба самти муқобили $\vec{a}$ равона карда шудааст, агар k аз сифр хурд бошад.




**Ҳосили зарби скалярии векторҳо**

Векторҳоро на танҳо бо ададҳо, инчунин бо ҳамдигар зарб кардан мумкин аст.

Ҳосили зарби скалярии векторҳоро ба ҳосили зарби дарозии векторҳо ва косинуси кунҷи байни онҳо баробар аст.

$$\vec{a} \cdot \vec{b} = |\vec{a}| \cdot |\vec{b}| \cdot \cos\varphi$$




Таваҷҷуҳ намоед, ки ду векторро зарб кардем, скаляр, яъне, адад ҳосил шуд. Масалан, дар физика кори механикӣ ба ҳосили зарби скалярии ду вектор-қувва ва кӯчиш баробар аст:

$$A = \vec{F}\,\vec{S} = F\,S\,\cos\varphi.$$

Агар векторҳо перпендикуляр бошанд, ҳосили зарби скалярии онҳо ба сифр баробар мешавад. Аммо ҳосили зарби скалярӣ бо воситаи координатаҳои векторҳои $\vec{a}$ ва $\vec{b}$ низ ифода меёбад:

$$\vec{a} \cdot \vec{b} = x_a \cdot x_b + y_a \cdot y_b$$

Аз формула барои ҳосили зарби скалярӣ кунҷи байни векторҳоро ёфтан мумкин аст:

$$\cos\varphi = \frac{\vec{a} \cdot \vec{b}}{|\vec{a}| \cdot |\vec{b}|} = \frac{x_a \cdot x_b + y_a \cdot y_b}{\sqrt{x_a^2 + y_a^2} \cdot \sqrt{x_b^2 + y_b^2}}$$

Формулаи мазкур, бахусус, дар стереометрия мувофиқ мебошад.

**Шаҳноза ЗАРИФОВА,**
**саромӯзгори кафедраи**
**иттилоот ва технологияҳои робитавии**
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи**
**академик Бобоҷон Ғафуров**



# ТАШАККУЛИ МАЛАКАҲОИ ПЕДАГОГИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва пешрафти босуръати технологияҳо талабот ба сатҳи салоҳиятнокии касбии омӯзгорон пайваста меафзояд. Омӯзгорони оянда на танҳо бояд донишу малакаҳои қавӣ дошта бошанд, балки низоми таълим ва тарбияро мутобиқи талаботи замон ва рушди технологӣ такмил диҳанд. Инчунин, онҳо бояд ба методҳои нави таълим ва технологияи муосир мутобиқ шуда тавонанд, ки ин аз онҳо салоҳиятнокии баландро талаб мекунад. Салоҳиятнокии касбӣ яке аз муҳимтарин талабот ба омӯзгорони оянда мебошад. Он на танҳо дониш ва малакаҳои амиқи фанниро талаб мекунад, балки фарогири қобилиятҳои педагогӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии омӯзгор низ мебошад. Омӯзгоре, ки дорои салоҳияти баланд аст, метавонад наслиояндаро мувофиқи талаботи замони муосир омода созад.

Мақсади ин мақола баррасии масоили асосии ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорони оянда буда, ҳамзамон, таҷрибаҳои таҳсилот, дастовардҳои соҳаи маорифи халқи тоҷик дар давраи соҳибистиқлолӣ ва дар ин росто, нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушди соҳаи маориф ва мақоми омӯзгор дар ҷамъияти муосири тоҷик таҳлил шудааст.

Ташаккули салоҳиятнокии касбӣ барои омӯзгорони оянда маънои мутобиқ шудан ба талаботи замони муосир ва таълимдиҳӣ дар шароити тағйирёбанда ва пешрафти босуръати илмро дорад. Дар шароити ҷаҳонишавии имрӯза омӯзгорон бояд бо тағйироти пайдарпайи низоми таҳсил ва технология ҳамқадам бошанд. Салоҳиятнокӣ маънои доштани донишу малакаҳои амалӣ ва назариявии заруриро дошта, фарогири малакаҳои методологӣ, педагогӣ, ахлоқӣ ва робитавӣ мебошад. Онҳо бояд аз таҳаввулоти илмӣ ва технологӣ огоҳ бошанд ва тавонанд навовариро дар ҷараёни таълим ворид кунанд.

**Аввалан,** барои ташаккули салоҳияти касбӣ омӯзгор бояд донишҳои амиқ дар соҳаи тахассусии худ дошта бошад. Фақат бо донистани мазмуни илмии фанни таълимӣ ӯ метавонад шогирдони тавоно тарбия намояд. Салоҳиятнокии омӯзгорон на танҳо ба дониш, балки ба қобилияти амалӣ намудани дониш дар раванди таълим дахл дорад.

**Дуюм,** омӯзгорон бояд малакаҳои тарбиявӣ ва педагогӣ дошта бошанд, ки бо он тавонанд, насли ояндаро бо руҳияи нек ва тарбияи маънавӣ ба камол расонанд. Рушди шахсияти омӯзгор ҳамчунин муҳим аст, зеро онҳо бо рафтор ва муносибати худ намунаи ибрат барои шогирдонашон мешаванд. Ба ибораи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Омӯзгор на танҳо мураббӣ, балки роҳнамои маънавии шогирдон аст, ки ба воситаи хираду дониш роҳҳои муваффақиятро ба онҳо нишон медиҳад».

Дар натиҷа, омӯзгори салоҳиятнок метавонад ҷавобгӯи талаботи ҷамъияти муосир бошад, дар шаклгирии донишҳои шогирдон ва рушди шахсиятҳои пурзӯр саҳм гузорад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ дар таҳкими системаи таълими касбии омӯзгорон нақши муҳим мебозад. Дар ин замина, омӯзиш ва барномаҳои таълимӣ, ки дар кишварҳои ҳамсояи Тоҷикистон, ба монанди Ӯзбекистон ва Қазоқистон амалӣ мешаванд, метавонанд намунаи ибрат бошанд.

Дар давраи соҳибистиқлолӣ, Ҳукумати Ӯзбекистон ба ислоҳоти ҷиддии соҳаи маориф аҳаммияти зиёд дод. Соли 2017 дар ин кишвар ислоҳоти низоми таълим оғоз шуд, ки яке аз ҷанбаҳои асосии он беҳтар кардани таълими касбии

омӯзгорон мебошад. Дар ин кишвар системаи таҳсили касбии омӯзгорон ба такмили ҳаматарафаи малакаҳои касбӣ равона шудааст. Аз ҷумла, омӯзгорон пас аз хатми донишгоҳҳо ба курсҳои такмили ихтисос равона мешаванд, ки онҳо доимо бо барномаҳои навин ва методологияҳои таълимӣ шинос мешаванд. Дар кишвари ҳамсоя дарсҳои интерактивӣ, ки технологияи муосирро ба равандҳои таълимӣ ворид мекунанд, хеле рушд ёфтаанд. Дар барномаҳои таълимӣ ба омӯзиши мустақилона ва таҳлили амиқи масъалаҳо таваҷҷуҳ зоҳир мешавад, ки барои ташаккули салоҳиятнокии касбӣ муҳим аст. Илова бар ин, Ҳукумати Ӯзбекистон ҳамкориҳои байналмилалиро бо кишварҳои пешрафта, аз ҷумла, Финляндия, Олмон ва Ҷопон тақвият дода, омӯзгорони худро барои омӯзиши таҷрибаи пешқадам ба ин кишварҳо мефиристад.

Қазоқистон низ дар солҳои охир низоми маорифи худро ба сатҳи ҷаҳонӣ баровардa истодааст. Яке аз самтҳои асосии ин ислоҳот беҳтар кардани сифати таҳсилоти касбии омӯзгорон мебошад. Дар Қазоқистон барномаи давлатии «100 қадам» барои такмили малакаҳои касбӣ ва омодагии омӯзгорон ба тағйироти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ татбиқ шуд. Ин барнома ба таҷрибаи давлатҳои аврупоӣ такя намуда, омӯзгорони қазоқро барои кор бо методҳои нави таълимӣ омода мекунад. Барномаҳои таълими педагогӣ дар Қазоқистон акнун на танҳо донишҳои назариявӣ медиҳанд, балки ба малакаҳои амалӣ низ диққати махсус медиҳанд. Илова бар ин, омӯзгорон таҷрибаҳои пешқадами ҷаҳонро меомӯзанд ва дониши худро такмил медиҳанд. Ҳамкориҳои наздики Қазоқистон бо муассисаҳои таълимии Британияи Кабир, ИМА ва Сингапур дар ташаккули омӯзгорони касбӣ роҳандозӣ гардидааст. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки рушди салоҳиятнокии касбии омӯзгорон ва татбиқи усулҳои нави таълим дар кишварҳои Осиёи Марказӣ низ дар асоси таҷрибаи пешқадам роҳандозӣ шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, соҳаи маориф ҳамчун самти муҳимми сиёсати давлатӣ ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи Роҳбарияти Олии кишвар қарор дорад. Сарвари давлат дар суханрониҳояшон пайваста аҳаммияти баланд доштани сифати таҳсилотро таъкид намуда, нақши маорифро дар рушди ҷомеа, ташаккули инсоният, инкишофи давлат, рушди устувори иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар калидӣ меҳисобанд. Ҳамзамон, ба ташаккули малакаҳои мутахассисон, хусусан, омӯзгорони оянда, ки тарбиятгари насли наврас ва ҷавонони кишвар мебошанд, диққати махсус доданд. Роҳбари давлат дар яке аз Паёмҳояшон таъкид кардаанд, ки: «Ояндаи ҳар як давлат ва миллат, пеш аз ҳама, аз сатҳи дониш, маърифат ва ҷаҳонбинии насли ҷавон вобаста аст». Дар ин замина, маориф бояд дар тарбияи кадрҳои салоҳиятнок, дорои донишу малакаҳои навин ва омодагии касбӣ нақши аввалиндараҷа дошта бошад. Ба таъкиди Пешвои миллат дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақобатҳои иқтисодию иҷтимоӣ, зарурати мутобиқ кардани низоми таҳсилоти кишвар ба меъёрҳои байналмилалӣ ва технологияҳои муосир афзалият пайдо мекунад. Дар ин замина, Президенти муҳтарами кишварамон ба беҳтар кардани шароитҳои моддӣ-техникии муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла, таъсиси мактабҳои нав, таъмин намудани онҳо бо технологияҳои иттилоотии замонавӣ, китобҳо ва маводи таълимӣ, инчунин, баланд бардоштани сатҳи касбият ва малакаҳои омӯзгорон диққати махсус медиҳанд. Аз ҷумла, таъкид мекунанд, ки: «Омӯзгорон бояд ҷавобгӯи талаботи замон бошанд ва дар ташаккули насли нав, ки қодир ба истифодаи технологияҳои муосир ва донишҳои навинанд, саҳмгузор бошанд». Ин суханон нишон медиҳанд, ки Президенти маҳбуби кишварамон нақши омӯзгоронро на танҳо дар таълими дониш, балки дар ташаккули шахсияти ҷавонон дар шароити муосири ҷаҳонӣ муҳим медонанд.

Дар давраи соҳибистиқлолӣ соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дастовардҳои бузург ноил гардид, ки дар рушди ҳамаҷонибаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар саҳми калон гузоштааст. Яке аз дастовардҳои муҳим таъсиси муассисаҳои нави таълимӣ дар саросари кишвар мебошад. Мувофиқи маълумоти расмӣ, танҳо дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ дар Тоҷикистон сохтмону азнавсозии 3 ҳазору 648 бинои муассисаи таълимӣ барои як миллиону 600 ҳазор хонанда анҷом дода шудааст. Ин мактабҳо на танҳо дар шаҳрҳо, балки дар минтақаҳои дурдаст, деҳаҳо ва водиҳои кӯҳӣ низ сохта шуданд, ки ба ҳама кӯдакон имкони таҳсилро муҳайё месозанд. Ин иқдом ба болоравии сатҳи маърифат ва дастрасии умум гардидани шароити мусоиди таҳсил мусоидат намуд. Илова бар ин, бо дастгирии бевоситаи Пешвои миллат, муҳтарам

Эмомалӣ Раҳмон Литсейи Президентӣ барои хонандагони болаёқат, мактабҳои байналмилалӣ ва донишгоҳҳои нав таъсис ёфтанд. Дар робита ба ин, барои баланд бардоштани сифати таълим ва тарбияи мутахассисони салоҳиятнок, Ҳукумати кишвар бо институтҳои байналмилалӣ ҳамкорӣ мекунад. Дар пайи пешниҳоди Роҳбари давлат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қабул гардид, ки ҳадафи он боз ҳам беҳтар кардани дастрасӣ ба таҳсилоти босифат, таъмини баробарии гендерӣ дар таълим ва таҳкими раванди таълиму тарбия мебошад. Ин стратегия нишон медиҳад, ки дар доираи сиёсати давлатии Тоҷикистон маориф ҳамчун яке аз самтҳои стратегӣ дар рушди давлат боқӣ мемонад. Аз ҷиҳати муосиргардонии фанновариҳои таълим, Тоҷикистон низ пешравиҳои зиёд кардааст. Бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ ва робитавӣ дар муассисаҳои таълимӣ, махсусан, дар мактабҳо имкониятҳои омӯзишӣ ба дараҷаи сифатан нав расидаанд.

Лоиҳаи «Таҳсилоти рақамӣ», ки ба истифодаи платформаҳои онлайнӣ барои омӯзгорон ва донишҷӯён равона шудааст, ба тавсеаи дастрасии таҳсилоти босифат ба донишҷӯёни тамоми кишвар мусоидат мекунад. Илова бар ин, бо дастгирии Ҳукумати Тоҷикистон ва шарикони байналмилалӣ, барномаҳои такмили ихтисоси омӯзгорон барои навсозии дониш ва малакаҳои касбии онҳо амалӣ мешаванд. Дар солҳои охир, зиёда аз 40,000 омӯзгор аз курсҳои такмили ихтисос гузаштаанд, ки ин иқдом барои беҳтар шудани сифати таълим дар тамоми кишвар мусоидат мекунад.

Дар натиҷаи чораҳои татбиқшуда, кишвари маорифмеҳвари мо дар замони Истиқлоли давлатӣ ба пешравиҳои назаррас дар соҳаи маориф ноил гардидааст. Ин дастовардҳо нишон медиҳанд, ки маорифи тоҷик дар роҳи рушд қарор дорад. Омӯзгор дар ҷамъияти муосири тоҷик як шахсияти калидӣ ба ҳисоб меравад. Омӯзгор на танҳо илм ва дониш меомӯзонад, балки арзишҳои ахлоқӣ, фарҳангӣ ва миллиро низ интиқол медиҳад. Дар шароити тағйирёбии босуръати ҷомеа, омӯзгорон ҳамчун роҳнамои маънавӣ барои ҷавонон хизмат мекунанд ва дар ташаккули шахсиятҳои фаъол ва ватандӯст нақши муҳим доранд. Бо рушди технологияи иттилоотӣ, нақши омӯзгорон низ тағйир ёфта, ҳоло онҳо бояд натанҳо донандаи фан, балки корбарони технологияи муосир бошанд, то тавонанд дар раванди таълим аз имкониятҳои нав ба таври самаранок истифода баранд.

Дар маҷмуъ, ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорон яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа дар шароити тағйирёбии босуръати ҷаҳонӣ ва пешрафти технологияҳо маҳсуб мешавад. Барои таъмини рушди устувори соҳаи маориф ва ҷавобгӯйи талаботи нави ҷомеа, омӯзгорони оянда бояд на танҳо донишу малакаҳои қавӣ, балки дар истифодаи усулҳои муосири таълим ва технологияҳои навин пешгому устувор бошанд.

**Адабиёт:**


1. Абдуллоев З. Таҳаввулоти соҳаи маориф дар Тоҷикистон. Душанбе: Дониш - 2022.
2. Ашурматов А. Таълими касбии муаллимон дар шароити таълими муосир дар Тоҷикистон. Ахбори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 4 (1), 67-72., 2020 с.
3. Гулямова З. Инноватсияҳо дар системаҳои таълим: таҷрибаи Қазоқистон ва Ӯзбекистон. Номаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 3(1), 45-50., 2018 с.
4. Ергалиева А. Касбият ва дониши муаллимон дар системаи таълим дар Ҷумҳурии Қазоқистон. Маҷаллаи илмии «Таълим ва илм», 4 (57), 12-20., 2019 с.
5. Зарифов И. Нақши ислоҳоти таълим дар ташаккули касбияти педагогӣ. Маводи конфронси байналмилалӣ оид ба масъалаҳои таълим, 78-83., 2021 с.
6. Камолова Ш. Вазъият ва дурнамои рушди таълим дар Тоҷикистон. Институти тадқиқоти илмии таълимии Тоҷикистон, Душанбе. 2022 с.
7. Каримов Ш. Таҷрибаи ҷаҳонии маориф ва амалияи тоҷикӣ. Душанбе: Дониш. 2021с.
8. Қодиров Н. Мақоми омӯзгор дар ҷомеаи муосир. Душанбе: Ирфон. 2020 с.
9. Шарипова М. Ислоҳоти соҳаи маориф дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмии «Тадқиқоти педагогӣ», 4 (6), 40-47.
10. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронии Пешвои миллат дар Рӯзи дониш. Сайти расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. https://president.tj/ru/node/27610
11. Юнусов Р. Таърихи байналмилалӣ дар тайёр кардани муаллимон: Қазоқистон ва Ӯзбекистон ҳамчун намунаҳо. Маҷаллаи илмии «Тадқиқоти педагогӣ», 2 (3), 31-39.

**Елена КАЗИЕВА,**
**омӯзгори синфҳои ибтидоии**
**мактаби №1-и ноҳияи Мурғоби**
**Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон**

# БОЛҲОИ УМЕДИ ҲАР ИНСОН АСТ, КИТОБ!

**Баробари қатъ гардидани китобхонӣ инсон қобилияти андешаронии худро низ аз даст медиҳад!**

**Белинский Виссарион Григоревич**



Бо рушди технологияи иттилоотӣ мушоҳида мешавад, ки имрӯзҳо зумрае аз хонандагон аз мутолиаи китоб дур шуда, ҷаҳонбиниашон то андозае ба дунёи маҷозӣ тамоюл кардааст. Шууру идроки баъзе аз бачаҳои тандуруст, ки ба синфи якум мераванд суст буда, фикрашон нокомил, гуфтору андешаронияшон заиф аст. Ҳангоми суҳбат бо ин гуна бачаҳо ҳис мекунам, ки волидонашон онҳоро бо олами шеъру афсона ва чистон шинос накардаанд. Иддае аз ин бачаҳо то ҳол панҷаҳояшон қаламро надошта, аз чи будани ҳарфнависӣ бехабаранд. Барояшон лаҳзаи тифлӣ афсона қироат накардаанд, бо садову ҳаракати ҷонварон бозиҳоро надидаанд, рағбату тааҷҷуби онҳоро бедор насохтаанд ва ботинашон аз дунёи кӯдакӣ холӣ мондааст. Ин масъала солҳои охир мубрам гардида, падару модарон ба ин самт таваҷҷуҳ зоҳир намекунанд, ки ин ҳолат дар раванди омӯзиш камбудиҳо ба бор меорад.

Ҳар як инсони огоҳ хуб дар хотир дорад, ки солҳои аввали соҳибистиқлолӣ, ки дар ҷумҳурӣ оташи ҷанги шаҳрвандӣ аланга зада буд, чӣ гуна мушкилотеро дар соҳаи маориф ба бор овард. Дар мактабу кӯдакистонҳо китобу дафтар намерасид, қаламу коғаз камбуд дошт. Маоши омӯзгорон моҳҳо пардохт намешуд. Обрӯю эътибори омӯзгор паст гашта буд. Имрӯз мо-он бесарусомониҳоро бебозгашт паси сар кардем ва талабагони ҳамонвақта худашон падару модар шуда, фарзандони худро сӯйи мактаб мебаранд. Вале зумрае аз волидони ҷавон дар масъалаи таълиму тарбия масъулиятгурезӣ мекунанд. Онҳо аз фарзанд вақти худро дареғ медоранд, рӯзона чанд дақиқаеро барои гуфтугӯи самимона бо фарзанд ҷудо намекунанд, то

рози дилу майлу рағбати ӯро дарк кунанд. Яъне, муҳаббат ва масъулияти волидон нисбат ба фарзанд танҳо бо таъмини моддӣ маҳдуд гардида, ҷиҳати рушди маънавиёти онҳо сарфи назар мешавад.

Ҳолатҳое низ ҳаст, ки волидон фарзандро беназорат мегузоранд ва ин беназоратӣ боиси ба филмҳои даҳшатафкан ва моҷароҷӯ майл кардани наврасон мегардад. Бояд донист, ки ғамхорӣ дар ҳаққи фарзанд танҳо пӯшондану хӯрондан нест. Дар шароити имрӯз ба воя расонидани инсони комилу сазовори эътибор дар он сурате мумкин аст, ки волидон ба тарзи барномавӣ-нақшавӣ, дар асоси усулҳои китобӣ ва бо дарназардошти таҷрибаву анъанаи неки миллӣ кори мушаххасеро пеш баранд. Мутаассифона, саҳлангорӣ дар тарбияи фарзанд гоҳҳо боиси доғи хонадон ва мушкилоти ҷомеа мегардад.

**Фарзанддорӣ-иқболи бузург**

Соҳиби фарзанд шудан иқболи бузург аст. Ин ҳиссиёти некро аз доғи таассуф эмин доштан вазифаи муқаддаси волидон мебошад. Бисёр муҳим аст, падару модарони ҷавон ба хубӣ дарк кунанд, ки аз таваллуди фарзанд дида, тарбияи дурусти ӯ бисёр мушкилтар аст; меҳру муҳаббати волидонии худро нисбат ба фарзанд аз чашмаи тарбиядиҳии дуруст об хӯронанд; ишғоли мавқеъ дар ҷомеа барои шахси дуруст тарбия ногирифта хеле мушкил хоҳад шуд; фарзанд дар оянда на он шахсе мешавад, ки волидон интизор доранд, балки шахсе мешавад, ки волидон тарбия карданд.

**Волидон-нахустустодони фарзандон**

Падару модар мураббии нахустин ва доимии фарзанд мебошанд ва тарбиягирияш баробари қадамҳои аввалини ӯ дар доираи оила сурат мегирад. Бинобар ин, ангораи тарбияи фарзанд дар оиларо тавсия менамоям:

1. Аз лаҳзаҳое, ки фарзанд гапро фаҳмида ба худогоҳӣ шуруъ мекунад, волидонро лозим аст, ки ӯро ба риояи мустақилонаи гигиенаи шахсӣ, одоби таомхӯрӣ, одоби либоспӯшӣ, ғамхорӣ барои саломатии хеш (иҷрои машқҳои ҷисмонӣ) одат кунонад.

2. Мувофиқи мақсад аст, ки волидон корҳои рӯзмарраи хонаро бо иштироки фарзанд ба ҷо оварда, ӯро ба риояи қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми меҳнати ҷисмонӣ водор кунанд. Зарур аст, ки фарзанд софдилона кор кардан, мақсаднок ва босифат ба охир расондани ҳар як кор, аз ҷараён ва анҷоми кор лаззат бурданро одат кунад.

3. Фарзанд одоби меҳмондорӣ ва меҳмониро омӯхта, қоидаҳои саломгӯӣ, хизматрасонии меҳмон (обдиҳӣ барои дастшӯии меҳмон ва ғайра), оростани дастархон ва муомила кардан бо меҳмонро бояд ба хубӣ аз худ кунад.

4. Фарзанд аҳаммияти муносибати хуб бо узви оила, хешу табор ва ҳамсоягонро амиқона дарк карда, хислатҳои неки инсониро, ба монанди дӯстнавозӣ ва равобити фаъол бо дуру наздик, эътибор кардани дигарон, ғамхорӣ намудан барои эҳтиёҷмандон, ҳурмату эътирофи пиру калонсолонро бояд дар умқи дилу вуҷуди хеш дошта бошад.

5. Фарзанд бояд дар доираи эътиқоди суннатӣ ва муътадили волидон ба қадри кофӣ маълумоти дуруст дошта бошад.

6. Фарзанд бояд таъриху шаҷараи худ ва миллати худро ба хубӣ донад ва чун шахси ватандӯст ба воя бирасад.

7. Фарзанд қадру қиммати дониш ва ҳунарро фаҳмида, аз услубҳои ҳунаромӯзиву илмомӯзӣ маълумоти кофӣ дошта, муносибати устоду шогирд, мақоми махсуси мактабу муаллимро ба хубӣ дарк кунад ва ба қадри онҳо расида тавонад.

8. Бисёр муҳим аст, ки волидон ба фарзанд барои интихоби дурусти касб шароит фароҳам оварда, самти мувофиқи истеъдоду қобилияташро муайян созанд. Фарзандро бояд фаҳмонд, ки дар оянда натанҳо ҳаёти шахсии оилавиаш, балки масъалаи адои вазифаи назди волидону Ватан низ ба маҳорати касбии ӯ вобастагии комил дорад.

9. Фарзанд бояд аз кӯдакиаш мавқеъ ва аҳаммияти китобро фаҳмида, чун китобдӯст ба воя расад.

10. Дар ботини фарзанд ҳисси адолат ва шуҷоат аз кӯдакиаш реша давонда, бояд бо дарккунии масъулияти шахсӣ назди оила ва Ватани хеш ба воя расад.

11. Ба духтарон аз кӯдакӣ хислатҳои суннатии занонаро талқин намуда, дарккунии онҳо аз мавқеъ ва мақоми Зан-Модар дар ҷомеа мувофиқи мақсад аст.

## ТАРБИЯИ ФАРЗАНД

12. Мувофиқи мақсад аст, ки фарзанд сарфи назар аз миллату дину забон ба пайравони миллату дину оини дигар бо эҳтиром муомила карданро омӯзад.

13. Фарзанд носазо будани хислатҳое чун хасисӣ ва худпарастиро дарк карда, дар дил ба сифатҳои инсонии нек, амсоли ҷавонмардӣ ва ҳамдардӣ гароиш дошта бошад.

14. Фарзанд бояд ба зиндагӣ бо меҳнати ҳалол ихлос дошта, харҷи сарфакоронаи бозёфташро ба хубӣ дарк кунад.

15. Хуб аст, ки агар фарзанд ба иқрори хатогии худ одат гирифта, дар дил ба ислоҳи (ба қадри имкон) иштибоҳоти хешу дигарон ихлос парварида бошад.

Мусаллам аст, ҳама камбудиҳое, ки дар рафтори фарзанд мушоҳида мешавад, ба сатҳи маърифати волидон вобастаанд. Агар тарбияи фарзанд мувофиқи ангораи мазкур сурат гирад, дар вуҷуди ӯ қувваи мустаҳкаме ҷой мегирад, ки фарзандро аз таъсири омилҳои манфӣ эмин хоҳад дошт.

### Мураббӣ бояд шахси тарбиятдида бошад

Яке аз қадамҳои муҳимтарини кори тарбияи фарзанд - ӯро ба олами китоб ҷалб кардан аст. Барои он ки кӯдак дар дил меҳри китобро пайдо кунад, чӣ бояд кард? Кӯдакро равост, ки аз сесолагӣ бо одитарин афсонаву шаклҳои ҳандаса, бозиҳои серҳаракату мантиқӣ шинос карда, омӯзиши мушоҳидаи табиатро оғоз намоянд. Дар ин вақт кӯдак худро каму беш дарк намуда, қобилияти андешаронияш пайдо мешавад. Пас, ташаккулёбии хислатҳои неки инсонӣ: хоксорӣ, самимият, раҳмдилӣ ва ғайра, дар вуҷуди фарзанд ба ин марҳилаи кори тарбияи ӯ вобаста аст.

Қироати ҳаррӯзаи афсонаи начандон калонҳаҷм (то 15 дақиқа) ба кӯдак бояд ба одати рӯзмарра табдил ёфта, бояд ба қадри имкон шавқангез - бо истифодаи тақлиду қиёфасозӣ сурат гирад, ки рағбату тасаввуроти кӯдак бедор шавад. Баробари шунидани афсона тасаввуроташро рӯйи қоғаз (албатта, бо кумаки волидон) бо қалами рангӣ тасвир кардани кӯдак низ ҷозибаи ҷараёнро меафзояд. Таърифи кӯдак бо калимаҳои “офарин, аҳсант”, “боақл (зӯр, чаққон...) будаӣ!” ва ғайра, ӯро руҳбаланд гардонида, кӯшиш мекунад, ки боз волидонашро шод кунад. Афсонаи дирӯзаро ёдрас карда, пурсиши баъзе суолҳои такрорӣ низ мувофиқи мақсад аст.

### Синни томактабӣ: давраи 3-7 солагӣ

Ин марҳала вақти оғози инкишоф ва ташаккули ҳаматарафаи фарзанд чун инсон буда, аз волидон диққати махсусеро талаб мекунад. Тайёрии фарзанд ба мактаб аз ҷиҳати интеллектуалӣ, маънавӣ, ҷисмонӣ ва руҳӣ маҳз дар ҳамин давра сурат мегирад. Муҳим аст, ки дар ин марҳала ба воситаи бозиҳои мантиқӣ дар шуури фарзанд тафаккури эҷодкоронае инкишоф ёбад: бигзор кӯдак худаш бикӯшаду бифаҳмаду биёбад. Баъди бозиҳои мантиқӣ ҳатман якҷоя китоб хондан лозим аст. Афсонаро натанҳо падару модар, балки бародару хоҳарони кӯдак низ ба навбат қироат кунанду шавқи ӯ ба олами зебоӣ боз ҳам афзуда, барои бедор шудани майлу рағбаташ ба мутолиаи мустақилонаи китоб омили иловагие пайдо мешавад. Барои ин падару модар бояд аз ҷумлаи китобдӯстон бошанд. Агар онҳо аз китобу дониш дур бошанд, фарзанд низ аз мутолиаи китоб дар канор мемонад.

### Синни мактабӣ: давраи 7-10-солагӣ

Дар ин марҳала (аз 7-солагӣ) вазни мағзи бача якбора зиёд шуда, ба вазни мағзи калонҳо қариб мешавад (1300 грамм). Бо ворид шудани бача ба синфхона пурсишҳои омӯзгор, амсоли “Кӣ чанд афсона медонад?”, “Кӣ кадом афсонаро нақл кардан мехоҳад?”, “Афсонае, ки бори нахустин шунидаӣ, кадом аст?”, “Дар хона чанд китоби афсона дорӣ?” таъсири муфиде дошта, зинаи дувуми ҷалбкунии бача ба олами китоб сар мешавад. Мусаллам аст, китоби афсонае, ки ба рӯзи таваллуди бачаи афсонадӯст тақдим карда мешавад, ӯро ба китобхонӣ шавқманд мегардонад. Хариди чунин китоб (ба тарзи пинҳонӣ аз бача) ва тақдим шудани он бо дасти омӯзгор, албатта, барои бачаҳои дигар ҳам хеле таъсирбахш хоҳад шуд. Давом додани ин тадбир дар давоми соли таҳсил бо бачагони дигари синф низ мувофиқи мақсад аст.

Ҳангоми суҳбат бо волидон дар мавзуъҳои дахлдор онҳо “барои қироати китоб вақт надорем, аз телевизор дида мефаҳманд” мегӯянд. Баъзан “замонҳои қадим фарзандро

бе қироати китоб тарбия мекарданд" гуфта, "бурҳони қотеъ" меоранд. Албатта, он вақтҳо китоб ашёи дастнорасу нодире буд ва на ҳар кас савод дошт. Вале баҳснопазир аст, ки волидони пешин ба масъалаи тарбияи насли нав ҷиддитар муомила мекарданд. Модар ҳанӯз аз овони тифлии фарзанд, дар суруди нахустини шунидаи кӯдакаш - "алла" натанҳо меҳру муҳаббати модариашро, балки тамоми ҳусну зарофати забони миллиро низ таҷассум карда, вуҷуди кӯдаки поксириштро бо забони модарӣ мустаҳкам месохт. Дар ҳар як оила мӯйсафедон ба фарзанд бо воситаи афсонаву зарбулмасалҳои халқӣ хислатҳои неки инсониро талқин мекарданд. Лозим бошад, аз сайри хаёлоти хеш низ чизи наверо илова мекарданд, ки он аз насл ба насл, аз аср ба аср гузашта дар мубоизаи азалии некӣ алайҳи бадӣ шахсро аз гумроҳӣ, халкро аз нобудшавӣ эмин медоштанд.

**Чӣ тавр шавқи кӯдакро ба хондани китоб метавон бедор кард?**

Барои завқи мутолиаи кӯдак бояд:

- дар муҳити хона фазои муҳаббат ба китоб ҳукмрон бошад;
- кӯдак худаш китобро бинад ва даст занад;
- ба кӯдак дар як рӯз як бор бо овози баланд афсона хонда шавад ва чунон бояд кард, ки кӯдак ҳар рӯз ин соатро интизор ва аз волидон афсона хонданро талаб кунад;
- дар вақти хондани афсона ҳар лаҳза ба кӯдак аз мазмуни афсона савол диҳад ва дар кӯдак хаёлофариро (фантастика) бой гардонад;
- кӯдак вақте ки мустақилона хонданро ёд гирифт, ӯро набояд маҷбур кард, ки китоб хонад. Шавқи ӯро бо роҳҳои ҳавасмандкунӣ зиёд бояд кунем;
- ҳатман китобхонаи шахсиро ташкил бояд кард. Вобаста ба синну соли кӯдак китоб харида, шумораи китобҳоро зиёд намоянд;
- ба кӯдак рӯзи зодрӯз китоб тухфа намоянд. Бо кӯдаконашон ба китобхона рафта, ӯро бо китобдор шинос намоянд. Аввал падару модар, баъд кӯдак ба китобхона узв шаванд, то ки дар зеҳни кӯдак меҳр ба китобхона нақш бандад
- волидон, хешовандон, китобдӯстон ҳатман дар пеши кӯдак дар бораи китоб бояд нақл кунанд. Дар бораи китобҳои хондаашон баҳсу мунозира кунанд ва ҳамаи ин ба кӯдак таъсири мусбат мерасонад.

**Қоидаҳои хондани китоб**

Волидон бояд ба кӯдак қоидаҳои зерини хондани китобро фаҳмонанд:

- дар торикӣ хондани китоб мумкин нест;
- дар нақлиёт низ хондани китоб номувофиқ аст;
- дар вақти хӯрокхӯрӣ китоб хондан мумкин нест;
- дароз кашида хондани китоб мумкин нест;
- дар вақти хондани китоб офтоб бояд аз тарафи чап рӯшноӣ диҳад;
- чашмон бояд ҳар бист дақиқа истироҳат кунанд;
- ба чашм имконияти истироҳат деҳ-аз тиреза ба тарафи дур нигоҳ кун;
- ҳангоми хондан ба чашмат даст нарасон;
- рост истода ё дар вақти роҳ рафтан китоб нахон.

**Тадқиқотчиён чунин суръати хонишро пешниҳод менамоянд:**

- синни ибтидоии мактабӣ 80-150 калима дар як дақиқа;
- синни миёнаи мактабӣ 175-207 калима дар як дақиқа;
- синни калони мактабӣ 214-250 калима дар як дақиқа;
- вақти донишҷӯӣ 250-280 калима дар як дақиқа.

Волидон агар ин суръати хонишро риоя карда, ба кӯдак китоб хонанд, он вақт натиҷаи хуб ба даст хоҳанд овард.

**Китоб - қаноти кӯдак**

Китоб қаноти кӯдак, воситаи асосии омӯзиши фарҳангу маънавиёт, илму техника ва тарбияи солими инсонӣ мебошад. Китоб манбаи дониш ва дониш қувваи ботинии инсон аст. Қарзи волидон ва насли калонсолон аст, ки ба кӯдакон роҳи дурустро барои оянддаи дурахшон нишон диҳанд. Ҳамон чизеро, ки падару модар, тарбиятгарон ва омӯзгорон натавонистанд, ба кӯдак диҳанд, кӯдакон онро аз китоб меёбанд.

Дар вақти хондани китоб дар кӯдак ҳисси инсондӯстӣ, ватандӯстӣ, муҳаббат ба меҳнат, одаму одамгарӣ ва ғайраҳо, пайдо мешавад. Пас, китобро метавон боли умед барои расидан ба осмони комёбиҳо ва пешрафту музаффариятҳои инсонӣ номид.

**Б. ҲАЙДАРОВ,**
**мутахассиси Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ХОНИШИ АДАБӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ МАҲОРАТ ВА МАЛАКАИ ХОНАНДАГОН



Хониши адабӣ яке аз бахшҳои муҳимми дарси адабиёт ба ҳисоб меравад, зеро дар ин дарс хонандагон тарзи дурусту зебои талаффузи калима, назокат ва зебоии забон ва шаффофияти лаҳнро аз бар мекунанд. Агар ин дарс аз як ҷиҳат ба равонии гӯиши хонандагон боис бошад, дар умум, ба зебоии забони миллии мо муҷиб мебошад. Дар ин мақола доир ба вижагиҳои ин дарс маълумот дода, таҷрибаҳо баррасӣ шудаанд.

Дар Барномаи таълимии фанни адабиёти тоҷик дар синфҳои 5-11 (нашри соли 2007) чунин омадааст: «Дар мактаби миёна таълими адабиёт ба ду марҳала ҷудо карда мешавад:

1. Дарсҳои хониши адабӣ дар синфҳои V-VII
2. Дарсҳои таърихи адабиёт дар синфҳои VIII-XI

Дар марҳалаи аввал қироати шогирдон бояд устувор, бе лакнату камбудӣ бошад. Қироат ҳамроҳ бо фаҳми муттасили матн, агар шеър бошад, бо байтҳои ҷудогона ҷараён ёбад. Рафта-рафта дар синфҳои шашуму ҳафтум шогирдон ба фаҳму дарки маънои шеърҳои ҷудогона, порчаҳои насрӣ, ҳикояту навъҳои дигари адабӣ одат мекунанд». Яъне, дар синфҳои V-VII на таърихи адабиёт, балки хониши адабӣ аст, аммо мушоҳида мешавад, ки баъзе омӯзгорон, бахусус, мутахассисони ҷавон, ин нозукиро дуруст сарфаҳм нарафта, таълими марҳалаи аввалро низ чун таълими марҳалаи дуюм мегузаранд.

Бояд гуфт, ки хонандагон дар марҳалаи аввали таълими адабиёт ба латофату зарофати нутқи бурро, сеҳри сухан ва ҷаззобияти он шинос мешаванд. Тарзи бурро хондану задаи мантиқиро дар ҷояш гузоштанро дар назму наср меомӯзанд. Дар баробари ин, омӯзгор ҳангоми таълими мавзуъҳо ба ҷанбаи тарбиявии он, ҷаҳонбинӣ ва худогоҳии хонандагон эътибор медиҳад, то маънавиёти онҳоро ғанӣ гардонад. Яъне, ба воситаи

хониши ифоданоки асари бадеӣ омӯзгор метавонад, ба хонандагон тарбияи зебоӣ диҳад, завқ ва ҳаваси онҳоро ба зебогии ҳаёт бештар ҷалб намояд.

Омӯзгор хониши ифоданоки хонандагонро, асосан, бо истифодаи се тарзи хониши намунавию воситаҳои иловагӣ инкишоф ва такмил медиҳад:

**1. Хониши намунавии худи омӯзгор.**

**2. Намунаи хониши устодони санъат.**

**3. Хониши намунавии хонандагони болаёқат.**

Вазифаи дарсҳои хониши адабӣ, пеш аз ҳама, ба хонанда омӯзонидани хониши ифоданок ва тавассути он инкишофи қобилияти нутқ, бо оҳанги ба шунаванда фаҳмо расонидани мазмун ва моҳияти асари бадеӣ буда, дар навбати худ шинос кардани шогирдон бо воситаҳои санъати бадеӣ, аҳаммияти онҳо дар таъсирнокии сухан ва кушода додани симои ботинии қаҳрамони асар мебошад. Аз ин рӯ, ба омӯзгор лозим аст, ки аз машғулиятҳои аввалини дарсҳои хониши адабӣ хонандагонро ҷиҳати бехато, ифоданок хондани матн ва мазмуни матнро бодиққат фаҳмида гирифтан ҳидоят намояд. Дар хониши адабӣ риояи хусусиятҳои фосила, васл, кашиш, задаву ист (пауза) нақши муҳим доранд, зеро ҳар яки инҳо дар талаффуз-ҳангоми қироати асари бадеӣ зоҳир мешаванд.

Дар дарсҳои хониши адабӣ қироати омӯзгор мавқеи асосиро ишғол мекунад. Вай ҳиссиёту ҳаяҷон, муносибату муколамаҳои асари бадеиро бо оҳанги гуфтор, ҳолат ва имову ишораҳои худ ба шогирдон нишон дода тавонад. Омӯзгор дар санъати хониш ва қироати шеър бояд мумтоз бошад. Ӯ бояд ин гуна ҳунару маҳоратро дошта бошад, вагарна дарсҳои вай хушку бетаъсир ва дилгиркунанда мегузаранд. Қироати омӯзгор, гуфтору ҳолати ботинию зоҳирӣ ва кайфияти руҳию равонии ҳар қаҳрамони асарро нишон дода тавонад. Аввал, бо лаҳни гуфтор, тарзи қироат ва садои дилкаш диққати хонандагонро ба дарс ҷалб намояд, дувум, шавқу завқи онҳоро ба хондани асарҳои бадеӣ афзун гардонад ва малакаву маҳорати хушхониву хушбаёниро дар вуҷуди онҳо ҷой карда тавонад. Яъне, бо фораму шево хондани омӯзгор, дар хонандагон шавқу ҳаваси шеърхониву шеърфаҳмӣ пайдо шуда, рушд меёбад, зеро хонанда дар ифоданок хондани шеър ба оҳанги он гӯш андохта, ҳаловат мебарад ва ғизои маънавӣ мегирад. Ба ҳамин маънӣ устод Садриддин Айнӣ чунин гуфтааст: «Ман шеърҳоро дӯст медоштам, ҳарчанд маънои онҳоро дуруст нафаҳмам ҳам, оҳанги онҳо ба ман гуворо менамуд ва ба ёд карда, хонда гаштани баъзе шеърҳо кӯшиш мекардам» (Куллиёт, ҷ.1, саҳ.10).

Омӯзгор дар раванди дарсҳои хониши адабӣ тавассути диску фитта хонандагонро бо намунаи хонишҳои устодони каломи бадеъ, шоирону санъаткорон чун Маҳмудҷон Воҳидов, Лоиқ Шералӣ, Ҳабибулло Абдураззоқов ва Абдуқодир Маниёзов шинос менамояд, то ки онҳо садои фораму марғуладори ин ҳунарваронро шунида, ҳам лаззати маънавӣ бардоранду ҳам маҳорати худро сайқал диҳанд ва мазмуни чизҳои азёд кардаашонро равшан ва фораму шево гуфта тавонанд.

Пас аз хониши намунавии омӯзгор хонандагон матнро бо навбат мехонанд. Ӯ ба тарзи хондани матн, оҳанги талаффузи калимаҳо ва дарки мазмуни матни бадеӣ диққати ҷиддӣ диҳад. Аз хонанда мазмуни хондаашро пурсад ё метавонад нақли мазмуни онро аз дигар хонанда пурсон шавад. Агар хонандагон мазмуни матнро нақл карда натавонанд ё ба мушкилӣ рӯ ба рӯ шаванд, дар ин ҳолат омӯзгор ба онҳо саволҳои иловагӣ медиҳад. Ҳар саволи вай дар ин самт ба хонанда роҳ мекушояд ва ба нақли муфассали мазмуни матн ҳидоят менамояд. Ба туфайли дуруст ба роҳ мондани машғулиятҳои хониши адабӣ нутқи шифоҳии хонандагон рушд меёбад.

Омӯзгор роҳ надиҳад, ки шогирдонаш матнро тез хонанд, зеро суръати хониш баҳри фаҳмидани мазмуни матн халал мерасонад. Сустхонӣ низ хуб нест. Он аломати камсаводӣ буда, баҳри дарки маънӣ монеа эҷод мекунад. Бе дарки мазмун хониш ба талаффузи хушку холии тӯтивор шабоҳат дорад. Агар хонанда

порчаи назмӣ ё насриро ифоданоку бо оҳанги мувофиқ хонад, ҳамаи қоидаҳои хониши адабиро риоя намояд, ин шаҳодати он аст, ки вай ба мазмуни матн сарфаҳм рафтааст ва мазмуни матнро мураттаб нақл карда метавонад.

Бинобар ин, омӯзгор ба он эътибор диҳад, ки хонанда мазмуни матнро дарк кунад. Мазмуни онро ифоданок ва дар доираи забони адабӣ нақл карда тавонад. Инчунин, аз хониши ифоданоки ҳамсабақи худ ҳам лаззат бараду ҳам мазмуни матнро фаҳмида тавонад. Бо ин васила, дар муҳити муассисаи таълимӣ баробари нутқи бурро, зебоиҳои адабиёти бадеиро омӯзонидан дар онҳо малакаҳои хушгӯиву хушхонӣ ва дарки мазмуни матнро парваридан зарур аст. Мафҳуми хониши ифоданок танҳо аз хондану нақл кардани мазмуни матн иборат набуда, балки хонанда моҳияти масъаларо хуб дарк кунад, ба рафтору амалиёти қаҳрамони асари бадеӣ баҳои дуруст дода, хулосаи мантиқӣ барорад ва эҷодкор бошаду санъатҳои бадеии онро кушода дода тавонад. Хониши ифоданоки асарҳои адабӣ тафаккур ва ҷаҳонбинии хонандагонро вусъат дода, зеҳн ва фаҳмиши онҳоро инкишоф медиҳад.

Пас аз ифоданок хондани матн омӯзгор метавонад, таҳлили асарро ба роҳ монад, зеро таҳлили асар барои хонанда хеле муҳим буда, вай тибқи таҳлил ба умқи асари бадеӣ ворид мешавад. Дониши назариявию амалии худро мукаммал менамояд. Ба рафтору амалиёти қаҳрамонон дар асоси донишҳои андӯхтааш баҳои холисона ва шаффоф дода метавонад. Ба рафтори ҳамидаи қаҳрамонон пайравӣ мекунад ва ахлоқи зишти ғайриинсониро маҳкум менамояд. Дар таҳлили асар муайян кардани қаҳрамонони мусбат ва манфӣ мавқеи асосӣ дорад. Ба қаҳрамонони асар аз диди худ хислатнома навиштан манфиатнок аст. Ин тартиби кор, аз як ҷиҳат, ба маҳорати эҷодкории хонандагон замина гузорад, аз ҷиҳати дигар, онҳоро ба эссенависӣ омода менамояд. Аз ин рӯ, таҳлили асар чунин лаҳзаҳоро дар бар мегирад:

**- шарҳи луғатҳо;**

**- нақли шифоҳии мазмуни умумии асар;**

**- муайян кардани пейзаж, қаҳрамонони мусбат ва манфии асар;**

**- хулоса ва ҷамъбасти мазмун ва ғояи асари хондашуда;**

**- тартиб додани нақшаи асар;**

**- саволу ҷавоби шифоҳӣ дар бораи қаҳрамонони асар.**

Барои хонандагони синфҳои 5-7 дуруст, бурро ва ифоданоку бошуурона хондани матни асари бадеӣ ва пай дар пай нақли мазмуни умумии асар мавқеи хосса дорад. Инчунин, фаҳмидани ҷараёни воқеаву ҳодисаҳои асар, лаҳзаҳои махсуси диққатҷалбкунандаи он, фарқ кардани хислати қаҳрамони асари бадеӣ низ мебошад. Мақсади ифоданоку бошуурона хондани матни бадеӣ ба боигарии нутқи шифоҳии шогирдон ёрӣ расонида, онҳоро ба баёни дурусти андешаҳо ва нақли равони мазмуни матн роҳнамоӣ менамояд.

Афзалияти хониши ифоданок ҳамчун усули таҳлил аз он иборат аст, ки дар он ба ҳаяҷон омадани хонандагон эҳсос карда шавад. Хонандагон дар рафти хониши асари бадеӣ худро осудаву озод ҳис кунанд, тавассути он овазашон табииву самимӣ ва таъсирбахш ифода шавад. Вобаста ба сохти матн, жанри бадеӣ ва мазмуни он оҳанги хониш баланду паст ва босуръат шуда, бояд аз замир барояду ба дилҳо нишинад. Дар натиҷа, хонандагон неруи ифоданоки каломи мавзунро эҳсос карда, маънои онро дарк мекунанд ва меҳр ба хондани асари бадеӣ мебанданд.

Ба он ноил шудан лозим, ки хонанда ҳангоми хониш чанд талаботро: аломатҳои китобат, оҳанги талаффуз (пауза), нимсукут ё сукути пурра, задаи мантиқӣ, ки барои фаҳмидани маънои калима хидмат мекунад, тағйир додани оҳанги хониш вобаста ба ҳодисаву воқеаҳои асар, ҳолати руҳию равонии қаҳрамонони асар, ба сухани муаллиф мувофиқ намудани оҳанги хониш бояд риоя намояд. Дар сурати риоя нагардидани ин талабот хониши ифоданок моҳияти худро гум карда, ба шунаванда таъсир расонида наметавонад.

МУАЛЛИМИ МАН

**Шаҳнавоз КАРИМЗОДА,**
**омӯзгори кафедраи забони англисии факултети забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**



# АГАР ГӮЙӢ, КИ БИТВОНАМ, ҚАДАМ ДАРНЕҲ, КИ БИТВОНӢ...



Ин шеъри машҳури Қутбӣ Киромро сароянде бо сӯзу гудоз месарояд ва ҳамин лаҳза ба хотирам нафаре, ки абёти фавқро шиори зиндагии худ пазируфтааст, муаллимаи азизам Равзахон Абдукаримова меояд:

**Зиндагиро кӣ гуфт, номард аст?**
**Ҳар кӣ гуфтаст, то куҷо мард аст?**
**Зиндагӣ марду мард мехоҳад,**
**Сари болову дард мехоҳад....**

Ба худ меандешам: "Эҳ... Охирин маротиба рӯзи милоди он кас, 7-уми август суҳбат карда будем. Аллакай моҳи сентябр омадааст, чӣ қадар вақт тез мегузарад". Ғарқи хаёл нафаҳмида мондам, ки чӣ тавр рақамҳои муаллимаро бар сафҳаи телефонам чидаам. Аз он сӯйи гӯшӣ овози чун ҳамеша ҷоннавози устодам садо медиҳад:

- Ало, Шаҳнавозҷон, ту чӣ хел, ҷони она! (Дар шеваи Хуҷанд "она" - модаркалон аст). Оҳари дилам рехт, - гилаомез мегӯянд, муаллима, - чандин вақт шуд, ки занг назадӣ...

- Ассалому алейкум, фариштаи ман, муаллимаҷони беҳамтоям! - хитоб мекунам ба муаллима, - Соли нави таҳсил бароятон муборак бод! - Баъди чанд лаҳзаи хомӯшӣ, ба суханам идома медиҳам: - Муаллимаҷонам, узр, ки дер занг задам. Охир, худатон нағз медонед, ки зиндагӣ ҳар рӯз бароямон ягон имтиҳоне омода мекунад. Пурра андармони дарду ғами худ. Аммо рӯзе нест, ки шуморо ёд накунам....

- Зиндагӣ марду мард мехоҳад, - ҳанӯз суханҳоям ба охир нарасида, муаллима ҷавоб медиҳанд, - Сари болову дард мехоҳад! Духтарҷонам, ту хуб медонӣ, ки ин дунё пур аз афтоданҳову бархостанҳост. Дар зиндагӣ мард бояд шуд! Тӯбро чӣ қадар сахттар ба замин занӣ, баландтар мепарад! Вақте зиндагӣ моро пахш мекунад, мо бояд қавитар шавем!

Муаллимаро бори нахуст дар мактаби "Паймони азизон" дидаам. Бо сабабҳои мутааддид мактабе, ки таҳсил мекардам, дар байни соли хониш баста шуд ва тамоми ҳамсинфонам мисоли мухраи марҷон ба мактабҳои дигар паҳну парешон шуданд. Маро низ тақдир ба мактаби орзуҳоям "Паймони азизон" овард. Вақте ки бори аввал муаллима Абдукаримова ба дарси мо даромаданд, ман аслан тасаввур надоштам, ки ин нафари комилан ноошно, азизтарину пайвандтарину дурахшонтарин чеҳраи ҳаётам мегардад. Дарсҳои муаллима бисёр муассиру шавқангез мегузашт. Он кас ончунон қиссаҳоро нақл менамуданд, ки ҳангоми дарс худатонро андаруни дунёи дигар тасаввур мекардед: ҳамроҳи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ шеър мехондеду уд менавохтед, бо Рустами Дастону Гурдофариди бебок душманонро пора месохтед... дар хонақоҳи Мавлоно рақси самоъ мекардеду бо Низомии Ганҷавӣ ба қиссаи "Лайливу Маҷнун" гӯш медодеду то субҳ мегиристед...

Дар хотир дорам, ки соли 2008 "Паймони азизон" аз нахустин таълимгоҳе маҳсуб меёфт, ки дар он омӯзиш бо забонҳои тоҷикиву русӣ сурат мегирифт. Дар синфи русӣ, ғайр аз хонандагони тоҷик, хонандагоне ҳам таҳсил менамуданд, ки

## МУАЛЛИМИ МАН

миллаташон рус буду ақаллан як вожаи тоҷикиро намедонистанд. Духтаракон бо либосҳои замонавӣ, мӯйҳои парешон ба дарс меомаданд. Боре як манзараи аҷоиб диққати ҳамаро ҷалб кард: Духтаракони рус бо кокулакони майдабоф дохили мактаб шуданд ва мӯйҳои тиллоранги онҳо мисли офтоби ҷаҳонтоб дунёро тасхир мекард. Онҳо табассумкунон бо забони тоҷикӣ, бо оҳанги хосу бисёр ширину шево "Ассалом, шумо чӣ хел?" мегуфтанд. Гарчанде ки ҳангоми талаффуз ҷойи зада дигар буд, аммо бо забони тоҷикӣ ҳарф задани русдухтарон ҳисси ватандӯстии моро боз ҳам меафзуд. Баъдан маълум гашт, ки боре ба дарси онҳо муаллима Абдукаримова даромада, қиссаи "Робияи чилгазамӯй"-ро нақл кардаанд.

Воқеан, муаллима Абдукаримова истеъдоди нодир доранд, ки метавонанд, тавассути сухан ба хонандагон таъсир расонанд. Боз як манзарае пеши назарам омад: Дар саҳни мактаби "Паймони азизон" хонандагон омодаи нишастан ба нақлиёти мактаб буданд. Анбӯҳи муаллимон барои гусели онҳо баромаданд. Озмуни ҷумҳуриявии мактаббачагон дар шаҳри Душанбе бояд шуруъ мешуд. Ҳамин лаҳза муаллима Абдукаримова хонандагонро ба назди худ даъват карда гуфт:

-Шумоён шер! Шумо аз ҳама беҳтарин, нотакрор! Гап тамом! Ҳамаатон имрӯз ҳатман пирӯз мешавед, ман ба шумо боварии комил дорам. Дар ин ҷо танҳо хонандагони аълохон таҳсил мекунанд. Ширкат кардан дар озмуни ҷумҳуриявӣ аллакай ғолибият аст! Аммо ман медонам, ки шумо бе ҷойи аввалу дуюм барнамегардед! Баъдан, ин шоҳбайти машҳурро хонданд:

**Агар гӯӣ, ки битвонам, қадам дарнеҳ, ки битвонӣ**
**В-агар гӯӣ, ки натвонам, бирав биншин, ки натвонӣ!**

Баъди суханҳои муаллима ҳамаамон руҳбаланд гардида, бо диплому медалу ҷойҳои намоён баргаштем. Тамоми ғолибонро муаллима табассумкунон пешвоз гирифта гуфтанд:

-Ана, сеҳри суханро бинед! Дидед, забони тоҷикии мо муъҷиза аст! Албатта, ҳамаи шумо арзанда, аммо суханҳои ман тирест, ки рост ба нишон мерасад!

Чанде пеш ба дидори муаллима рафта будам ва боре як нафар шӯхиомез ба он кас гуфт:

- Муаллимаҷон, акнун бас кунед муаллимиро, шумо бояд "бизнес - тренер" шавед! Оё дарк накардаед, ки суханҳоятон ба мардум сахт таъсир мекунанд? Шумо ҳамон хел таҳрик медиҳед, ки баъди он як нафаре, ки аз дасташ чизе намеояд, дар фикри кашф кардани сайёраи дигар мешавад. Ман ба ҷойи Шумо мебудам, кайҳо миллионер мешудам.

-Ман аз миллионер ҳам миллионертар, -ҷавоб доданд муаллима, -гирду атрофи маро шогирдонам пур мекунанд. Куҷое равам, дасташонро пеши бар гирифта, ба ман салом мегӯянд, ҳар ид бароям паёмакҳои самимӣ мефиристанд, магар ин нест дороӣ? Ман аз соли 1971 то ҳозир дарс мегӯям, қариб 54 сол аст, ки бачаҳои мардумро тарбия мекунам. Медонед, ҳоло акнун шогирдони ман наберадор шудаанду ба мағзи донаки онҳо дарс медиҳам. Магар ин нест хушбахтӣ? Оё аз пешаи омӯзгорӣ касби ҳалолтаре ҳаст? Албатта, не! Ман ҳоло 76 солаам, 76 сола! Ин ба гуфтан осон. Аммо дар ин синну сол то ҳол худамро мисли асп бардам ҳис мекунам. Ман то ҳол ҷавонам ва маро муҳаббати шогирдонам ин хел ҷавон нигоҳ медорад! Ба қавли устод Лоиқ:

**Ҳоло, ки ман ҷавонам, дунё пур аз ҷавонист,**
**Ҳар ҷо, ки по гузорам, он ҷо пур аз ҷавонист!**

Барои ман ягон пулу моли дунё қадре надорад. Агар рӯзе шунидам, ки шогирдам ба ягон мақоме расидааст, ҳамон рӯз барои ман ид аст. То вопасин нафасам ман ба касби пуршарафи омӯзгорӣ арҷ мегузорам.

Бешак, ин аст, муаллими асил, устоди ҳақиқӣ! Оне, ки ба касбаш то ҷовидон содиқ мемонад. Рӯзе ҳамсинфонам бо ифтихор ба ҳамдигар мегуфтанд:

-Оё шунидаед? Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муаллима хонаи истиқоматӣ туҳфа кардаанд.

-Арзанда, воқеан арзанда,- садо медоданд бачаҳо.

-Бинед, баъзеҳо мегӯянд, ки муаллимонро дар Тоҷикистон касе қадр намекунад, аммо маълум аст, ки ҳамаи ин гуфтаҳо дурӯғин аст, дар давлати мо ба омӯзгор таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд.

Ҳоло муаллима Равзахон Абдукаримова на танҳо дар мактаби 22-и шаҳри Хуҷанд, балки дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров низ фаъолият доранд. Чанд рӯз дар мактаб аз забон ва адабиёти тоҷик дарс мегӯянд ва чанд рӯзи дигар дар хобгоҳи донишгоҳ ба ҳайси мураббӣ кор мекунанд. Дар сар то сари вилоят овозаи сахтгир будани мураббии хобгоҳи №2 паҳн гардидааст. Рӯзе қатор-қатор донишҷӯйдухтарон бо кокулҳои майдабоф, дар даст анбӯҳи китобҳо аз хобгоҳ баромада рафтанд. Ин манзарароро дидаму беихтиёр табассум кардам. Соядасти муаллимаро зуд шинохтам ва ба ин хулоса расидам, ки хушбахт устоде, ки сабки хосаш ҳама ҷо пайдост. Илоҳо, умри омӯзгори бузургворам бобоқову мустадом бод.

**Маҳбуба БОБОНАЗАРОВА,**
**омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики**
**мактаби №37-и шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон**

# ПИРОН СУХАН ЗИ ТАҶРИБА ГӮЯНД...

Осори безаволи аҳли сухан дар тӯли қарнҳо ҷило дода, муаррифи замони худ ва тарбиятгари инсоният мебошанд. Тобиши ҳар асрро намояндагони илму адаб дар осори худ муаррифӣ мекунанд. Новобаста аз ошӯбу исёнҳо, задухурдҳои шадиду қурбониҳои бешумор, шуарову удабо, муаррихону донишмандон асри хешро дар таърих сабт мекунанд.

Намоёнтарин чеҳраи асри XIII, шоири барҷастаи олам, бузургтарин шоири ғазалсарои адабиёти форсу тоҷик Хоҷа Шамсуддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ (1321-1390) аст. Шоире, ки Ҷомиро ғазалҳояш тасхир кардаасту “ҳеҷ девоне беҳ аз девони Ҳофиз нест” гуфта буд. Алберт Эйнштейн дар ёддошти худ қайд кардааст, ки ҳар вақт аз кор рӯзона хаста шавам, он чи ахбори олам маро озурда кунад, “даст ба домони Ҳофизи Шерозӣ мешавам”. Бар ин гуфтаҳову иқтибосҳо сухани шоири ватансаро Мирзо Турсунзода низ афзуда шудааст, ки мегӯяд: “...мардуми тоҷик дар байни ҳама китобҳо Девони Ҳофизро китоби муқаддас мешуморад” (Ғазалсарои бузурги Машриқ // “Садои шарқ”, 1971, №4.). Ҳақ бар ҷониби шоири шаҳир аст, ки имрӯз дар ҳар хонаводаи тоҷик ашъори Ҳофизро пайдо кардан мумкин аст, ки касе бар кунҷи гаҳвора мемонад, хонаводае дар тоқи баланд мегузорад, ки чашми бад ба хона надарояд, нафаре аз ғазалҳои Ҳофиз барои худ фол мекушояд-ин аст бузургии каломи Ҳофизу қадрдонии ашъори Ҳофиз аз гузашта то ба имрӯз, ки побарҷост.

Вобаста ба ин, мо низ дар нигоштаи худ, абёти яке аз бузургтарин шоирони ғазалсарои адабиёти классикии **форсу тоҷик** Ҳофизи Шерозиро, ки дар таҳкиму густариши андешаҳои тарбиявию ахлоқӣ ва гуманистию зебоишиносӣ дар адабиёти форсӣ тоҷикӣ нақши нозудудание гузоштаанд, манзури омӯзгорон, махсусан, омӯзгорони ҷавон мекунем, то ки роҳнамое барои онҳо шавад.

Ҳофизи Шерозӣ аз зумраи он номварони адабиёт аст, ки девони ашъораш замони дар қайди ҳаёт будани ӯ ба оламиён ошно буд. Сухани Ҳофиз таскинбахшу наҷотдеҳ ва ҳидоятгару раҳнамост. Ғазалаш касро ба дунёи андешаву андарз раҳнамун карда, аз банъи ҷаҳолат ба роҳи рост мебарад. Бештари гуфтаҳояш руҷуъ ба ҷавонон аст, ки дар шеъри худ бо хитобаи “ҷоно”, “ҷавонони саодатманд”, “ало, ёрон” ва дигар гуна садо додааст, ки нишоне аз муҳаббати поки беолоиши як нафар пири доно, як шахси ширингуфтор аст.

Хитобаҳояш дар ҳар як байти ашъораш саршор аз некуӣ кардан, дӯстиро сутудан, дарахти муҳаббат коштан, ҷонро барои дӯст фидо кардан, дар раҳи дӯст чашминтизор буданро талқин мекунад. Насиҳат мекунад, ки ҷавонон ҳамеша бояд пандшунаву панддӯст бошанд, маслиҳати хайрхоҳона ҷавононро саодатманду пирӯзманд мегардонад, маҳз самари шунидани насиҳат аст, ки кас ба мақсад мерасаду меваи муродаш самар мекунад, агар дар ҳоле ки кас на пандро гӯш кунаду ба сухани дӯсте кор накунад, ӯ комгор нахоҳад шуд дар роҳи мақсуд:

**Насиҳат гӯш кун, ҷоно, ки аз ҷон дӯсттар доранд,**
**Ҷавонони саодатманд панди пири доноро.**

***

**Завқи ҷаҳон надорад бе дӯст зиндагонӣ,**
**Бе дӯст зиндагонӣ, завқи ҷаҳон надорад.**

** **

**Пирон сухан зи таҷриба гӯянду гӯямат,**
**Ҳон, эй писар, ки пир шавӣ, панд гӯш кун.**

Ҳофиз дар қатори он носеҳонест, ки ғами ҷаҳонро даргузар медонад, ба ҷаҳон дил

надодан, ғами дунёро нахурдан, дунёро ба чашми орзуҳо дидан ва шод зистанро талқин менамояд:

**Ҳофизо, чун ғаму шодии ҷаҳон даргузар аст,**
**Беҳтар он аст, ки ман хотири худ хуш дорам.**

Ҳофиз ситамгариву золимиро танқид менамояд ва дунёро макони ситам намебинад, ба ситамкорӣ арзиш надоштани дунёро иброз дошта, шодии дунёро танҳо дар некӣ кардан мебинад:

**Не давлати дунё ба ситам меарзад,**
**Не лаззати мастияш алам меарзад.**
**На ҳафтҳазорсола шодии ҷаҳон,**
**Ин меҳнати ҳафтрӯза ғам меарзад.**

Ёрмандӣ кардан ба якдигар, дӯстӣ кардану меҳр варзидан, ки дар замони шоир кам ба назар мерасид, аз зумраи дигар таъкидҳо ва гӯшзадҳои Ҳофизи бузург аст, ки ба инсон талқин мекунад:

**Ёрӣ андар кас намебинем, ёронро чӣ шуд?**
**Дӯстӣ кай охир омад, дӯстдоронро чӣ шуд?...**
**Шаҳри ёрон буду хоки меҳрубонон ин диёр,**
**Меҳрубонӣ кай сар омад, шаҳриёронро чӣ шуд?**

Ҳофиз қаноат карданро болотар аз ганҷи дунё медонад, ба инсон панд медиҳад, ки ҳамеша қонеу розӣ аз зиндагӣ бошанд:

**Ҳар он ки кунҷи қаноат ба ганҷи дунё дод,**
**Фурӯхт Юсуфи Мисрӣ ба камтарин самане.**

ва ё дар ҷои дигар дар бораи қаноат кардану қонеъ будан чунин мегӯяд:

**Ҳофиз ғубори фақру қаноат зи рух машӯй,**
**К-ин хок беҳтар аз амали кимиёгарӣ...**

Ҳофизи Шерозӣ даврони кӯдакии басо мушкилеро аз сар гузаронидааст ва ин мушкилиро дар ашъори худ тасвир кардааст. Гуландомӣ дар тазкираи худ қиссаи аҷиберо меорад, ки Ҳофизи хурдсол шогирди як нонвойчие аст ва вазифаи Ҳофиз дар ин нонвойхона аз он иборат аст, ки бояд зуволаҳои омодашударо то сари танӯр барад. Дар ин ҷо чун Ҳофиз хурд асту ба дарки маънӣ кам пай мебарад, бисёр калимаҳоро ба ҳам даровarda шеъргуна карда, месарояд. Чун ин гуфтаҳояшро ҷавонон мешунаванд, гоҳ-гоҳе дар маҳфили худ Ҳофизи хурдсолро бо худ мебаранд, то аз "эҷодиёт"-аш баҳраманд шаванду хушҳолӣ кунанд. Чун дар яке аз ин нишастҳои ҷавонон Ҳофиз он чи ба зеҳнаш меомад, мегуфту месуруд, ҷавонон аз ин гуфтаҳо механдиданду гуфтаҳои ӯро такрор мекарданд. Ҳофиз инро дида бисёр ғамгин мешавад, аз маҳфил гириста, ба канори роҳе, ки он ҷо қабристон буд, меравад ва худро ба болои қабре мепартояду аз шиддати гиря хобаш мебарад. Ба гуфтае аз шоҳидон ин қабри шоири форс-тоҷик ва дубайтисарои охирҳои асри X ва аввали XI Боботоҳири Урён будааст. Чун субҳ мешавад, аз сардии ҳаво бедор мешавад ва баъдтар бо гузашти солҳо Ҳофиз таъбири хоби худро дар ғазали машҳураш баён медорад. Ҷамъе аз муйсафедони нуронӣ дар даст қадаҳ доштанд ва охирин қадаҳро ба Ҳофиз дароз мекунанд. Албатта, ин ривоят як фоли нек аст, ки ояндаи роҳи эҷодии Ҳофизро равшанӣ мебахшад ва қазияи он хобро дар ғазали зер баён медорад:

**Дӯш вақти саҳар аз ғусса наҷотам доданд,**
**В-андар он зулмати шаб оби ҳаётам доданд.**
**Бехуд аз шаъшаъаи партави зотам карданд,**
**Бода аз ҷоми таҷаллӣ ба сифотам доданд...**

Шеъри Ҳофиз ҳасби ҳоли аҳли замонаш аст, ки аз фитнагариву ғорати муғул қалбҳои бедору огоҳро ба дарду ғам нишонда буд:

**Сина моломоли дард аст, эй дареғо, марҳаме!**
**Дил зи танҳоӣ ба ҷон омад, Худоро, ҳамдаме!**
**Чашми осоиш кӣ дорад аз сипеҳри тезрав?**
**Соқиё, ҷоме ба ман деҳ, то биосоям даме!**

ва ё дар ғазали машҳури худ бо қалби башӯр омада мегӯяд:

**Ин чӣ шӯрест, ки дар даври қамар мебинам,**
**Ҳама офоқ пур аз фитнаву шар мебинам.**
**Ҳар касе рӯзи беҳӣ металабад аз айём,**
**Иллат он аст, ки ҳар рӯз батар мебинам.**

Хулоса, мухтавои ашъори Ҳофиз новобаста аз қадомати таърихӣ доштанашон дархури имрӯзи башарӣ буда, аз инсонпарварӣ, меҳру муруввату ҷавонмардӣ ва фош намудани иллатҳои иҷтимоӣ иборат буда, дарду ғами инсони зулмдидаи замонашро дар ғазалиёти худ тараннум кардааст ва шод зистану шодмон буданро талқин кардааст.

**Шаҳноза МАСТОНОВА,**
**омӯзгори информатика-физикаи**
**Коллеҷи тиббии шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд**

# ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТИЮ КОММУНИКАТСИОНӢ ВА ИСТИФОДАИ ОНҲО ДАР КОЛЛЕҶҲОИ ТИББӢ



Технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК) рӯз аз рӯз ба соҳаҳои гуногуни фаъолияти таълимӣ ворид мешаванд. Ин иттилоотикунонии ҷомеа зарурати аслӣ дар раванди омода намудани мутахассисони муосир мебошад. Дар аксар мавридҳо истифодаи воситаҳои иттилоотикунонӣ таъсири мусбат мерасонад. Ҷамъоварии доимии иттилоот дар бораи вазъи саломатии инсон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ аз сарчашмаҳои гуногун ба манфиати кор аст.

Воситаҳои таълими технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ асбобҳои гуногуни нармафзор ва сахтафзорро дар бар мегиранд, ки барои ҳалли масъалаҳои муайяне, ки мазмуни фаннии таҳсилоти миёнаи тиббӣ доранд, пешбинӣ шудааст.

Равандҳои иттилоотӣ дар ҳама соҳаҳои тиб ва тандурустӣ мавҷуданд. Системаҳои иттилоотии тиббии сатҳи базавӣ мавҷуданд, ки ҳадафи асосии онҳо таъминоти компютерии кори мутахассисон мебошад. Онҳо имкон медиҳанд, ки сифати корҳои профилактикӣ ва ташхисӣ, махсусан, дар шароити хидматрасонии оммавӣ бо норасоии вақт беҳтар карда шавад. ТИК барои ҷустуҷӯ ва гирифтани иттилооти тиббӣ бо дархости корбар пешбинӣ шудааст:

- **ҳангоми ҷустуҷӯи бемориҳои гуногун;**
- **автоматикунонии ҷойи кори духтур;**
- **расонидани ёрии иттилоотӣ дар қабули қарорҳои ташхисӣ ва тактикии тиббӣ.**

Дар низоми таълим донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ аз ТИК-и муосир истифода мебаранд, ки барои азхудкунии сатҳи муайяни дониш мусоидат мекунад. Айни замон яке аз самтҳои иттилоотонии соҳаи тиб компютеркунонии таҷҳизоти тиббӣ мебошад.

Дар амалияи тиббӣ дар якҷоягӣ бо асбобҳои ченкунӣ ва идоракунӣ истифода бурдани компютер имконият медиҳад, ки воситаҳои нави самарабахши ҷамъоварии маълумот дар бораи аҳволи бемор, коркарди он дар вақти реалӣ ва идоракунии ҳолати он

таъмин карда шаванд.

ТИК усулҳои гуногунро, аз қабили усулҳо ва алгоритмҳои ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, коркард, пешниҳод ва интиқоли иттилоотро тавсиф мекунад. Воситаҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, ки ҳангоми тайёр кардани мутахассисон истифода мешаванд, дар асоси компютери фардӣ, ки бо маҷмуи дастгоҳҳои периферӣ муҷаҳҳаз шудаанд, асос ёфтааст. Имкониятҳои компютери нармафзоре, ки дар он насб шудааст, муайян мекунад, ки барои таълими донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ бомуваффақият истифода мешавад. Категорияҳои асосии нармафзорҳо барномаҳои системавӣ, амалӣ ва асбобҳо мебошанд. Барномаҳои системавӣ, системаҳои оператсионӣ мебошанд, ки муошырати корбарро бо компютер таъмин мекунад. Ба барномаҳои амалӣ чун таъминоти барномавӣ, ба монанди асбобҳои технологияҳои иттилоотӣ-технологияҳои кор бо матнҳо, графикҳо ва маълумоти ҷадвалӣ дохил мешавад. Барномаҳои асбобҳо (драйвер) барномаҳоеро дар бар мегиранд, ки барои таҳияи нармафзор пешбинӣ шудаанд.

Таҳлили истифодаи ТИК дар системаи таҳсилоти миёнаи касбӣ нишон медиҳад, ки компютерҳо, асосан, барои коркарди ҳуҷҷатҳои матнӣ, нигоҳдорӣ ва коркарди махзани маълумот ва омор истифода мешаванд. Баъзе компютерҳо дар якҷоягӣ бо дастгоҳҳои гуногуни ташхис ва табобат истифода мешаванд. Таъсиси системаи иттилоотии ташкилию техникӣ, ки барои сари вақт ва боэътимод муайян кардани ташхиси бемор ва интихоби стратегияи самараноки табобат қодир аст, вазифаи актуалии иттилоотикунонӣ мебошад.

Дар системаи таълим барномаҳои универсалии идорӣ ва воситаҳои технологияҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ: коркардкунандагони матн, ҷадвалҳои электронӣ, барномаҳои рӯнамоӣ, системаҳои идоракунии пойгоҳи додаҳо ва бастаҳои графикӣ васеъ истифода мешаванд.

Бо пайдоиши шабакаҳои компютерӣ, омӯзгорон ва донишҷӯён имкони нави гирифтани маълумотро аз ҳар гӯшаи ҷаҳон пайдо кардаанд. Дар шабакаҳои интернетӣ бисёр хидматҳо низ дастрасанд, ки ба одамон имкон медиҳад, иттилооти зарурӣ, аз ҷумла, почтаи электронӣ, гурӯҳҳои хабарӣ ва суҳбатро мубодила кунанд. Барномаҳои махсус барои муошират дар вақти воқеӣ таҳия шудаанд, имкон медиҳад, ки пас аз барқарор кардани пайвастшавӣ матнҳо, садоҳо ва тасвирҳо интиқол дода шаванд. Ин барномаҳо ба корбарони дурдаст имкон медиҳад, ки якҷоя бо барномае, ки дар компютери алоҳида кор мекунанд, амал намоянд. Тавассути интернет ва бо ёрии таҷҳизоти махсус ва нармафзор метавон конфронсҳои аудиоӣ, видеоӣ ва машваратҳои тиббӣ гузаронид. Бо ёрии воситаҳои шабакаи ТИК дастрасии васеъ ба иттилооти таълимӣ, методӣ ва илмӣ, ташкили ёрии машваратии оперативӣ, моделсозии фаъолияти тадқиқотӣ, гузаронидани дарсҳои виртуалӣ (ҳамоишҳо, маърӯзаҳо) дар вақти воқеӣ ташкил намудан имкон дорад.

Яке аз зуҳуроти буҳронии низоми тандурустӣ таъмини табибони беҳтарин дар марказҳои пешбари тиббӣ дар ноҳияҳои дурдаст мебошад. Ҳалли ин мушкилот бо усулҳои анъанавӣ душвор аст, аммо он дар чорроҳаи технологияҳои тиббӣ, иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ имконпазир мегардад. Синтези он ба ташаккул ва инкишофи телемедитсина такон дод, ки ба он комплексҳои сайёри диагностикӣ ва марказҳои телемедитсина, ки дар базаи муассисаҳои мавҷудаи тиббӣ ташкил карда шудаанд, дохил мешаванд. Вазифаи муҳимтарини иҷтимоие, ки системаи тандурустӣ бо ёрии системаҳои телетиббӣ ҳал карда метавонад, ин дастрасии тез ба маълумоти навтарини тиббӣ, инкишоф додани ҳамкории байналхалқӣ ва паҳн кардани комёбиҳои тиббии Тоҷикистон мебошад.

Хулоса, истифодаи технологияи иттилоотии коммуникатсионӣ дар раванди таълимоти тиббӣ яке аз талаботи замон буда, шогирдонро дар сатҳи байналмилалӣ омода месозад ва иттилооти муосиру навинро дар ҳама ҳолат ва шароит пешкаши кормандони тиббии кишвар месозад.

**Ӯғулой ҚОСИДОВА,**
**устоди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**

# “РАҲБАРИ ДОНИШ” - РАҲНАМОИ ИЛМУ МАЪРИФАТ



Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маориф ҳамчун соҳаи калидию афзалиятнок мавриди таваҷҷуҳу дастгирии ҳамешагии Ҳукумати ҷумҳурӣ ва Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, тайи солҳои соҳибистиқлолӣ бо татбиқи ислоҳоту дигаргуниҳои куллӣ ба дастовардҳои зиёде ноил гаштааст. Дар тамоми гӯшаву канори мамлакат раванди бунёдкорию созандагӣ афзуда, ҳамарӯза муассисаҳои таълимии муҷаҳҳаз ва ҷавобгӯ ба талаботу меъёрҳои имрӯзаи ҷаҳони муосир ба истифода дода мешаванд. Ҳамчунин, иштироки фаъолонаи дастпарварони мактабҳои ҷумҳурӣ дар сабқату олимпиадаҳои фаннӣ, ҳунарӣ, варзишӣ дар кишвар ва хориҷ аз он бозгӯи он аст, ки сифати таълиму тадрис низ дар дабистону донишкадаҳои диёрамон дар сатҳи баланд қарор дорад ва ин пирӯзиҳо мардуми шарафманди ҷумҳуриро баояндаи боз ҳам дурахшону бобарор раҳнамун месозад. Лозим ба зикр аст, ки воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла, нашрияҳои соҳавӣ дар инъикоси навгониҳо, пешрафту комёбиҳои соҳаҳои гуногун, аз ҷумла, соҳаи маориф ва барои аҳли ҷомеа пешкаш кардани иттилооти муҳимму саривақтӣ нақши арзанда доранд. Махсусан, маҷалла, рӯзнома, ҳафтанома, моҳномаву гоҳномаҳои маориф чун минбари омӯзгорону устодон ва кормандон бедареғ хидмат намуда, баҳри таблиғу ташвиқи дастоварду музаффариятҳои ин соҳаи афзалиятнок корҳои зиёдеро ба сомон мерасонанд.

Яке аз чунин нашрияҳои маърифативу иттилоотӣ рӯзномаи “Раҳбари дониш”-и шуъбаи маорифи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров мебошад, ки аз оғози фаъолияти он 15 сол пур шуд. Дар робита ба ин, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, шуъбаи маорифи ноҳия дар ҳамҷоягӣ бо Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, бо иштироки доираи васеи аҳли зиё ва маорифи ноҳия конфронси муштарак таҳти унвони “Нақши матбуоти ватанӣ дар ҳифзу гиромидошт ва рушди забони тоҷикӣ”, ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи омӯзгор ва 15-солагии таъсиси рӯзномаи “Раҳбари дониш” баргузор намуд. Конфронси мазкур дар Литсеи №1-и ноҳия доир гардида, дар он муовини раиси ноҳияи Бобоҷон Ғафуров Дилором Турсунзода, сардори раёсати маорифи вилояти Суғд Мадина Набизода, сармуҳаррири маҷаллаи “Маърифати омӯзгор”-и Вазорати маориф ва илм Дилафрӯз Қурбонзода, муовини сармуҳаррири нашрияи “Омӯзгор”-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдурауф Муродӣ, муовини раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон дар вилояти Суғд Карим Шариф, дотсенти кафедраи журналистика ва назарияи тарҷума Дилбар Самадова ва мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров Махсуда Абдуллозода иштирок ва суханронӣ намуданд.

Иштирокдорон ҳамагонро бо Рӯзи забони давлатӣ, Рӯзи омӯзгор табрик намуда, ба ҳайати эҷодӣ ва алоқамандони рӯзномаи “Раҳбари дониш”, ки тайи 15 сол барои таҳкиму тавсеаи

маорифи як гӯшаи диёр ва дар ин замина, барои рушди матбуоти ватанӣ, дар як соҳаи муҳимму афзалиятноки ҷомеа нақши муқтадир мегузоранд, барору комёбиҳо таманно намуданд.

Дар конфронс таъкид гардид, ки бо шарофати соҳибистиқлолии кишвар, сиёсати маорифпарваронаву маънавибунёди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба арзишҳои милливу маънавӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир шуда, он ба мақоми олӣ нишондаву гиромӣ дошта шуд. Таҷлили Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи чунин арзишҳои милливу маънавӣ мебошад. Дар ҳақиқат, забон унсури асосию муҳимми ҳастии миллат ва бунёди давлати миллӣ шинохта мешавад. Аз ин лиҳоз, он ба мисли вожаҳои Ватан, Модар, Истиқлол, Ваҳдати миллӣ аз ҷумлаи муқаддасоти миллӣ маҳсуб меёбад.

Камоли ифтихормандист, ки нақши омӯзгор дар рушду такомули забони модарӣ назаррас аст. Бинобар ин, дар ҳама давру замон рисолати бузурги таълиму тарбияи насли наврас, ҳамчунин, масъулияти пешоҳангӣ, роҳнамоӣ ва ҳидоятгарӣ бар дӯши омӯзгорону устодони соҳибтаҷриба вогузор гардидааст. Хушбахтона, кӯшишу заҳматҳои бобаракати устодону омӯзгорон ва кормандони соҳаи маорифи ноҳия аст, ки дар солҳои охир онҳо дар озмунҳои касбии ҷумҳуриявии “Мураббии соли Тоҷикистон”, “Омӯзгори соли Тоҷикистон” соҳиби ҷойҳои ифтихорӣ ва шоиста мегарданд.

Инчунин, барои ҳифзу гиромидошт ва рушди забони давлатӣ, таҳкиму тавсеаи маорифи миллӣ ва инъикоси ҳамаҷонибаи фаъолияти омӯзгорон нақши матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма назаррас мебошад. Ин аст, ки рӯзномаи соҳавии “Раҳбари дониш” 15 сол инҷониб минбари аҳли маорифи ноҳия буда, баҳри ғановати маънавиёти толибилмон, омӯзгорону мураббиён рисолату вазифаи худро сарбаландона иҷро мекунад. Таъсиси рӯзномаи мазкур дар назди шуъбаи маорифи ноҳия таҷрибаи нахустин буда, ба пайдоиши нашрияҳои назди шуъбаи маорифи шаҳру навоҳии вилоят замина гузошт. Тарғиби сиёсати маорифпарваронаи Пешвои муаззами кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инъикоси ҳамаҷонибаи дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ, иҷрои барномаҳои давлатии соҳавӣ, дастуру супоришҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, раёсати маорифи вилояти Суғд ва мақомоти маҳаллӣ дар меҳвари таваҷҷуҳи аҳли эҷоди нашрия қарор доранд. Бо итминон метавон гуфт, ки рӯзномаи **“Раҳбари дониш”** аз маҷаллаи таърихии **“Раҳбари дониш”**, ки барои рушди маънавиёти миллати тоҷик хидмати беназир анҷом додааст, илҳом гирифта, ҳамчун раҳнаварди ҷодаи маърифату ахлоқ роҳ мепаймояд.

Дар идомаи ҳамоиш чанд нафар пешсафони соҳа бо унвони фахрии соҳавии Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон, Ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, раёсати маорифи вилояти Суғд, раиси ноҳияи Бобоҷон Ғафуров сарфароз гардонида шуданд. Дар ин рӯз кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров барои ҳамкории судманд, тарбияи мутахассисони варзида дар соҳаи журналистика, саҳми арзанда дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва фаъолияти эҷодкорона бо Сипосномаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ва рӯзномаи “Раҳбари дониш” бо Сипосномаи маҷаллаи “Маърифати омӯзгор” ва нашрияи “Омӯзгор”-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ гардиданд. Барномаи омоданамудаи ҳунармандони ноҳия қисмати фарҳангии конфронсро шукӯҳи тоза бахшид.

Сипас, қисмати илмии конфронс идома ёфт, ки дар он мудири кафедраи журналистика ва назарияи тарҷума Замира Сатторова дар мавзуи “Забон ва услуби ВАО дар замони соҳибистиқлолӣ”, Муҳиба Зикриёева дар мавзуи “Медиалингвистика парадигмаи нави омӯзишӣ дар забони ВАО”, Каримбой Комилов дар мавзуи “Махсусиятҳои фаъолияти матбуоти маҳаллӣ дар шароити рушди технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ”, Ӯғулой Қосидова дар мавзуи “Вижагиҳои жанрӣ ва меъёрҳои истифодаи он дар саҳифаҳои рӯзномаи “Раҳбари дониш”, Маликахон Саидхоҷаева дар мавзуи “Раҳбари дониш”-нахустин маҷаллаи маорифӣ ва адабӣ” ва унвонҷӯ Мафтуна Исмоилова дар мавзуи “Риояи меъёрҳои забон дар маводи ВАО” гузориши илмӣ намуданд.

**Маликшо ҒАЙРАТОВ,**
**устоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**



# ПАЖУҲАНДАИ АСРОРИ ОБҲОИ МУСАФФО ВА КӮҲҲОИ ПУРГАНҶИ ТОҶИКИСТОН



Дар деҳаи Дарғ, ки сарҳади байни ноҳияҳои Айнӣ, Мастчоҳ ва водии Яғноб ҷойгир аст, мисли дигар минтақаҳои Тоҷикистон ҳам дар гузашта ва ҳам имрӯз ҳазорон ашхоси машҳур ба камол расида, дар рушду нумуи кишвар саҳми босазо гузоштаанд. Яке аз чунин афроди саҳмгузор дар рушду нумуи соҳаи обу обёрӣ ва кӯҳкорӣ Гул Шарифов мебошад. Мавсуф 21 марти соли 1964 дар оилаи Аълочии маорифи Тоҷикистон Абдуваҳҳоб Шарифов ба дунё омадааст. Замони кӯдакии ӯ дар ноҳияи Ғончӣ (ҳоло Деваштич) гузаштааст. Соли 1971 бо тақозои зиндагӣ оилаи онҳо боз ба деҳаи Дарғ кӯчида меояд ва Гул Шарифов солҳои 1971-1981 дар мактаби миёнаи №5 ба номи Мирзо Абдулқодири Бедили деҳа таҳсил намуда, онро бо баҳои аъло хатм мекунад.

Баъди хатми мактаби миёна Гул Шарифов 1981 ҳуҷҷатҳояшро ба факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон супорида, соли 1986 онро бо ихтисоси инженер-геолог хатм кардааст.

Номбурда соли 1984 ҳангоми таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ дар кони лаъли деҳаи Кӯҳи Лаъли ноҳияи Ишкошими Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо роҳнамоии аввалин геологдухтари тоҷик Савригул Шакармамадова ҳамчун техник-геолог бо тарзи шароити геологии пайдоиши сангҳои қиматбаҳо, ба мисли лаъл (шпинел), клиногумит, рубин ва усули иктишоф, коркард ва ба истифода додани онҳо шинос гардида, қадамҳои нахустини худро дар ин ҷода мегузорад.

Мавсуф соли 1986 рисолаи дипломии худро дар мавзуи «Шароити муҳандисӣ-геологии майдони обанбори Кофарниҳони поён» бо роҳбарии доктори илмҳои геология ва минералогия, профессор Абдураҳим Ҳасанов ҳимоя менамояд.

Баъд аз хатми донишгоҳ Гул Шарифов аз соли 1986 то соли 1987 дар экспедитсияи ҷанубии гидрогеологии Саридораи «Геологияи тоҷик» ба сифати техник-гидрогеологи калон кор кардааст. Дар ин давра ӯ бо ҳамроҳии Н. Малюта, Аҳрор Бедонаев, Акмал Аҳмедов дар даста (партия)-и гидроминералии экспедитсияи болозикр, ки пойгоҳи саҳроиаш дар деҳаи Кӯли Сӯфиёни ноҳияи Данғара қарор дошт, фаъолият намуда, ба омӯзиши воридоти оби чашмаҳо ба обанбори Норак, сифати обҳои воридшаванда ва ҳолати дигаргуншавии соҳилҳои баҳри Норак машғул мешавад.

Аз соли 1987 то соли 1990 дар Пажуҳишгоҳи давлатии кофтукови муҳандисӣ-техникии Тоҷикистон ҳамчун инженер-геолог ва соли 1990 ба сифати ходими илмии Маркази илмӣ-истеҳсолии «Недра»-и ДМТ ва геологии Иттиҳодияи истеҳсолии «Помирkварцсамосветы» (Тоҷикгавҳар)

фаъолият кардааст.

Дар ин давра, дар таҳияи даҳҳо лоиҳаҳои кофтуковии муҳандисӣ, аз ҷумла, кофтукови муҳандисӣ-геологӣ ва гидрогеологӣ ширкат варзидааст.

Соли 1989 Гул Шарифов аввалин маротиба дар соҳаи геология ҳисоботи техникиро бо забони тоҷикӣ навишт.

Номбурда зимни фаъолият дар Иттиҳодияи истеҳсолии «Помиркварцсамосветы» (Тоҷикгавҳар) ба омӯзиши шароити геологии пайдоиши санги қиматбаҳои оникс, ки кони он дар деҳаи Селбури ноҳияи Шаҳринав ҷойгир аст, машғул мешавад. Мавсуф аз соли 1990 то соли 2014 дар Иттиҳодияи лоиҳакашию сохтмонии «Тоҷикселхозводопроводстрой» дар вазифаҳои сардори дастаи геологии шуъбаи кофтукови муҳандисӣ-техникии Пажуҳишгоҳи давлатии лоиҳакашии «Тоҷикгипроселхозводоснабжение», сардори дастаи геологӣ, сардори экспедитсияи кофтуковӣ, сардори раёсати кофтуковӣ ва чоҳбурӣ барои об, муовини сардори сарраёсат, сармуҳандис, муовини аввали сардори сарраёсати «Тоҷикобдеҳот» («Тоҷикселхозводопроводстрой») фаъолият намудааст.

Олими пуркор барои анҷом додани корҳои кофтуков ва таҳқиқоти муҳандисӣ-геологӣ дар иншоотҳои таъминоти оби ошомиданӣ ба аҳолии деҳаҳои Сурхкат ва Қалъачаи Гули Зарди ноҳияи Истаравшан, хоҷагии Тоҷикистони ноҳияи Нов (ҳоло ба номи Спитамен), шаҳраки Шӯроби ноҳияи Исфара, Маҷмааи агросаноатии Гулистони ноҳияи Исфара ва дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ лоиҳа таҳия намуда, иҷрои корҳоро роҳбарӣ намудааст.

Қаҳрамони мо ҳангоми таҳияи лоиҳа ва пармакунии чоҳ ба мақсади обтаъминкунӣ, ҳамеша хулосаи мақоми ваколатдор-Саридораи геологияро ба инобат гирифта, дар мавридҳои зарурӣ бо гидрогеологҳои шинохтаи кишвар Акмал Аҳмедов ва Александр Аҳмедов маслиҳату машварат мерост. Тавсияҳои онҳоро ҳамеша ба инобат мегирифт. Ӯ мутмаин аст, ки на ҳама вақт назария татбиқшаванда аст ва баъзан барои ба мақсад расидан назарияро бо таҷрибаи амалӣ бояд мукаммал намуд. Давраи лоиҳакашӣ, сохтмон, баистифодадиҳӣ ва дар ин замина, қонунгузории соҳа силсилазанҷирае ҳастанд, ки на танҳо ба якдигар алоқаманданд, балки бояд такмилдиҳандаи ҳамдигар бошанд.

Гул Шарифов аз мактаби касбии аввалин сардори Иттиҳодияи оби нӯшокии деҳоти Тоҷикистон Ян Вассерблай касб омӯхта, аз мактаби касбии аввалин сармуҳандис, баъдан сардори Иттиҳодияи оби нӯшокии деҳоти Тоҷикистон Аҳмад Ҷӯраев хислати поктинатию якрӯягӣ, малакаи роҳбарию одамгарӣ, фурӯтанию таҳаммулпазирӣ, қаноатпешагию сабурӣ насибаш гашта, ҳамчун шахсият камол ёфтааст. Дар давоми зиёда аз 40 сол бо тақозои касбу вазифа аз мактаби касбию эҷодии чандин муовинони Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зиёда аз даҳ вазирони соҳаи мелиоратсияю хоҷагии об ва захираҳои оби кишвар баҳрабардорӣ намудааст. Ӯ низ мисли дигар бузургони адаб, чизҳои омӯхтаашро ба шогирдони худ меомӯзонад. Тавре ниёгони мо гуфтаанд:

**Муаллим чашмасори илму ирфон аст,**
**Муаллим офтоби ақли инсон аст.**
**Муаллим гоҳ месозад, муаллим гоҳ месӯзад,**
**Муаллим чилчароғи равшани базми адибон аст.**

Мавсуф аз соли 2014 дар вазифаи муовини сардори раёсати захираҳои оби Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамзамон, ба сифати дотсенти кафедраи гидрогеология ва геологияи муҳандисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият дошта, дар таълиму тарбияи ҷавонони худогоҳу босавод саҳми беандоза дорад. Имрӯз як зумра мутахассисон ва олимони ҷавонро тарбия намудааст, ки онҳо ба корҳои тадқиқотӣ- илмӣ ва дигар масъалаҳои соҳа машғул мебошанд.

Дар ин давра ӯ бо ҳамкории коршиносони соҳа, кормандони вазорат ва шарикони рушд дар таҳияю баррасии Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ассотсиатсияи истифодабарандагони об», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ» ва даҳҳо зерсанадҳои марбут

ба ин ҳуҷҷатҳо иштирок намудааст.

Дар баробари мутахассиси хуб будан, ҳамзамон, Гул Шарифов аз зумраи қаламкашони эҷодкорест, ки тайи зиёда аз 40 сол бо матбуоти ҷумҳурӣ алоқаи қавии ҳамкорӣ дошта, дар рӯзномаву маҷаллаҳои ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва нашрияҳои соҳавӣ даҳҳо интишоротро ба анҷом расонидаву тавассути садою симои ватанӣ мунтазам баромад менамояд. Боиси таҳсин аст, ки нашрияи сарраёсати «Тоҷикобдеҳот» бо номи «Чашмаи ҳаёт» соли 2002 бо пешниҳоди ӯ таъсис ёфтааст.

Бояд гуфт, ки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об ба ҳалли масъалаҳои мубрами иҷтимоиву иқтисодии минтақа ва ҷаҳон нигаронида шудааст. Дар ин самт, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз минбарҳои бонуфузи созмонҳои байналмилалӣ пешниҳодҳои мушаххас, созанда ва дурнамосоз ироа намуда, ҳоло аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун ташаббускори ин соҳаи ҳаётан муҳим пазируфта шудааст. Боиси сарфарозист, ки дар натиҷаи талошҳои зиёд аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тӯли даврони соҳибистиқлолӣ масъалаҳои вобаста ба об дар рӯзномаи ҷаҳонии рушд мақоми хосса пайдо намуда, мавриди баррасии дақиқ қарор дода шуд, ки аксари ташаббусҳои байналмилалӣ оид ба ҳалли масоили об пешниҳодгардида аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирӣ ёфтаанд.

Ин аст, ки Гул Шарифов низ тӯли фаъолияти чандинсолаи худ ба масъалаи об бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда, мақолаҳои илмиву оммавӣ дар дохил ва берун аз кишвар интишор кардааст. Номбурда барои силсиламақолаҳояш оид ба мушкилоти об, тағйирёбии иқлим, мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, таъминоти оби ошомиданӣ, ҳамкории байнидавлатӣ ва минтақавӣ дар истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои обӣ, таъмини суботи экологӣ соли 2007 бо нишони Аълочии матбуоти Тоҷикистон ва соли 2013 барандаи Ҷоизаи Иттифоқи журналистони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Лоҳутӣ дар бахши обу экология гардидааст. Ҳамчунин, соли 2013 бо нишони Аълочии ифтихории маорифи Тоҷикистон мукофотонида шудааст. Ҳамзамон, ӯ соҳиби рутбаи тахассусии мушовири хизмати давлатии дараҷаи I буда, узви Комиссияи миллӣ оид ба ирригатсия ва дренаж, узви Конфедератсияи байналмилалии журналистон мебошад.

Дар баробари ин, мавсуф муаллифи 17 китоб ва зиёда аз 120 мақолаи илмӣ, илмӣ-техникӣ ва оммавӣ-фарҳангӣ, аз ҷумла, китобҳои «Фарҳанги тафсирии русӣ ба тоҷикии оби ошомиданӣ ва обтаъминкунӣ» (Душанбе: Недра, 2011), «Луғати англисӣ-русӣ-тоҷикии геоэкологӣ» (Душанбе: Ирфон, 2013), "Усулҳои тадқиқоти гидрогеологӣ ва муҳандисӣ-геологӣ" (Душанбе: Маориф, 2014), "Асосҳои гидрогеология ва геологияи муҳандисӣ" (Душанбе: Маориф, 2019), "Инженерно-геологическая типизация георисков территории города Душанбе и его агломерации" (Бишкек: ИД «Калем», 2019), "Толковый словарь по водному хозяйству. Русско-таджикский. Фарҳанги тафсирӣ доир ба хоҷагии об Русӣ-тоҷикӣ" (Душанбе: Хирадмандон, 2020), "Фарҳанги тафсирии хоҷагии об" (Душанбе: ДМТ, 2022) ва ғайра мебошад. Бояд гуфт, ки фарҳангҳои тафсирии русӣ ба тоҷикии таҳиянамудаи ӯ аввалин фарҳангҳои соҳавӣ дар соҳаи оби кишвар ба забони тоҷикӣ буда, барои истифода дар ҳама намуди ҳуҷҷатгузории соҳаи об, дар нашри адабиёти илмӣ-техникӣ, таълимӣ ва ахборӣ тавсия шудаанд.

Айни замон бошад, устоди гиромӣ ва ҳамкасби азизи мо Гул Шарифов дар камолоти эҷодию пажуҳишӣ буда, бо ҷӯшу хурӯш ба таҳқиқи масоили дигари печидаи об ва масъалаҳои марбути обёриву кӯҳкорӣ машғул аст. Умед дорем, ки дар ояндаи наздик дастаи нави осори таҳқиқии мавсуф ба дасти донишҷӯёну муҳаққиқон ва мутахассисони соҳа мерасад.

Гул Шарифов соҳиби панҷ фарзанд буда, ҳамаи онҳоро дар роҳи илму дониш тарбия кардааст, ки ҳар яки онҳо имрӯз дар ҷомеа, дар соҳаҳои гуногуни хоҷагидорӣ фаъолият карда, саҳми арзандаи худро барои пешрафти ҷомеа гузошта истодаанд.

**Таҳияи Саъдӣ ҚОСИМӢ,**
**фолклоршинос**



# МЕҲРГОН – ҶАШНИ МЕҲРУБОНӢ ВА ФАРРУХ




**Нигоҳе ба вожаи "Меҳргон"**

Ҷашни ниёии «Меҳргон» яке аз ҷашнҳои муҳимми ориёӣ буда, дорои суннатҳои неки инсонӣ, одобу русуми ирфонӣ ва вежагиҳои табиӣ мебошад. Дар ин нигошта заминаҳои таърихии пайдоиш, анъанаҳо, сарчашмаҳои таърихӣ ва одобу русуми ин ҷашни миллии мо гирдоварӣ шудааст, ки ҳамчун маводи иловагӣ барои омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, фарҳангшиносӣ ва таъриху адабиёт манзур карда мешавад.

Вожаи «Меҳргон» аз ду ҷузъ иборат буда, дар луғатномаҳо чунин шарҳ ёфтааст: «Меҳр» муҳаббат, самимият, дӯстӣ ва «гон» далел бар нисбат, яъне, ба чизе мансуб будан аст. Ориёиён дар замони бостон рӯзеро, ки дар охири рӯзу моҳаш пасванди «гон» мегирифт, бо шукӯҳи хос ҷашн мегирифтанд, аз ҷумла, Меҳргон, Тиргон ва ғайра.

Решаи калимаи «Меҳргон» («Меҳрангон», «Миҳрагон», «Миҳрангон», бо забони арабӣ «Меҳрҷон») аз «Меҳр» буда, дар забони санскрит «митра», дар «Авасто» ва порсии бостон «митхра», дар паҳлавӣ «митр» ё «миҳр» аст ва ба маънои пайвандгари рӯшноӣ ва нури азалӣ омадааст. Дар форсии нав исми он ба «меҳр» ё «миҳр» табдил ёфта, номи моҳи ҳафтуми тақвими шамсӣ мебошад, ки ниёгони мо ба шарафи он-Меҳр, яъне, Офтоби оламафрӯз маросими зиёде меоростанд.

**Сайри таърихии Меҳргон**

Ҷашни «Меҳргон» яке аз бузургтарин ҷашни ҳамагониест, ки дар фасли тирамоҳ ё пойиз аз ниёгони покнажоди мо ба мерос мондаву то ба имрӯз дар байни мардуми тоҷик бо

шаҳомате хосса таҷлил карда мешавад.

Меҳргон ба монанди аксари оин ва ҷашнҳои бостонии ниёгони мо чун Наврӯз, Сада ва Тиргон ба зиндагии мардум, тақвими кишоварзӣ, мушоҳидаҳои одамон бар табиат, тасаввуроти инсон нисбат ба ҳаракати офтобу моҳу замин, баракати зиндагӣ, ҷамъоварии самараи кори кишоварзон ва монанди ин пайвандӣ дорад.

Ин ҷашн ба рӯзи Меҳр, ки дар рӯзи 16-уми моҳи 7-ум тақвими шамсӣ аст, дар тақвими имрӯза ба рӯзи 2-юми октябр рост меояд. Баъзе муҳаққиқон онро баробар ба 7 ва 8 октябр ва бархе ба 10 то 12 октябр медонанд.

Хулоса, дар баъзе мавридҳо мардум фасли тирамоҳро фасли Меҳргон низ мегӯянд ва аз нимаи дуюми моҳи сентябр то нимаи дуюми моҳи октябр онро дар ҳар минтақа таҷлил мекарданд. Имрӯзҳо дар Тоҷикистони соҳибистиқлол мебинем, ки дар ин давра ба истиқболи ҷашни Меҳргон «Иди харбуза», «Иди асал», «Иди каду» ва ғайраҳо баргузор шуда истодааст.

Меҳргон таърихи басо бостонӣ дорад. Роҷеъ ба Меҳргон дар осори таърихӣ ва адабӣ ишораҳои зиёде мавҷуд аст. Мувофиқи нақли Ҳаким Фирдавсӣ дар «Шоҳнома», ҷашни «Меҳргон» ба шарафи мағлуб ва банд шудани Заҳҳоки мордӯш дар кӯҳи Дамованд ва ба тахти шоҳаншоҳӣ нишастани Фаридун ороста гардидааст (ҳарчанд ки аз таҷлили он дар замони Ҳушанги Пешдодӣ ва аз он қадимтар низ ном бурда мешавад):

**Фаридун чу шуд бар ҷаҳон комгор,**
**Надонист ҷуз хештан шаҳриёр.**
**Ба расми Каён тоҷу тахти меҳӣ,**
**Биёрост бо кохи шоҳаншоҳӣ.**
**Ба рӯзи хуҷаста сари Меҳрмоҳ,**
**Ба сар барниҳод он каёнӣ кулоҳ.**
**Замона беандуҳ гашт аз бадӣ,**
**Гирифтанд ҳар як раҳи эздӣ,**
**Дил аз доварихо бипардохтанд,**
**Ба оин яке ҷашни нав сохтанд... .**
**Кунун ёдгор аст аз ӯ моҳи Меҳр,**
**Бикӯшу ба ранҷ эҷ манмой чеҳр.**
**Варо буд ҷаҳон солиён понсад,**
**Наяфканд як рӯз бунёди бад.**

Ҳамзамон, маълумоти дигар низ ҳаст, ки «Меҳргон» ба номи Коваи оҳангар ё Коваи Додхоҳ низ алоқаманд аст. Аз он хотир, ин оин азиз аст, ки дар он рӯз Кова пешдомани кориашро аз пӯсти шер (ба маълумоти дигар аз пӯсти хирс) ба сифати дирафш, ҳамчун мубориза алайҳи хунхориҳои Заҳҳок бардошт ва халқи заҳматкашро ба дафъи қувваҳои бехиради аҳримонӣ даъват кард.

Азбаски хурӯҷи Кова ба ҷашни Меҳргон рост омадааст, ҷанбаи халқӣ ва беш аз ҳама, бо аҳли заҳматкаш марбут будани ин маросими тоисломӣ боз ҳам равшантар мешавад. Чуноне ки аз гуфтаҳои болоӣ маълум шуд ва ҳамзамон, дар баъзе китобҳову навиштаҷоти пешин низ омадааст, ҷашни Меҳргон ва баргузории он ба номи Фаридун ва он Коваи додхоҳ, ки бо ҳамдастии Фаридун бар Заҳҳоки зулматсиришт пирӯз шуд, мансуб аст.

Ба ҳар ҳол, Меҳргон дар замони қадим чунон аҳаммиятеро молик буда, ки баробари рӯйи кор омадани дини Зардушт на танҳо аз байн нарафт, балки ҷойгоҳи хосе низ пайдо намуд.

Ҷашни Меҳрангон иди маъракаи ҳосилғундорӣ буд ва низ арзи сипос ба Меҳр - Хуршед, ки хомҳоро пухта мегардонад ва танҳоро гармиву ҷон мебахшад.

Гузашта аз ин бояд гуфт, ки ниёгони мо ғайр аз ҷашнҳои Наврӯзу Сада ва Тиргон боз чаҳордаҳ ҷашни бузург дар дарозои сол баргузор мекарданд, ки аз ин ҷашнҳои чаҳордаҳгона маъмултаринаш Меҳргон аст.

Ногуфта намонад, ки гузаштагони мо дар замонҳои басо дур солро ба ду фасл ҷудо мекарданд: тобистон (210 рӯз) ва зимистон (155 рӯз). Наврӯз дар оғози тобистони бузург ҷой дошту баргузор мешуд ва Меҳргон сароғози зимистони бузург буд.

Баъдтар дар замони Сосониён фаслҳои сол ба чор тақсим шуданд ва Наврӯз ба фасли баҳору Меҳргон ба фасли тирамоҳ рост омаданд.

Баргузории ин ду ҷашн таърихи бостонӣ доранд ва ҳаммонандии бисёр. Бад он гуна, ки бисёре аз ангезаҳои баргузории Наврӯзу Меҳргонро ҳамсон гувоҳем. Меҳргон дар

шаш рӯз баргузор мешуд, ки худ нишоне аз арҷу арзиши ин ҷашни бузург ба шумор мерафт. Меҳргон аз «меҳррӯз», яъне, шонздаҳуми рӯзи Меҳрмоҳи бостонӣ оғоз мешавад ва дар «ромрӯз» - бисту якуми моҳ поён меёфт.

Муддати таҷлили Меҳргон дар сарчашмаҳо ба шаш рӯз ишора шудааст (1-рӯзи меҳр, 2-рӯзи дӯстӣ, 3-рӯзи рӯшанӣ, 4-рӯзи Хуршед, 5-рӯзи паймон ва 6-рӯзи ромишу шодию шодмонӣ), ки рӯзи нахусти ӯ «Меҳргони кучак» («Меҳргони омма») ва вопасин рӯзи ӯ «Меҳргони бузург» («Меҳргони хосса» ва ё «Меҳргони вижагон») ном доштанд.

Ҳамчунин, ақидаи дигаре низ мавҷуд аст, ки дар гузашта Меҳргонро сӣ рӯз таҷлил мекарданд. Панҷ рӯзи аввал-«Меҳргони омма» («Меҳргони кучак») ном дошт ва рӯзҳои баъдӣ ба панҷ бахш тақсим шуда, ҳар як бахш ба синфе ва ё табақаи иҷтимоие ихтисос доштаанд ва онро «Меҳргони хосса» меномиданд.

Дар асри 19 ва аввалҳои садаи 20 дар фасли тирамоҳ, ба хусус, дар моҳи октябр натиҷаи ҷамъоварии ҳосил дар байни тоҷикони Осиёи Миёна бо шодию нишот баргузор мегардид ва ҷашнҳои бошукӯҳе барпо мешуд.

Тавре ки пирамардони куҳансол нақл менамоянд, мардум дар гузашта, пас аз ҷамъоварии ҳосил дар меҳмонхонаҳо, сайргоҳҳо ва бозорҳо хурсандӣ мекарданд. Аз ҳосили ба дастовардаи худ ғизоҳо пухта ҳамдигарро зиёфат медоданд, ки ин оин имрӯзҳо низ ба ҷашм мерасад.

С. Айнӣ дар «Ёддоштҳо»-и худ таҳти унвони «Сайри Дарвешобод» ба таври муфассал яке аз чунин ҷашнҳоро тасвир намудааст, ки он дар фасли тирамоҳ баргузор мегашт ва ҷашни Меҳргонро ба ёд меовард. Устод Айнӣ бидуни ишорат ба номи Меҳргон ба таври муфассал раванди баргузории ин ҷашнро, ки худ дар он ширкат варзидааст, тасвир намуда, аз шодиҳо, бозиҳо, сурудхониҳо ва шӯхиҳои мардум бо самимият ёд карда, лаҳзаҳои онро ҳунармандона ба қалам овардааст.

Чунин сайру гаштҳо дар тирамоҳ, ки Меҳргонро ба ёд меовард, дар Бухоро, Самарқанд, Панҷакент, Истаравшан, Хуҷанд, Кӯлоб, Ҳисор, Бойсун ва минтақаҳои дигари тоҷикнишини Осиёи Марказӣ дар охири асри 19 ва аввалҳои садаи 20 баргузор мешуд ва ҳоло низ аз байн нарафтааст.

Дар замони собиқ Шуравӣ низ дар фасли тирамоҳ дар байни мардум ин ҷашн баргузор мегардид, вале сиёсатмадорони замон кӯшиш намуданд, ки онро ба фоидаи сиёсати худ истифода баранд. Аз ин рӯ, бо номи «Иди ҳосилот» ва ё «Иди ҳосил» дар фасли тирамоҳ дар деҳоту навоҳии Осиёи Миёна ҷашне бо шодию нишот барпо мешуд, ки онро бо карнаю сурнай ва рақсу бозӣ баргузор менамуданд.

**Ривояту устураҳо роҷеъ ба Меҳргон**

1. Меҳргон рӯзи густариши замин аст («Осор-ул-боқия»-и Абурайҳони Берунӣ).
2. Меҳргон рӯзи офариниши Офтоб аст («Осор-ул-боқия»-и Абурайҳони Берунӣ).
3. Меҳргон рӯзи падид омадани нахустин зану марди ҷаҳон аст («Бундаҳишн»).
4. Меҳргон рӯзи оғози зимистони бузург аст («Ҷашни Меҳргон»-и Бурҳон ибни Юсуф (соли 1986)).

**Вижагиҳои Меҳргон**

Ба шодию шодмонӣ ва сурур пайвастани баргузоркунандагони ҷашни мазкур яке аз хусусиятҳои асосии ҷашни «Меҳргон» аст, чунки аз боварҳое, ки аз ниёгони хеш ба мо расидааст, мебинем, ки ориёиҳо бо «шодӣ» ва «сур» арҷи бисёр мегузоштанд. Аз ин рӯст, ки пешиниёнамон ба ҳангоми баргузории оини Меҳргон (бомдодон, пеш аз баромадани Хуршед) оташ меафрӯхтанд, ба ниёиши оташ мепардохтанд ва ба шодию шодмонӣ саргарм мешуданд. Ба гуфтори Асадии Тӯсӣ:

**Баланд оташи меҳрагонӣ бихост.**
**Ки тафаш, ба чарх ахтаронро бихост.**

Бинобар манобеи оини меҳрпарастӣ дар даврони тозардуштӣ дар ҷашни Меҳргон қурбонӣ кардани говҳо аз маъмултарин ва муҳимтарин унсурҳои ҷашн ба шумор мераф-

тааст.

Яке аз одатҳои дигари шоҳони Ҳахоманишӣ дар давраи ҷашни Меҳргон ин додани «бор»-и ом буд. Дар маросими «бор» яъне, пазироии хоссу ом ва сафирону кабирон масъалаҳои пешниҳодшуда аз ҷониби шоҳ баррасӣ ва ҳаллу фасл мегашт. Дар ин маросим ҳадя ва пешкашҳо аз хоссу ом ба шоҳ супорида мешуд ва ҳамчунин, ба шахсони борёб ё борёр, яъне, аз ҷониби шоҳ пазируфташуда ҳадяҳо тақдим мегардид.

Шоҳ панҷ рӯзи аввали ин ҷашнро ба қабули омма ихтисос медод, ки додани бор ба онҳоро «бори ом» мегуфтанд. Баъдан дар рӯзи шашум, ба таври ҷудогона, бори хоси кормандони давлатӣ, ашрофон ва узви хонадони подшоҳӣ сурат мегирифтааст, ки онро додани «бори хос» мегуфтанд.

Ҳангоми баргузории ҷашни Наврӯзу Меҳргон ҳакимон пандҳо мегуфтанд, шоирон шеърҳои нав мехонданд ва сарояндагону навозандагон оҳангу сурудаҳои вижа зери номҳои «Наврӯзи кучак»-у «Наврӯзи бузург», «Меҳргони кучак»-у «Меҳргони бузург» ва «Меҳргонӣ»-ю «Навои меҳргонӣ» ва ғайра, менавохтанду тараннум мекарданд.

Дар ҷашни зебои Меҳргон ниёгони мо танҳо дил ба шунидани навои созу сурудани хунёгарону хонандагон намедоданд, балки ба пойкӯбию дастафшонӣ ва рақсу бозӣ низ мепардохтанд ва ба пешвози Меҳри ҷаҳонтоб (Офтоб) мешитофтанд.

Меҳргон беҳтарин замон барои бастани паймон аст, ба вижа, паймони заношӯӣ. Аз ин рӯ, шоир Масъуди Саъди Салмон чунин овардааст:

**Рӯзи Меҳру моҳи Меҳру ҷашни фаррух Меҳрагон,**
**Меҳр бифзой, эй нигори моҳчеҳри меҳрабон.**

Ҳамзамон, агар навзоде дар ин рӯз таваллуд мешуд, исми ӯро ба гунае интихоб мекарданд, ки вожаи «меҳр» дар он бошад, амсоли Меҳрдод, Меҳрёр, Меҳрубон, Меҳрӣ, Меҳрон, Меҳрафрӯз, Пурмеҳр ва ғайра.

Мардум дар ҷашни Меҳргон ба ҳамдигар ҳадяҳо мефиристоданд ва ҳамдигарро бо беҳтарин таманниёт табрик мекарданд. Чунин ёд шуда, ки шоҳаншоҳони Сосонӣ ҳангоми баргузории Меҳргон ба мардум ҷомаи нав мебахшиданд, то ки мардуми камбизоат низ дар ин ҷашни фархунда шарик бошанд ва оянда фасли зимистонро гарм гузаронанд. Дар он замонҳо, инчунин, бахри гиромидошти ҷашни Меҳргон номи яке аз либосҳои болопӯшро «меҳргонӣ» мегуфтанд. Ин «меҳргонӣ» дар он замон як навъ пӯстине буд, ки аз пӯсти ҳайвоне бо номи хаз (шабеҳи санҷоб) дӯхта мешудааст. Пӯсти ин ҳайвон хело гаронбаҳо буда, барои ҳар кас дастрас намешудааст. Барои таҳияи он бояд чандин хазро шикор мекарданд ва баъдан таҳия менамуданд. Маъмулан, пӯшидани «меҳргонӣ» аз фасли тирамоҳ оғоз шуда, то охири зимистон идома меёфтааст. Дар ин бобат Фирдавсии бузургвор чунин фармудааст:

**Ҳаво рост гардад, на гарму на сард,**
**Замин тозаву обҳо лоҷвард.**
**Чу бо меҳрубонӣ бипӯшем хаз,**
**Ба нахчир бояд шудан сӯи Ҷаз.**

Мардум ҳар он чи дар остонаи Наврӯз - Соли нав анҷом медоданд, дар пешвози Меҳргон низ ба анҷом мерасонданд. Пешвозгирандагони Меҳргон ба шустушӯи беруну дарун мепардохтанд. Ҳамон гуна ки тан, хонаву кошона поку покиза мекарданд, дил аз бадиҳо мешустанду шодмон ба доштани андеша, гуфтору кирдори нек чашмбароҳи даромадан ба ҷашнгоҳи Меҳргон буданд.

Барои хушбӯй кардани тан аз рӯғани вижае, ки аз гиёҳи «бон» ё «пон» мегирифтанд, ба бадани хеш мемолиданд ва бахра мебурданд. Пӯшоки поку покизаву нав бо рангҳои шоду шодибахш ва бештар арғувонӣ (лолагун) мепӯшиданд. Ба хешу табор гулоб мепошиданд ва аз хон ё суфраи Меҳргон ба шодӣ мехӯрданд ва ҳамагонро арзонӣ медоштанд. Хон ва ё суфраи Меҳргонро бо порчаи сафеди поку покиза мепӯшонанд ва рӯйи он порчаи гирди сурху дурахшонӣ паҳн мекунанду гирдогирдашро дувоздаҳ шамъи фурӯзон мегузоранд.

## СУННАТҲОИ НИЁГОН

Се гулдони сарв, се даста гиёҳи сурх, шаш кӯза ё гулдони гулҳои зард ва ду парчам дар ду сӯйи хони Меҳргон ҷойгузин мекарданд.

Оина, тухми мурғи хому пухтаву рангин, ҷоми пуроб, ки моҳии сурх ё рангине дар он аст, дар суфра мебинем ва ҳафт гуна ширинии сапеду рангоранг ниҳода бар суфра ба ширинкомии бошандагон меафзояд.

Хӯроки вижаи Меҳргонро аз гӯшту сабзӣ ва донаҳои гуногун фароҳам меоваранд. Дар ин рӯз зардуштиён либоси нав ба бар мекарданд, мурғро тоза ва даруни онро аз маводди ғизоӣ пур мекарданд ва онро пӯхта, рӯйи дастархон мегузоштанд.

Дар рӯзи ҷашни Меҳргон мубадон ва донишмандон дар ҳафт хон меваҳои махсуси меҳргонӣ: 1-найшакар, 2-турунҷ (лимуи сабз), 3-себ, 4-биҳӣ, 5-анор, 6-ангури сафед ва 7-кунор (дӯлона) ба назди шоҳ меоварданд ва хӯрдану чашидани онҳо хусусияти хуб дошт.

Пеш аз баромадани офтоб, ҳамон замон, ки Меҳргон оғоз мешавад, овози занги оташкада, оғози ҷашни бофарру шукӯҳи Меҳргонро ба гӯши ҷону дил ва сари ҳамагон мерасонад. Ҷашни мазкур бо ширинкомию хушнӯшидан оғоз мешавад ва бо меҳрабонию додану гирифтан фарҷом меёбад:

**Ҳумоюни фархунда бодат нишастан,**
**Бад-ин ҷашни фархундаи Михрагонӣ.**

### Меҳргон дар замони Истиқлоли давлатӣ

Ин ҷашн барои мо-тоҷикон аз замонҳои бостон мерос мондааст ва пас аз Истиқлоли давлатӣ бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дубора бо рангу бӯю таровати дигар эҳё шуд.

Ҷашни Меҳргонро Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон куҳантарин ҷашни миллии мо медонанд ва ба арзишҳои он эҳтироми хос мегузоранд. Дар ҳамин асос ҷашни мазкур аз нав эҳё шуда, доир кардани он ҳамасола ба ҳукми анъана даромада истодааст.

Вобаста ба ин, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми баргузории 80-солагии таъсиси Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (8 октябри соли 2011) гуфта буданд: «Меҳргон ба монанди Наврӯз таҷассумгари суннатҳои неки инсонист, ки файзу баракати хони пурнеъмати кишоварзонро инъикос менамояд. Бинобар ин, зарур аст, ки ҳар сол бо шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил карда шавад».

Ин таъкиди Роҳбари давлат асос гузошт, ки ба ин оини мардумӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир шавад, заминаи таърихӣ ва асосҳои миллию мардумии ин рукни фарҳанги ниёгон мавриди омӯзиш қарор гирад ва таҷлили он бо хусусиятҳои хоси маҳалҳо бо шаклу шеваи зарурӣ доир гардад.

Хеле хуб аст, ки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷашнҳои бостонӣ, ба монанди Наврӯз, Меҳргон, Сада ва Тиргон таваҷҷуҳ намуда, барои эҳёи дубораи онҳо бо тасвиби қарору фармонҳои расмии давлатӣ шароит муҳайё сохтаанд. Ҳамин муҳаббат ба миллат ва кишвар буд, ки бо ташаббуси Сарвари давлат ҷашни Меҳргон умри дубора гирифта, сол то сол мақбултар таҷлил мегардад. Ҳоло чанд сол аст, ки дар Тоҷикистон ҷашни Меҳргон дар пайванди Истиқлоли кишвар моҳи октябр таҷлил мегардад. Дар тамоми бозорҳои шаҳру ноҳияҳои кишвар мардум дастовардҳои кишоварзии соли равонро ба намоиш бароварда, гурӯҳҳои ҳунарӣ даста-даста дар фазои озод таронасароӣ, рақсу бозӣ ва шодмонӣ менамоянд.

Дар раванди ин ҷашн дар сайргоҳҳо барои хариду фурӯш маҳсулоти гуногуни кишоварзӣ бароварда мешавад ва бо нархи арзон мардум аз он маҳсулот мехаранд. Ҳамчунин, дар баъзе шаҳру ноҳияҳо намоишҳои махсуси театрӣ ба муносибати Меҳргон барпо менамоянд.

Бо боварӣ метавон гуфт, ки мардуми шарифи Тоҷикистон дар тамоми қаламрави кишвар ҷашни Меҳргонро мисли Наврӯз ҷашн гирифта, бо Сарвари ватандӯсту фарҳангпарваршон ифтихор намуда, баҳри пешрафти Ватани маҳбубамон боз ҳам бештар саъю талош менамоянд.

## САЙҚАЛИ ЗЕҲН

**Мураттиб: Ҳотами ҲОМИД**

## МУАММОИ «МАОРИФ»

Аз боло ба поён:

1. Муқобилмаънои «бемор». 2. Асбоби мусиқии миллии торӣ. 3. Муродифи «хомӯш». 4. «Танқид чу мағзи ***и шафтолу, Талх аст, вале меваи ширин дорад» (Алӣ Бобоҷон). 6. Абдулфараҷи *** , адиби асрҳои миёнаи адабиёти классикии тоҷику форс. 7. Дарахти ҳамешасабз. 10. Ба маънои «ҳеҷ гоҳ». 12. Истилоҳи илми забоншиносӣ. 14. Пайвандаки хилофӣ. 15. Шакли ҷамъи вожаи «мариз». 16. Қаҳрамони достонҳои «Шоҳнома» - и Фирдавсӣ. 18. Шахси ба дил наздик. 20. Ба манзил мерасонад. 22. Давлат дар қитъаи Аврупо. 23. Дарё дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. 25. «*** аз гиря кардан об мешуд дил, дили ман буд» (Мирзо Турсунзода). 29. Пайвандаки хилофӣ. 30. Мафҳуми хешутаборӣ. 31. Пешванди маконсоз. 32. Сайёҳи венетсиягии асрҳои 13-14. 33. Моддаи ғизоие, ки ба хӯрок лаззат мебахшад. 34. Қувваи бадӣ, ҳаммаънои шайтон.

Аз чап ба рост:

1. Шакли дигари вожаи «субҳ». 3. Ба он мева ва гул мегузоранд. 5. Ашёи синфхона. 7. Манораи баланди таърихӣ дар Бухоро. 8. Ҳосили зиндагӣ. 9. Ченаки масоҳат, ки устод С. Айнӣ дар «Ёддоштҳо» истифода бурдааст. 11. Миллат. 13. Навъи сафедор. 14. Шахсе, ки забонаш гӯё нест. 17. Ҳарфи алифбои ниёгон. 19. Уқёнус. 21. «Вомиқу ***». 23. Бахшидан, ҳадя кардан. 24. Себ бо забони ӯзбекӣ. 26. Дарёи калонтарини олам. 27. Пайвандаки шартӣ. 28. Як навъи гилем. 31.Иззату ***. 33. Раҳмат ***, Шоири халқии Тоҷикистон. 35. Пешоянди арабӣ, ки ҳамроҳиро ифода мекунад. 36. Шаҳр дар Бразилия, ки бо пойтахташ ҳамном аст. 37. Муродифи «зиёд». 38. Маҷмуаи очерку ҳикояҳои Бахтиёр Муртазоев. 39. Исми шоҳ дар «Шоҳнома» - и Фирдавсӣ.




**ҶАВОБҲОИ ЧАЙНВОРДИ “33-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН”**

1. Юдаков, 2. Варзоб, 3. Барно, 4. Озод, 5. Думбра, 6. Ахбор, 7. Роғун, 8. Нусратулло, 9. Ориён, 10. Нишон, 11. Норак, 12. Китоб, 13. Бечка, 14. Адҳамов, 15. Вақт, 16. “Тоҷикон”, 17. Нохун, 18. Наргис, 19. Сарбоз, 20. Зафар, 21. Рӯшон, 22. Нахчир, 23. ”Роҳат”, 24. Турсунзода, 25. Анор, 26. Расадхона, 27. Андеша, 28. Адрасмон, 29. Ноҳия, 30. Яккачинор, 31. Раҳимзода, 32. Афсар, 33. Ромб, 34. Балет, 35. Товус, 36. Спитамен, 37. Наврӯз, 38. “Зарринтоҷ”, 39. “Ҷумҳурият”, 40. Турсунов, 41. Ватан, 42. Назм, 43. Мудофиа.

# МУНДАРИЧА


СУХАНИ ПЕШВО

Таъриху фарҳанги миллати шарафманди тоҷик бо забони модарӣ пайванди узвӣ ва ногусастанӣ дорад....................1

ТАМАННИЁТ

Зи омӯзгорон ҷаҳон равшан аст....................3

БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ОМӮЗГОР

Р. РАҲМОНҚУЛОВ. Ду ситораи бомдодии маорифи Бадахшон....................5

ИФТИХОР

Д. АВАЗ. Дурахши офтоби Истиқлол....................7

СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

Р. СУЛАМАЕВА. Эҳтиром ба қонун яке аз талаботи асосии ҷомеаи ҳуқуқӣ мебошад....................9

ИДЕОЛОГИЯ

Д. АСАДОВА. Маънии зиндагии чист?....................11

КӮДАКИСТОН

Н. ЧУРАКОВА. Дилхушии кӯдакон - расмкашӣ бо ангуштон....................13

КИТОБҲОИ ДАРСӢ

А. ШАРИФЗОДА., А. РАҲИМЗОДА. Методи пешниҳоди курси математика барои хонандагони муассисаҳои таълимӣ....................15

МАЪРИФАТИ ЭСТЕТИКӢ

Б. ШАРАФЗОДА. Нақши тарбияи экологию зебоипарастӣ дар ташаккули худшиносии миллии наврасону ҷавонон....................20

ЗАБОН ДОНӢ-ҶАҲОН ДОНӢ

А. НАСРУДИНЗОДА. Воситаҳои аёнӣ ва нақши онҳо дар раванди дарсу машғулиятҳои забони англисӣ....................23

ИЛМҲОИ ДАҚИҚ

А. ШАРИФЗОДА. Давраи Эйлер - дурдонаи зебои геометрия....................25

РОБИТАИ МАКТАБ, ОИЛА ВА ҶОМЕА

У. САЙДАЛИЕВ. Се ниҳоди таъсиргузор дар таълиму тарбияи хонандагон....................29

БИОЛОГИЯ

Д. АМОНОВА, М. МИСПОХОВА. Аз гули хайрӣ чӣ гуна маводи доруӣ омода мекунанд?.......32

ФИЗИКА

С. ҲАЛИМОВА. Методи таълими мавзуи "Векторҳо"....................33

НАБЗИ МАОРИФ

Ш. ЗАРИФОВА. Ташаккули малакаҳои педагогии омӯзгорони оянда....................36

ТАРБИЯИ ФАРЗАНД

Е. КАЗИЕВА. Болҳои умеди ҳар инсон аст, китоб!....................39

ШЕВАҲОИ ТАЪЛИМ

Б. ҲАЙДАРОВ. Хониши адабӣ ва нақши он дар рушди маҳорат ва малакаи хонандагон...........43

МУАЛЛИМИ МАН

Ш. КАРИМЗОДА. Агар гӯӣ, ки битвонам, қадам дарнеҳ, ки битвонӣ....................46

РОҲНАМО БА ОМӮЗГОРОНИ ҶАВОН

М. БОБОНАЗАРОВА. Пирон сухан зи таҷриба гӯянд....................48

ИННОВАТСИЯ ВА ТАНДУРУСТӢ

Ш. МАСТОНОВА. Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва истифодаи онҳо дар коллеҷҳои тиббӣ.................... 50

РИСОЛАТ ВА ФАЪОЛИЯТ

Ӯ. ҚОСИДОВА. "Раҳбари дониш" - раҳнамои илму маърифат....................52

ОЛИМОНИ МО

М. ҒАЙРАТОВ. Пажуҳандаи асрори обҳои мусаффо ва кӯҳҳои пурганҷи Тоҷикистон................54

СУННАТҲОИ НИЁГОН

С. ҚОСИМӢ. Меҳргон - ҷашни меҳрубонӣ ва фаррух....................57

САЙҚАЛИ ЗЕҲН

Ҳ. Ҳомид. Муаммои "Маориф"....................62

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ МАҶАЛЛАИ «МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР»

**ШУРОИ МАШВАРАТӢ:**

**Раҳим САИДЗОДА,** вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор.

**Файзулло ШАРИФЗОДА,** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви пайвастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**Асадулло НАҶМИДДИНИЁН,** директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои физика ва математика.

**Раҳимдод АЗИЗБЕКОВ,** директори филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ВМКБ.

**Сироҷиддин БАНДАЕВ,** узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Бибиҳафиза МАҶИДОВА,** доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Абдулхай КОМИЛӢ,** директори Институти илмӣ-таҳқиқотии таърихи илмҳои табиатшиносӣ ва техникаи ДДБ ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

**Сайфуллоҳи МУЛЛОҶОН,** доктори илмҳои таърих, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Мамадҷон МАҲКАМОВ,** номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Давлат ИМОМНАЗАРОВ,** муовини сардори раёсати ташхис ва тақризи адабиёти таълимии ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**МУАССИС**

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Аз соли 1926 чоп мешавад.

**САРМУҲАРРИР**

**ДИЛАФРӮЗ ҚУРБОНЗОДА**

**ҲАЙАТИ ТАҲРИР:**

**Ҷамшед ҶӮРАЗОДА,** муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор.

**Шодӣ САФАРОВ,** президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ.

**Асадулло ШАРИФЗОДА,** номзади илмҳои физика ва математика.

**Ҳасан АЗИЗОВ,** муовини сармуҳаррир.

**М. АТОЗОДА,** муҳаррир.

**Қосимхуҷа НАЗАРОВ,** тарроҳ.

**А. САИДОВ,** масъули сомона.

«Маърифати омӯзгор» аз 25.07.2006 таҳти №001-3099 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шуда, дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис гардидааст.

- Дар маҷалла ба хотири гуногунандешӣ мақолаҳое низ чоп мешаванд, ки идораи нашрия метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулиятро ба дӯш нагирад.
- Идора маводро дар ҳаҷми то 8 саҳифаи компютерии ҳарфи андозаи 14-и Times New Roman Tj қабул менамояд.
- Чопи маводи нашрия бо нишон додани манбаъ ва ирсоли ҳатмии нусхаи он ба идораи маҷалла мумкин аст.
- Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.

**МОРО ДАР ҶАҲОНИ ИНТЕРНЕТ ҲАМРОҲӢ НАМОЕД**

СОМОНАИ "МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР"

ГУРӮҲИ ФЕЙСБУКИИ "МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР"

**Индекси обуна: 77570.**

**Андозаи 60х841/8.**

**Адади нашр 6410 нусха.**

**Дар матбааи «Табъу нашр» чоп шудааст.**

**Нархаш шартномавӣ.**

**E-mail: marifati.omuzgor@mail.ru**

**E-mail: m.omuzgor@maorif.tj**

**Сомона: marifatiomuzgor.tj**